**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИИСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 338:316 (575.3)**
**ТКБ: 65.5+65.9 (2) 245:60 (2 тоҷик)**
**Ҳ-27**

**ҲАКИМЗОДА МАТЛАБШОҲ АБДУМАЛИК**

# ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ

**(дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, аъзои вобастаи АМИТ**
**Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло**

**ДУШАНБЕ - 2026**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**............................................. 3
**МУҚАДДИМА**................................................................................................ 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ЗАМИНАИ РУШДИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТИИ ТАМОЮЛИ ИҶТИМОИДОШТА**
1.1.Ҷанбаҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ....................................................... 15
1.2.Хусусиятҳои иқтисодии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли махсуси низоми (системаи) соҳибкории иҷтимоӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳкими амнияти иқтисодӣ ........................................................ 31
1.3. Таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ...................................................................................................... 47

**БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТИИ ТАМОЮЛИ ИҶТИМОИДОШТА ВА АҲАММИЯТИ ОНҲО ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
2.1. Таҳлили фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини шуғл ва суботи иқтисодии маъюбон....................................................................... 63
2.2.Низоми (системаи) идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии беруна ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ ................................................................ 78
2.3. Саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар баланд бардоштани мақоми иқтисодии занон ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо.......................................................................................................... 94
2.4. Нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва рушди иқтисоди сабз ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодии Тоҷикистон............................................................................................... 110

**БОБИ 3. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТИИ ТАМОЮЛИ ИҶТИМОИДОШТА**
3.1. Тавсияҳои методии ташкили системаи арзёбии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар доираи раванди таҳкими амнияти иқтисодӣ...................................................................................................... 128
3.2. Такмили усулҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ.......................................................................... 139
3.3. Равишҳои методии ислоҳоти низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ................................................................................... 154
**Хулосаҳо**.......................................................................................... 169
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**.................... 172
**Рӯйхати адабиёт**................................................................................ 175
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**............................................ 196
**Замимаҳо**......................................................................................... 199

## Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ

**БАТР** – Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд
**ВАО** – воситаҳои ахбори омма
**ВОИС** – (Всемирная организация интеллектуальной собственности) Ташкилоти умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ
**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
**ММД**-маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
**ПСМ** – партовҳои сахти маишӣ
**СИ**- соҳибкории иҷтимоӣ
**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид
**СМР** – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030
**СҲИР** – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд
**ТБМ** – тақсимоти байналхалқии меҳнат
**ТҒТ** – ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ
**ТҒҲ** – ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ
**ЮНИФЕМ** – Фонди рушди СММ барои занон
**CRM** (Customer Relationship Management) – Идоракунии муносибати муштариён
**GIZ** (gesellschaft für internationale zusammenarbeit) – Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ
**ICNPO** (International Classification of Non-Profit Organizations) – Таснифоти байналмилалии ТҒТ
**ISIC** (International Standard Industrial Classification of All Economic Activities) – Таснифи байналмилалии стандартҳои соҳавии тамоми фаъолиятҳои иқтисодӣ
**OWWA** (Overseas Workers Welfare Administration) – идораи таъмини кормандон дар хориҷа
**TRF** (Thomson Reuters Foundation) – Созмони хайриявии Лондон
**UNDP** – Барномаи рушди СММ оид ба баробарии гендерӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир, новобаста аз сатҳи тараққиёти низоми иҷтимоию иқтисодӣ, афзоиши нобаробари сатҳу сифати зиндагии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, бекорӣ, нокифоягии истеҳсоли молу хизматҳои аҳаммияти иҷтимоидошта, мураккабии ҳамгироии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ба фазои иқтисодию иҷтимоӣ дида мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» ҳамчун категорияи алоҳидае баррасӣ мешавад, ки маҳфуз нигоҳ дошта шудани хоҷагии миллиро дар баробари таҳдидҳою чолишҳои мухталиф мефаҳмонад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта самаранокии истифодаи равиши комплексиро нисбат ба арзёбии ҳолати амнияти иқтисодӣ, бо унсурҳои таркибии он, аз қабили сатҳи шоистаи зиндагӣ, ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир, коҳиши набаробарии иҷтимоиро собит месозад, ки дар ҷараёни он зарурати дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, имконияҳои баробар барои иштирок дар иқтисодиёт, коҳиш додани осебпазирии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ба миён меояд.

Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи назарраси аҳолии мансуб ба гурӯҳи осебпазир, аз ҷумла маъюбон, занон, ки аз равандҳои муҳоҷират зарар дидаанд, инчунин онҳое, ки ба таъсири манфии муҳити зист дучор шудаанд, хос мебошад. Мутаассифона, механизмҳои анъанавии дастгирии иҷтимоии давлат ба маҳдудиятҳои назаррас дучор мегардад, ки ин зарурати фаъол гардонидани нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратиро (ТҒТ) дар ҷомеа ҳамчун институти ҳифзи иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ муайян мекунад.

Дар пасманзари гузариш ба иқтисодиёти индустриалию аграрии ба инноватсияҳо асосёфта, чунин ба назар мерасад, ки мукаммалгардонии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта, дар баробари ҳаллу фасл гардидани дигар мушкилоти ҷомеа, ба сатҳи таъмини амнияти иқтисодӣ метавонад таъсири мусбат расонад.

Дар ин замина таҳқиқоте, ки ба такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта бо дарназардошти вижагиҳо ва ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолии Тоҷикистон нигаронида шудааст, муҳиммияти хос пайдо мекунад. Равиши мазкур на танҳо ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, балки ба таҳкими амнияти иқтисодии кишвар дар маҷмуъ, коҳиш додани хавфи нобаробарии иҷтимоӣ ва ноустувории иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоянд, ки Тоҷикистон ба масоили таъсиси ҳарчи бештари ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкорӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва хонагӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир менамояд [9]. Аз ҷумла дар Паёме, ки 28-уми декабри соли 2023 ироа гардид, иброз доштанд, ки: «Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар соли 2023 қабул гардидани Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040 ва Барномаи маҷмуии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта мусоидат менамояд» [10].

Дар шароити маҳдуд будани захираҳои молияи давлатӣ ва «нокомии бозор» на ҳамаи самтҳои аҳаммияти иҷтимоию иқтисодидошта дастгирӣ меёбанд. Дар ин ҳолат афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ ба ТҒТ ҳамчун ниҳоди институтсионалии иловагии мусоидаткунанда дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии вуҷуддошта ба миён меояд.

Тибқи маълумоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, айни замон дар кишвар ҳудуди 2000 адад ТҒТ ба қайд гирифта шудааст. Ҳамзамон, дар соли 2024 зиёда аз 48 адад ТҒТ-и нав ба қайд гирифта шудааст [30] ва зиёда аз 295 адад дар самти фаъолияти тамоюли иҷтимоидошта амал менамоянд [43]. Аз ҷумла, аз шумораи умумии ТҒТ-и амалкунанда 56 ташкилот дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ амал менамоянд [42].

Ҳамзамон, таҳқиқот нишон дод, ки фаъолияти ташкилотҳои мазкур дар ҷумҳурӣ на танҳо кам омӯхта шудааст, балки бо мушкилоту муаммоҳои марбут бо дастгирии нокифояи институтсионалӣ, маҳдуд будани захираҳои

молиявӣ, набудани низоми муосири идоракунӣ ва рақамикунонӣ рӯ ба рӯ мегардад. Дар баробари ин, таҳқиқи масъалаҳо дар ҳошияи амнияти иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва идоракунии ТҒТ бо ҳам алоқаманд буда, аҳаммияти илмӣ ва амалии онро муайян мекунанд.

Дар робита ба ин, омӯзиши асосҳои назариявии ташаккул ва фаъолияти ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта ва роҳҳои такмили низоми идоракунии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи таҳкими амнияти иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба таҳқиқи шуғлнокии маъюбон, бозори меҳнат, мушкилоти экологӣ ва муҳити зист ва иртиботи онҳо бо масоили таҳкими амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ-таҳқиқотии зиёд гузаронида шудааст. Аз ҷумла дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватанӣ Ш.Б. Ҷонмамадов [69], Д.С. Амонова [59], А.Б. Мирсаидов [65], Ҳ.Р. Раҳимзода [60], Р.М. Бобоҷонов [48], А.Л. Алимов [48], Л.Ҳ. Саидмуродзода [66], А.Ҷ. Гадоев [72], Х.Ғ. Ҷураев [74], Ш.Ш. Қодиров [41], М.И. Мирбобоева [64], ва дигарон андешаҳо оид ба таҳкими амнияти иқтисодӣ, шуғлнокӣ ва дигар масоили марбут ба фаъолияти ТҒТ оварда шудааст.

Дар омӯзиши масъалаҳои назариявии ташаккул ва фаъолияти ТҒТ, аҳаммияти онҳо дар иқтисодиёт аз ҷониби олимони хориҷӣ, ба монанди С.К. Алтер [20], Г. Бейкер [52], Х.Б. Хасман [53], Т. Левитт [54], Г.Б. Мэдисон [55], М. Ховард [50], Л.М. Саламон [56, 57, 58], К.Е. Косигина [61], А.Г. Леонтева [62] ва дигарон таҳқиқоти арзишманд анҷом дода шудааст. Ҳамзамон, хусусиятҳои ТҒТ ва дар баъзе мавридҳо шаклгирии онҳо ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ дар алоқа ба масоили таҳкими амнияти иқтисодӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии А. Этзион [70], А.В. Гришенко [73], А.Я. Лившин [63], Г. Дис [14, 24], Г.Г. Волкова [71], М. Юнус [51], О.М. Сакович [67], С.М. Сафаров [68] ва дигарон ба назар мерасад.

Таҳқиқоту ақидаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ заминаи назариявию методологии пажӯҳиши мазкурро ташкил медиҳанд. Аммо, мавриди зикр аст,

ки новобаста аз омӯзиши васеъ дар самти фаъолияти ТҒТ, аз ҷумла ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта, ҷанбаи мукаммалгардонии низоми идоракунии онҳо дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ дар ҳошияи таҳкими амнияти иқтисодӣ ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Ин имкон медиҳад, ки дар кори диссертатсионии мазкур доир ба такмили низоми идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодии кишвар мулоҳизаронӣ шавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 26 сентябри соли 2020, №503, дар заминаи масъалаҳои иқтисодиёт, вусъати шуғли пурмаҳсул, экология ва ҳифзи муҳити зист ҷавобгӯ мебошад. Муҳимтар аз ҳама, таҳқиқоти мазкур ба татбиқи амалии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ», ки моҳи январи соли 2025 қабул шудааст, мутобиқат мекунад. Ҳамзамон, бо нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва моделсозии рушди иқтисоди миллии кишвар алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** асосноккунии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии такмили низоми идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ марбут бо масоили таҳкими амнияти иқтисодӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Вобаста ба мақсади мазкур дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерини аз ҷиҳати мантиқӣ бо ҳам алоқаманд баррасӣ карда мешаванд:

- асосноккунии усулҳои дастгирии ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта ва нақши онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодии кишвар;

- ошкор кардани самтҳои ташкилӣ-иқтисодии шаклгирии фаъолияти ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазири ҷомеа ва таъсири он ба амнияти иқтисодии кишвар;
- таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба такмили низоми идоракунӣ дар фаъолияти ТҒТ ва арзёбии фаъолияти онҳо дар асосноккунии нишондиҳандаҳои иҷтимоии ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ;
- муайян намудани усулҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии такмили низоми идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ.

**Объекти таҳқиқот** фаъолияти ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахшҳои иҷтимоии осебпазир, хусусан дар ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, муҳоҷирати меҳнатии муташаккил, ба фазои иқтисодӣ ҷалб намудани занон, инчунин ҳалли масоили экологӣ ва тавсеаи иқтисоди сабз, ҳамчун яке аз самти таҳкими амнияти иқтисодии кишварро дар бар мегирад.

**Мавзуи таҳқиқот** низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ-иқтисодие мебошад, ки ба таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи такмили низоми идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир алоқаманданд.

**Фарзияи таҳқиқот**. Дар таҳқиқот консепсияи илмие асоснок карда шудааст, ки таҳким бахшидани иқтидори ТҒТ унсури таркибии таъмини амнияти иқтисодӣ мебошад. Асоснок гардидааст, ки дар шароити иқтисоди рушдёбанда барои ҳавасмандсозии тавсеаи фарогири иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ танҳо истифодаи механизмҳои давлатӣ кифоя нест. Аз тарафи дигар, ба ташкилотҳои мазкур чандирии зиёд, наздикӣ ба гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ ва имкониятҳои таъсиррасонии инфиродӣ хос буда, дар ҳоли ҳозир фаъолияти онҳо дар доираи як низоми муназзаму мураттаб ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, фарзияи илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки омӯзиш, таҳқиқи фаъолияти ТҒТ ва такмили низоми (системаи) идоракунии онҳо дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир метавонад дар таҳкими амнияти иқтисодӣ, паст кардани шиддати мушкилоти иҷтимоии ҷойдошта, аз

ҷумла ҷалби қишри осебпазири ҷомеа ба муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ дар кишвар, мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** муқаррароти консептуалие ташкил медиҳанд, ки олимони хориҷию ватанӣ дар таълифоти худ оид ба фаъолияти ТҒТ ва аҳаммияти онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодӣ, дар заминаи фаъолият дар бахшҳои иҷтимоии осебпазир, аз қабили ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, муҳоҷирати меҳнатии муташаккил ва ҷалби занон ба фазои иқтисодӣ, инчунин ҳалли масоили экологӣ ва тавсеаи иқтисоди сабз ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар диссертатсия методҳои дарки илмӣ, ба монанди гурӯҳбандӣ, баҳодиҳии сифатию микдорӣ, таҳлили қиёсӣ, баҳогузорӣ дар асоси пурсишҳо истифода гардидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Дар таҳқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои ТҒТ, маълумоти сомонаҳои расмӣ ва дигар сарчашмаҳо истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар давраи таҳсили докторантура (PhD) солҳои 2019-2022 ва таҳқиқот дар шуъбаи мазкур таҳия гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст мукаммалгардонии низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ фаъолият мекунанд, ҳамчун унсури таркибии таҳкими амнияти иқтисодии кишвар асоснок ва бо ҳамин консепсияи таъмини амнияти иқтисодӣ васеътар карда шудааст. Дар кор унсурҳои асосии илмӣ, ки ҷанбаи навгонӣ доранд, асоснок ва пешниҳод шудаанд:

- консепсияи таъмини амнияти иқтисодӣ аз ҷониби муаллиф пурра гардонида шудааст, ки бо дарназардошти ворид кардани усулҳои дастгирии

ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта ва мукаммалгардонии идоракунии онҳо ба таъмини он ноил гардидан мумкин аст. Зимнан, ҳамчун усулҳои муассири дастгирӣ тадбирҳои институтсионалӣ, молиявию буҷетӣ ва андозӣ асоснок ва пешниҳод шудаанд;

➢ барои равшантар кардани нақши ТҒТ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ, шаклҳои муассири ташкилию иқтисодии онҳо дар самти иҷтимоиёт пешниҳод шудаанд, ки марбут ба фарогирии иқтисодии табақаҳои осебпазир (дар навбати аввал, маъбон) бо шуғли пурмаҳсул, рушди иқтисодиёти сабз, фарогирии ҷанбаҳои гендерӣ, коҳиши ҷараёнҳои муҳоҷират мебошанд;

➢ масоили назариявии таҳкими амнияти иқтисодии кишвар дар асоси муайян намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоии ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ тавассути таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба такмили низоми (системаи) идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ ва арзёбии фаъолияти ТҒТ пешниҳод карда шудааст;

➢ таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи муайян намудани усулҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии мукаммалгардонии низоми идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

➢ усулҳои молиявӣ, буҷетӣ, андозӣ ва институтсионалии дастгирии ТҒТ-е, ки дар соҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири ҷомеа машғуланд, аз ҷумла ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, муҳоҷирати меҳнатии муташаккил ва ҷалби занон ба фазои иқтисодии кишвар, инчунин ҳалли мушкилоти экологӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд;

➢ шакли камтар истифодашудаи ташкилии ТҒТ дар намуди корхонаи иҷтимоӣ асоснок ва нақши соҳибкории иҷтимоӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ нишон дода шудааст, ки бо роҳандозии тадбирҳои зерин имконпазир мегардад: 1) ташкили ҷойҳои корӣ ба маъюбон; 2) ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии беруна (диверсификатсиякунонӣ ва муташаккилии

ҷараён; ташкили ширкатҳои рекрутингӣ; баланд бардоштани маърифати молиявӣ-ҳуқуқӣ, тахассуснокӣ ва забономӯзӣ; раванди реинтегратсионӣ; таъсиси платформаҳои онлайнӣ ва ғ.); 3) ҷалби занон ба фазои иқтисодии кишвар ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеа (баланд бардоштани маърифати молиявӣ-ҳуқуқӣ ва малакаҳои идоракунӣ; тавсеаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо; рушди соҳибкорӣ ва худиштиғолӣ, аз ҷумла бо роҳи ҷалби грантҳо дар ин самт; 4) рушди кишоварзии экологӣ ва «иқтисодиёти сабз», ташаккули фарҳанги муносибати эҳтиёткорона бо табиат ва муҳити атроф, ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти иқтисодии кишвар;

- равиши комплексии иборат аз се ҷанбаи таркибӣ – институтсионалӣ, системавӣ, самараи таъсир (impact assessment) дар масоили таҳкими амнияти иқтисодии кишвар ва муайян намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоии ҳадди ақали амнияти мазкур асоснок ва манзур шудааст, ки аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз қабили сатҳи бекорӣ, фарогирӣ бо шуғл, шохиси рушди инсон, дараҷаи камбизоатӣ, бо баинобатгирии тағйирёбии онҳо дар асари мукаммалнамоии раванди идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта иборат мебошанд;

- методикаи ҳамгироии истифодабарии маҷмуи усулҳои мукаммалгардонӣ (усулҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ) дар низоми идоракунии фаъолияти ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки татбиқи амалии усулҳои зикршуда имкон медиҳад самаранокии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва кам кардани хавфҳо афзоиш ёфта, шароити институтсионалӣ ҷиҳати рушди ташаббусҳои инноватсионӣ ва устувории фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ фароҳам омада, ҳамкории давлат бо ин қабил ташкилотҳо боиси болоравии эътимоди мардум, афзоиши чорабиниҳои иҷтимоӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ, таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ мегардад;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки аксари хулосаҳо ва

пешниҳодот ҷиҳати дарки мубрамияти фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, самтҳои фаъолияти онҳо дар кишвар бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ, ҳамчунин бо муайян намудани роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ мусоидат хоҳанд кард.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои зимни таҳқиқот бадастомадаро метавон ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводи методӣ доир ба фанҳои «Амнияти иқтисодӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ» ва «Иқтисодиёти меҳнат» истифода бурд. Ҳамзамон, тавсияҳои методии фаъолгардонии соҳибкории иҷтимоӣ дар фаъолияти ТҒТ метавонад дар таҳкими амнияти иқтисодии кишвар истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия**. Тавассути омӯзиши адабиёти марбут ба мавзуи таҳқиқот эътимоднокии маълумот, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои омории таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда шудааст. Хулоса, пешниҳодот ва тавсияҳои методӣ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ таҳия гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) вобаста ба бандҳои:

1. Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои таснифӣ (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва афзорҳои танзими он;

3. Таҳияи методҳои нав ва мутобиқгардонии методҳои мавҷуда, механизмҳо ва афзорҳои баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ;

5. Захираҳои корпоративии таъиноти стратегӣ ва амнияти иқтисодӣ (сармояи асосӣ ва гардон, захираҳои инсонӣ, иқтидори пешрафти илмию техникӣ, таъминоти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ);

6. Ҷанбаҳои ташкилию методологӣ ва методии таъмини амнияти иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ**. Муаллиф консепсияи таҳкими бисёрсатҳаи амнияти иқтисодиро, ки дар татбиқи он фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии ба иҷтимоиёт нигаронидашуда ҳамчун афзори таъмини амнияти иқтисодӣ ҳам дар сатҳи фарди алоҳида ва ҳам дар сатҳи ҷомеа баромад мекунад, таҳия ва илман асоснок кардааст. Дар диссертатсия бори нахуст вобастагии мустақими байни сатҳи амнияти макроиқтисодӣ ва сифати идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун низоми субъектҳои фаъоли иқтисодӣ ошкор ва исбот карда шудааст. Ҳамчунин, ҳамаи давраҳои таҳқиқот, аз интихоби мавзуи илмӣ, вазифагузорӣ, ҷамъоварии маводу маълумоти оморӣ, таҳқиқи адабиёти илмии соҳавӣ, то таҳияи диссертатсияи мукаммали илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба анҷом расида, натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфузи тақризшаванда ва конференсияҳои сатҳи гуногун маъруза гардида, мақбул дониста шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Муқаррароти асосӣ, хулоса ва натиҷаҳои назариявию амалии кори таҳқиқотии мазкур дар якчанд конференсияи илмӣ-амалӣ ва назариявии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва ғайра баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ», ш. Душанбе, 26.11.2021; конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ ба ифтихори ҷашни 25-солагии Ваҳдати миллӣ, ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гаштани солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат" таҳти унвони «Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар», ш.Хуҷанд, 27.05.2022; Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане: материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 17 февраля 2023 года; конференсияҳои

илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба Солҳои рушди саноат (2022-2026), ш. Душанбе, 06.05.2023; «Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», ш. Душанбе, 23.12.2023; «Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ», ш. Душанбе, 30.11.2024; Конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе таҳти унвони «Нанотехнология, иқтисоди рақамӣ, ғизои экологӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар деҳот» бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаҳои илму маориф» (2020-2040), 20-24-уми апрели соли 2021 дарҷ гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 мақола, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, 6-то дар конференсияҳои байналмилалӣ ва 2-то дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Вобаста ба мақсаду вазифаҳои муайяншудаи таҳқиқот, диссертатсия аз муқаддима, се боб, аз ҷумла даҳ зербоб, хулоса, пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 212 саҳифа омода гардида, 38 ҷадвал ва 10 расмро фаро гирифтааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ЗАМИНАИ РУШДИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТИИ ТАМОЮЛИ ИҶТИМОИДОШТА

## 1.1. Ҷанбаҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ

Дар шароити кунунӣ ТҒТ ҳамчун ниҳоди калидии низоми таъмин ва таҳкими амнияти иқтисодии давлатҳо амал намуда, дар ташаккули сармояи иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии ҷомеа ва коҳиш додани хатарҳои иҷтимоию иқтисодӣ саҳми мусбат мерасонанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши чолишҳои фаромарзӣ ТҒТ байни давлат, соҳибкорон ва ҷомеа нақши миёнаравиро иҷро намуда, мутобиқшавии табақаҳои осебпазири аҳолиро ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ таъмин менамояд ва ба ин васила, дар пешгирии ҳолатҳои бухронӣ иштирок менамояд. Фаъолияти онҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ бевосита ба устувории иқтисоди миллӣ, кам намудани таҳдидҳои марбут ба нобаробарӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ таъсир мерасонад чунин ташкилотҳоро унсури муҳимми низоми амнияти иқтисодӣ месозад.

Тавре ки маълум аст, давлат на ҳама вақт имкони ҳимояи пурраи манфиатҳои категорияҳои гуногуни аҳолӣ, хусусан маъюбон, занон, муҳоҷирон ва дигар қишри осебпазири аҳолиро дорад. Дар ин замина ТҒТ ҳамчун субъектҳои муассири ҳамгироии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва омили коҳиш додани шиддати иҷтимоии кишвар нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Тибқи маълумоти дар адабиёти иқтисодӣ овардашуда, амнияти иқтисодӣ мафҳуми бисёрсатҳа буда, аз як тараф, масоили марбут ба амнияти инфиродӣ – сатҳи зиндагӣ, дастрасӣ ба таҳсилот ва тандурустӣ, шуғл, ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва ғайраро дар бар мегирад, аз ҷониби дигар бошад, масъалаҳои амнияти миллӣ, аз ҷумла масъалаҳои устувории системаҳои давлатӣ ва бухронҳо, камбизоатӣ, табақабандии иҷтимоӣ ва ғайраро фаро мегирад [101].

**Ҷадвали 1.1. - Мавқеи муҳаққиқон доир ба таърифи амнияти иқтисодӣ**

| Муаллиф | Тафсирот |
|---|---|
| **Л.И. Абалкин** | Амнияти иқтисодиро ҳамчун маҷмуи шароитҳо ва омилҳо, ки мустақилияти иқтисодиёти миллӣ, устуворӣ, қобилияти доимии навсозӣ ва худтакмилёбии онро таъмин месозанд, тавсиф менамояд [136]. |
| **Б.А. Райзберг** | Таҳти амнияти иқтисодӣ маҷмуи шароитҳои аз ҷониби давлат фароҳамгардида дар назар дошта мешавад, ки ба масъалаи роҳ надодани таҳдидҳои дохиливу берунаи иқтисодиро ба иқтисодиёти миллӣ кафолат медиҳанд [109]. |
| **Барри Гордон Бузан** | Амнияти иқтисодиро дар се сатҳ баррасӣ мекунад: инфиродӣ, гурӯҳӣ ва синфӣ. Ба фикри ӯ, дар сатҳи амнияти иқтисодии инфиродӣ, ба андозаи дастрасии шахс ба маводи ниёзи аввалия (хӯрок, об, манзил ва таҳсил) дахл дорад. Дар сатҳҳои баландтар, идеяи амнияти иқтисодӣ доираи васеи баҳсҳои сиёсиро дар сатҳи баланд ба вуҷуд меорад, ки ба шуғл, тақсимоти даромад ва некуаҳволӣ дахл дорад [121]. |
| **В. Сенчагов** | Амнияти иқтисодӣ рушди устувори иқтисодиёт, давлатро, ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ, сифати баланди идоракунӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ таъмин менамояд [140]. |
| **Г.С. Вечканов** | Амнияти иқтисодӣ ин категорияи иқтисодӣ буда, чунин вазъи иқтисодиётро тавсиф мекунад, ки дар он рушди устувори иқтисодӣ, қонеъгардонии муносиби талаботи иҷтимоӣ, идоракунии оқилона ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ таъмин карда мешавад. Амнияти иқтисодӣ ҷузъи муҳимтарини амнияти миллӣ, таҷкурсии моддии он мебошад [100]. |
| **Роберт Мандел** | Амнияти иқтисодӣ ин миқдори нигоҳдорӣ ва беҳбуди тарзи зиндагии мардуми ҷомеа тавассути таъмини молу ва хидматрасониҳо тавассути роҳҳои фаъолияти дохилӣ ва иштирок намудан дар бозорҳои байналмилалӣ мебошад [110]. |
| **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»** | «Амнияти иқтисодӣ – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд» [5]. |
| **Л.Ҳ. Саидмуродзода** | «Амнияти иқтисодӣ дар худ маҷмуи шароитҳои дохилию берунӣ, рушди босамари динамикаи иқтисодиёти миллӣ, қобилияти қонеъгардонии ҷомеа, давлат ва фард, таъмин намудани рақобатпазирӣ дар бозорҳои беруна, таъмини ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ, кафолати ҳимояи ҷумҳурӣ аз шаклҳои гуногуни хатарро таҷассум менамояд» [159]. |
| **А.Б. Мирсаидов** | «Амнияти миллии иқтисодӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро оид ба нигоҳ доштани такрористеҳсоли устувори иҷтимоӣ дар он сатҳи рушд, ки ба зиндагии муътадили аъзои ҷомеа, шуғли аҳолӣ, имконияти рушди минбаъдаи иқтисодӣ, мувозинати ҳолати ҳамаи унсурҳои низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, инъикос менамояд» [152]. |

*Идомаи ҷадвали 1.1.*

| Муаллиф | Тафсирот |
|---|---|
| **Х.Ғ. Ҷураев** | «Тахти амнияти иқтисодӣ ҳолати ҳимояшудаи манфиатҳои иқтисодии субъект (давлат, минтақа, корхона, шахс) аз таҳдидҳои беруна ва дохилии манфӣ фаҳмида мешавад» [176]. |
| **Мавқеи муаллиф** | Амнияти иқтисодӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ маҷмуи шароит, институтҳо, механизмҳо ва сиёсати давлатиро, ки ба таъмини устувории низоми иқтисоди миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва ҷомеа, пешгирӣ ва коҳиши таҳдидҳои дохилию берунӣ равона шудаанд, дар бар мегирад. Дар доираи амнияти иқтисодӣ на танҳо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, балки омилҳои иҷтимоӣ, институтсионалӣ ва инсонӣ низ аҳаммияти калон доранд. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» чунин омадааст: «амнияти миллӣ – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ мебошад» [5]. Мутобиқи қонуни мазкур сохтори амнияти миллиро метавон чунин тасвир кард (расми 1.1).




***Расми 1.1. - Сохтори амнияти миллӣ мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон***
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Мутобиқи моддаи 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», доир ба маблағгузории таъмини амният чунин муқарраррот муайян шудааст: «маблағгузории фаъолият оид ба таъмини амният вобаста ба мазмун ва миқёси барномаҳо, хусусияти ҳолатҳои фавқулода ва оқибатҳои онҳо аз

ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад» [5]. Вобаста ба ин, метавон қайд кард, ки шаклгирии ТҒТ ҳамчун корхонаи иҷтимоӣ ва соҳибкории иҷтимоӣ ва дар ин замина, ба даст овардани устувории молиявии онҳо метавонад дар маблағгузории таъмини амнияти иқтисодӣ мусоидат намоянд.

Вобаста ба вазъи муосир, ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар фаъолияти ТҒТ яке аз омилҳои самараноки рушди иҷтимоию иқтисодии давлат маҳсуб меёбад. Дар шароити гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ ҳалли масоили иҷтимоӣ ба сифати механизми мукаммалгардонии соҳаҳои иқтисодиёт баромад мекунад. Вобаста ба ин, ба самти ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар фаъолияти ТҒТ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт диққати хосса зоҳир карда мешавад. Бинобар ин, ҷанбаҳои иҷтимоиро дар фаъолияти ТҒТ метавон дар заминаи таъмини амнияти иқтисодӣ баррасӣ намуд.

Дар марҳилаи кунунӣ зарурати фаъолияти ТҒТ дар он ифода меёбад, ки дар низоми иҷтимоию иқтисодии ҷаҳони муосир миёни давлат - ҳамчун эҷодкунандаи неъматҳои иҷтимоӣ ва қишрҳои ниёзманди аҳолӣ, бояд механизми пайванди миёна вуҷуд дошта бошад, то ин сохторҳо тавассути иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ гаронии буҷет ва мушкилоти иҷтимоиро сабук намуда, дар қонеъ намудани талаботи гуногуни ҷомеа саҳми назаррас гузоранд.

Бархе аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ТҒТ ҳамчун шарики давлат дар ҳалли масоили иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ баромад мекунад (ҷадвали 1.2).

Вобаста ба ҷадвали 1.2 қайд кардан зарур аст, ки ТҒТ шарики давлат дар ҳалли масоили иҷтимоӣ ҳисоб ёфта, дар рушди бозори хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат аҳаммияти хосса дошта, фаъолияти самараноки онҳо яке аз унсурҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо маҳсуб меёбад. Бояд қайд кард, ки фаъолияти самараноки онҳо дар ҳалли масоили иҷтимоӣ на танҳо унсури муҳимми рушди ҷомеа, балки ҳамчун

омили калидии таҳкими амнияти иқтисодӣ тавассути коҳиш додани хатарҳои иҷтимоӣ бароманд менамояд.

**Ҷадвали 1.2. - Мавқеи муҳаққиқон доир ба зарурати фаъолияти ТҒТ дар ҳалли масоили иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ**

| Муаллиф | Тафсирот |
|---|---|
| **А.В. Гришенко** | «Иштироки ТҒТ ҳамчун таъминкунандаи муассири хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ бо самтҳои рушди бозори хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки дар сатҳи давлатӣ муайян шудаанд, алоқаманд аст, яъне ТҒТ муҳимтарин манбаи стратегии навсозии соҳаи иҷтимоӣ мебошад» [174]. |
| **К.Е. Косигина** | «Мавҷудияти ТҒТ бо он шарҳ дода мешавад, ки онҳо талаботи истеъмолкунандагонро ба неъматҳои ҷамъиятие, ки аз ҷониби давлат ва бозор қонеъ карда нашудааст, қонеъ мекунанд» [147]. |
| **В.Р. Горячева** | «ТҒТ шарикони стратегии давлат ва соҳибкорӣ гардида, ба баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати сармоягузорӣ дар ҳама гуна соҳаи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд» [144]. |
| **Л.И. Никовская В.Н. Якиметс** | «Сиёсати пурраи иҷтимоии давлат ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки давлат якҷоя бо субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ стратегия ва афзалиятҳои сиёсати иҷтимоиро таҳия намуда, татбиқи амалии онҳоро бо саъю кӯиши якҷоя ташкил намояд» [155]. |
| **К.Ю. Вениченко И.В. Гелета** | «Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бахши сеюм таносуби муайяни манфиатҳоро байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ба вуҷуд меорад, ки қобилияти пурра қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятиро надоранд» [142]. |
| **И.В. Бабичев С.В. Демина** | «ТҒТ ҳадафи беназиреро иҷро мекунанд, ки камбудиҳои сиёсати иҷтимоии давлатро пурра мекунанд» [139]. |
| **В.Н. Скворцсов** | «ТҒТ миёнарав дар байни ҷомеа ва давлат мебошанд» [161]. |
| **Луғати истилоҳоти тиҷоратӣ Academica.ru** | «ТҒТ ин ташкилот, шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки гирифтани фоида ҳадафи фаъолияти он набуда, ҳуқуқ дорад дар баъзе мавридҳо ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул шавад, вале танҳо барои ҳалли масоили ғайритиҷоратӣ. ТҒТ аз ҳисоби зиёдии даромад аз хароҷоти фаъолияти тиҷоратӣ андоз аз даромад месупорад» [52]. |
| **Луғати муосири тафсирӣ classes.ru** | «ТҒТ шахси ҳуқуқӣ буда, ҳадафи асосии фаъолияташ ба даст овардани фоида нест» [54]. |
| **Мавқеи муаллиф** | ТҒТ ҳамчун сохтори ҷамъиятӣ дар асоси принсипҳои иҷтимоӣ фаъолият намуда, ҳадафи онҳо мусоидат ба ҳалли мушкилоти ҷомеа ва таъмини устувории иҷтимоию иқтисодии кишвар равона шуда, дар заминаи татбиқи барномаҳои дастгирии иҷтимоӣ, ҳамоҳанг намудани манфиатҳои ҷомеа ба сиёсати давлатӣ ва коҳиши хавфҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба таҳкими пояҳои амнияти иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқотии рисолаи мазкур бояд қайд намуд, ки ТҒТ ба таҳкими амнияти иқтисодии кишвар тавассути:

- дастгирии фаъолияти иқтисодии табақаҳои осебпазири аҳолӣ;
- рушди сармояи инсонӣ;
- кам кардани сарбории иҷтимоии буҷет;
- сафарбар намудани захираҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра мусоидат мекунад.

Фаъолияти ТҒТ доираи васеи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодиро дар бар гирифта, моҳиятан ба миёнаравӣ байни давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа равона шудааст. Вазифаҳои чунин ташкилотҳо баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, рушди маорифу тандурустӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки давлатию хусусӣ, ҳамзамон иштироки фаъол дар ҳалли масоили экологӣ ва дигар самтҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ аст, ки на ҳамеша аз ҷониби давлат пурра фаро гирифта мешаванд.

Дар доираи низоми фаъолияти ТҒТ намудҳои гуногуни чунин ташкилотҳо, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои динӣ, шарикии ғайритиҷоратӣ, фондҳо, ассотсиатсияҳо ва ғайра вуҷуд доранд. Сарчашмаи маблағгузории фаъолияти чунин ташкилотҳо гуногун аст, аз ҷумла саҳми намояндагон, аъзоҳаққӣ, хайрияҳо, дивиденд аз рӯи коғазҳои қиматнок, дастгирии давлатӣ, грантҳо, даромад аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра. Вобаста ба мавзуи таҳқиқот метавон қайд кард, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан ба соҳибкории иҷтимоӣ машғул шудани ТҒТ метавонад барои ба даст овардани мустақилияти молиявии онҳо мусоидат намояд.

Неъматҳои иҷтимоие, ки ТҒТ ба табақаи аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир пешниҳод менамоянд, метавонад ба манфиати тамоми ҷомеа истифода бурда шаванд. ТҒТ зимни фаъолияти худ ба муайян намудани сабабҳо ва омилҳои бавуҷудоии маргинализатсияи иҷтимоӣ мусоидат намуда, ба гурӯҳҳои дахлдори мақсаднок имкони ба даст овардани имтиёзҳои қаблан дастнорасро фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки гурӯҳи аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ин категорияи шаҳрвандоне мебошанд, ки бо сабабҳои иҷтимоӣ, иқтисодию

равонӣ дар вазъи ногувор қарор доранд. Ба онҳо метавон маъюбон, пиронсолон, занони танҳо, муҳоҷирон, ҷавонони то 18 сола ва ғайраро дохил кард. Ҳар яки ин гурӯҳҳо дорои хусусиятҳои хоси иҷтимоию иқтисодии худ буда, ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дастгирӣ ниёз доранд. Ин хусусиятҳо метавонанд чунин бошанд:

- дастрасии маҳдуд ба захираҳои иқтисодию иҷтимоӣ;
- таҳдиди табъиз ва маргинализатсия;
- эҳтиёҷоти гуногуни иҷтимоию равонӣ;
- равобити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ.

Тавре ки маълум аст, дар адабиёти иқтисодӣ масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ, асосан, тавассути нишондиҳандаҳои иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад [117]. Вале бо нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, хусусан сатҳи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ пурра кардани ин масъала, ба назари мо, имкон медиҳад мавзуи мазкур васеътар баррасӣ карда шавад.

Масалан, бо кор таъмин намудани маъюбон метавонад ба паст намудани нобаробарии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани мустақилияти иқтисодии онҳо мусоидат намояд. Дуюм, таъмин намудани муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо бо барномаҳои дастгирии иҷтимоӣ ва молиявӣ метавонад ба коҳиш додани хатари бесуботӣ дар минтақаҳои муҳоҷират, ки бевосита ба амнияти иқтисодии кишвар таъсир мерасонанд, мусоидат кунад. Сеюм, баланд бардоштани мақоми иқтисодии зан дар ҷомеа метавонад ба таҳкими суботи молиявӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Чорум, афзоиши ҳиссаи лоиҳаҳои «сабз» дар фаъолияти ТҒТ метавонад устувории экологиро таъмин намояд, ки бевосита ба амнияти дарозмуддати иқтисодии кишвар алоқаманд мебошад. Панҷум, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ТҒТ, ки бо гурӯҳҳои осебпазир кор мебаранд, самаранокии фаъолияти онҳоро зиёд намуда, хатари ноустувории иқтисодиро кам мекунад. Ниҳоят, шашум, такмили низоми (системаи) идоракунии ТҒТ устуворӣ ва самаранокии барномаҳои иҷтимоиро дар кишвар таъмин менамояд.

Бинобар ин, ТҒТ ҳамчун шакли корхонаи иҷтимоӣ зимни фаъолият ҷиҳати татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ба устувории иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа таъсири бевосита мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми «корхонаи иҷтимоӣ» ҳатто дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ низ фаҳмиши нисбатан нав мебошад. Масалан, Иттифоқи соҳибкорони иҷтимоии Англия корхонаи иҷтимоиро ҳамчун «корхонаи тиҷоратии таъйиноти иҷтимоидошта» эътироф мекунанд. Бинобар ин, фоидаи корхонаҳои иҷтимоӣ одатан барои ҳалли масоили иҷтимоӣ азнавмаблағгузорӣ карда мешавад. Фоида метавонад дар асоси саҳм тақсим гардад ё ба манфиати ҷомеа сармоягузорӣ карда шавад [65].

Вобаста ба ин, метавон қайд намуд, ки корхонаи иҷтимоӣ дар ҳамбастагии бизнес ва рисолати иҷтимоӣ фаъолият намуда, тавассути усулҳои инноватсионӣ дар соҳаи шуғл, маориф, тандурустӣ, экология ва дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ ба худтаъминкунӣ ва рушди устувори ҷомеа мусоидат менамояд. Масалан, Ким Алтер роҳбари ташкилоти «Virtue Ventures» оид ба шарҳи ин гуна корхонаҳо чунин мешуморад: «Корхонае, ки бо мақсадҳои иҷтимоӣ ва эҷоди неъматҳои иҷтимоӣ таъсис дода шудааст, корхонаи иҷтимоӣ буда, бояд мушкилоти иҷтимоӣ ва «нокомии бозор»-ро коҳиш диҳад ва дар асоси маърифати молиявӣ, инноватсия ва тартиби пешбурди бизнеси дар бахши тиҷоратӣ муқарраршуда фаъолият намояд. Дар истилоҳи маъмул «корхонаи иҷтимоӣ» ин ташкилот ва «соҳибкори иҷтимоӣ» бошад, шахсият буда, ҳамин тариқ, «корхонаи иҷтимоӣ» ифодаи институтсионалии мафҳуми «соҳибкори иҷтимоӣ» мебошад» [115].

Дар илми иқтисодӣ мавҷуд будани назарияи «корхонаи иҷтимоӣ» ҳамчун субъекти иқтисодии ғайритиҷоратии низоми бозорӣ ҳанӯз хело нав буда, шарҳу тавзеҳот доир ба ин мавзуъ бо ҳамдигар мухолиф мебошанд. Илова бар ин, баъзе аз таҳқиқотчиён кӯшиш менамоянд мавзуи мазкурро аз ҷиҳати консептуалӣ маҳдуд намоянд, чунки тавзеҳоти васеъ навгонӣ ва махсусияти онро аз байн мебарад.

Барои намуна натиҷаи корҳои муҳаққиқи Амрикои Лотинӣ С.К. Алтерро нишон додан мумкин аст, ки дар он таҳлили пурраи таҷрибаи гуногуни рушд ва моделҳои муваффақи лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар Амрикои Лотинӣ оварда шудааст. Таҳқиқотҳои ӯ ва корҳои амалии ширкатҳо дар соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ нишон дод, ки натиҷаҳои бадастовардашуда хусусияти универсалӣ доранд. Ба гуфтаи К.Алтер, усули вай ҷиҳати бартараф кардани ҷудокунии «тиҷоратӣ-ғайритиҷоратӣ» кӯшиш менамуд, зеро дар амалияи як қатор ширкатҳо ҳарду ҷузъро ба ҳам мепайванданд – шумораи зиёди ширкатҳо механизмҳои бозориро барои ноил шудан ба арзишҳои иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ истифода мебаранд, ки дар тавлиди ягон моли маҷмуӣ ифода меёбад [65].

Мувофиқи Таснифоти байналмилалии ТҒТ (ICNPO) [132,134], панҷ хусусияти асосӣ ҷудо карда шудааст, ки мувофиқи онҳо ташкилотҳо низоми иҷтимоию иқтисодиро ташкил дода, онҳоро ҳамчун «ғайритиҷоратӣ» [113,133] ва корхонаҳое, ки ба устувории ҷомеа мусоидат менамоянд, эътироф кардан мумкин аст.

- ТҒТ ҳамчун воҳидҳои институтсионалӣ дар ташаккул ва таҳкими фазои устувори иҷтимоию иқтисодии кишварҳо вуҷуд доранд;
- ТҒТ дар кишварҳо ба сифати сохторҳои ғайридавлатӣ фаъолият намуда, ҷузъи муҳимми низоми иҷтимоию иқтисодӣ ҳисоб меёбанд;
- чунин ташкилотҳо ҳадафҳои мушаххасеро татбиқ менамоянд, ки бо манфиатҳои давлатӣ мувофиқ буда, ба таҳкими устувории иҷтимоию иқтисодии ҷомеа равона шудаанд;
- дар чунин ташкилотҳо фоидаи бадастомада миёни муассисон тақсим нашуда, барои татбиқи ҳадафҳои оинномавӣ ва иҷтимоии ташкилот истифода бурда мешавад;
- барои чунин ташкилотҳо иштироки ихтиёрии шаҳрвандон хос буда, фаъолияти онҳо аслан бар принсипи озодии ташаббус ва ҳамкории иҷтимоӣ асос меёбад.

Омӯзишу баррасии манбаъҳои илмӣ ба хулоса меоваранд, ки ТҒТ дорои хусусиятҳои хоси иқтисодӣ буда, маҳз онҳо фарқияти сохторӣ ва функсионалии онҳоро аз ташкилотҳои тиҷоратии анъанавӣ муайян месозанд ва ҳамчун субъеки иқтисоди бозорӣ фаъолият намудани чунин ташкилотҳоро дар раванди таҳкими устувории иҷтимоию иқтисодии ҷомеа нишон медиҳанд (ҷадвали 1.3).

**Ҷадвали 1.3. - Хусусиятҳои иқтисодии ТҒТ**

| Хусусиятҳои иқтисодии ТҒТ | Тавсиф |
|---|---|
| **Сарчашмаи маблағгузорӣ** | грантҳо, маблағҳои хайрия, субсидия, даромад аз ҳисоби фаъолияти иҷтимоӣ ва ғайра. |
| **Сохтори хароҷот** | дастгирии иҷтимоӣ (таҳсилот, тандурустӣ, маърифатӣ, ҳифзи муҳити зист), маоши кормандон, идоракунӣ ва ғ. |
| **Идоракунии молиявӣ** | таҳияи буҷети барномавӣ, ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият, баҳодиҳии истифодаи дороиҳо ва ғ. |
| **Модели тиҷоратӣ дар фаъолияти ТҒТ** | ҳадафҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, нақши иқтисодии ТҒТ дар ҷомеа, фоидаи ТҒТ ба самти иҷтимоӣ равона мешавад ва ғ. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф*

Тавре ки ҷадвали 1.3 нишон медиҳад, ТҒТ ҳамчун субъекти иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷомеа нақши муҳим доранд. Сарчашмаи маблағгузории онҳо барои фаъолияти онҳо заминаи молиявӣ фароҳам меоранд. Устувории маблағгузорӣ омили калидии давомнокии фаъолият ва иҷрои мақсадҳои иҷтимоии онҳо ҳисоб меёбад. Хароҷоти ТҒТ аксаран ба самтҳои иҷтимоӣ равона карда мешавад, ки хусусияти онҳоро ҳамчун ташкилоти «ғайритиҷоратӣ» инъикос мекунад. Истифодаи моделҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти ТҒТ имкон медиҳад ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо татбиқ ёбанд. Ҳамин тавр, хусусиятҳои зикршуда фаъолияти ТҒТ-ро ҳамчун унсури муҳим дар низоми иқтисодию иҷтимоии давлат муайян менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки ТҒТ дар иқтисоди кишварҳо ҷиҳати коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ва дастгирии қишри осебпазири аҳолӣ нақши муассир доранд. Бо вуҷуди ин, дар низоми (системаи) идоракунии ТҒТ, маблағгузорӣ ва арзёбии таъсири онҳо мушкилоти гуногун вуҷуд доранд (ҷадвали 1.4).

Мавриди зикр аст, ки маълумоти дар ҷадвали 1.4 овардашуда ба кишвари мо низ рабт доранд ва ҷиҳати ҳалли мушкилоти зикршуда такмили низоми (системаи) идоракунии ТҒТ бо мақсади таъмини уствории иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат зарур аст.

**Ҷадвали 1.4. - Мушкилоти ҷойдошта дар низоми идоракунии ТҒТ**

| Мушкилоти ҷойдошта | Тавсифи мушкилот |
|---|---|
| **Сохтори ғайрирасмии идоракунӣ** | Набудани масъулият ва равандҳои қабули қарорҳо |
| **Ноустувории молиявӣ (маблағгузорӣ)** | Вобастагии зиёд аз донорҳо ва набудани захираҳои дохилӣ |
| **Набудан ва коҳиш ёфтани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ** | Механизми номукаммали мониторинг ва арзёбӣ |
| **Норасоии кадрҳои тахассуснок** | Нокифоягии маълумот дар самти идоракунӣ ва иҷтимоӣ |
| **Норасоии ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ** | Номукаммалии механизмҳои ҳамгироӣ |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Вобаста ба мавзуи кори таҳқиқотӣ, шарҳи дигари ТҒТ-ро, ки Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод намудааст, қайд кардан бамаврид аст: «ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҳамчун ташкилоти хусусиест, ки барои рафъи машаққат, пешбурди манфиатҳои камбизоатон, ҳифзи муҳити зист, расонидани хизматҳои асосии иҷтимоӣ ё мусоидат ба рушди ҷомеа фаъолият мекунад» [126].

Ҳамин тариқ, ТҒТ ташкилотест, ки ҳадафаш ба даст овардани даромади пулӣ бо мақсадҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ё хизматрасонии одамони ба он ниёздошта буда, фоида мақсади аслии он нест. Аз ин рӯ, бояд ба ақидаи А.Я. Лившин розӣ шуд, ки гуфтааст: «...бахши ғайритиҷоратӣ дар ҳоли ҳозир аз ҷониби олимон, аз як тараф, ҳамчун ҷузъи муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳлил карда шуда, аз дигар тараф, ҳамчун низоми эҷод ва ба истеъмолгар расонидани неъматҳои ҷамъиятӣ ҳисобида мешавад» [150]. Дар ин тавзеҳ маънои асосии фаъолияти ТҒТ аз он иборат аст, ки онҳо ҳамчун низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ амал карда, дар онҳо мафҳуми «тиҷорат» ҳадафи ҷамъиятиро иҷро мекунад [128].

Мутобиқи моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «ТҒТ дар шаклҳои зерини ташкилию ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад: ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, мақомоти худфаъоли ҷамъиятӣ, фондҳои ҷамъиятӣ, инчунин иттиҳодияҳо дар шакли ассотсиатсия, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд» [6].

Ҳамзамон, муҳаққиқони ватанӣ С. Холиқзода, Т. Маликов, Н. Зокирова, М. Усмонов, Ш. Қодиров ва У. Қаландаров моҳияти ТҒТ-ро вобаста ба вижагиҳои кишвари мо аз ҷиҳатҳои гуногун таҳқиқ кардаанд. Масалан, онҳо қайд менамоянд, ки «бахши ғайритиҷоратӣ эътироф ва дастгирии ҷомеаро соҳиб гардида, ба таври ҳақиқӣ як бахши алоҳидаи иқтисодиёт ҳисобида мешавад. Эҳсонкорӣ ба як падидае табдил ёфтааст, ки дар он ҳар шахс мақоми намоёнро ишғол мекунад» [97].

Ҳамчунин, М.И. Мирбобоева қайд менамояд: «...тавре ки тадқиқотҳои байнидавлатӣ нишон медиҳанд, дастгирии давлат вобаста ба шароити мушаххаси ҳамкории давлат ва бахши ғайритиҷоратӣ, инчунин вобаста ба механизмҳои дастгирии давлатии истифодашаванда метавонад фаъолияти эҳсонкориро ҳавасманд кунад» [153]. Дар ин замина, бояд қайд намуд, ки фаъолияти бисёре аз ТҒТ хусусияти эҳсонкорӣ дорад, чунки кумакҳои гуногун ба қишри осебпазири ҷомеа метавонад ҳамчун фаъолияти эҳсонкорӣ низ дарк карда шаванд.

Ба мавзуи таҳқиқот баргашта, қайд кардан зарур аст, ки ба эътирофи олимон «таҳқиқи фаъолияти ТҒТ бояд дар заминаи назарияи иқтисодӣ, ки робитаи сабабу натиҷа ва муайян намудани инкишофи бахши ғайритиҷоратиро шарҳ медиҳад, асос ёфта, асоси ҳамкории онро бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ инъикос намояд» [172].

ТҒТ ба сифати субъекти асосии низоми бахши ғайритиҷоратӣ, ки зери он «маҷмуи воҳидҳои институтсионалӣ, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ (ҷамъиятӣ), ки молу хизматрасониҳои барои ҷомеа фоидаовар эҷод мекунанд ва дар асоси принсипи ғайритиҷоратӣ амал намуда, ба баланд бардоштани некуаҳволии шахс ва ҷамъият нигаронида шудаанд» [172], фаҳмида мешавад.

Барои ошкор намудани моҳияти ТҒТ дар асоси муқаррароти равиши систематикӣ ҳамчун низоми иҷтимоию иқтисодӣ бо аломатҳои хоси худ бояд қайд намуд, ки ТҒТ бо хусусияти динамикӣ тавсиф мешаванд, яъне мунтазам дар ҳолати рушд бо ҳамҷоягии асосҳои тиҷоратию ғайритиҷоратӣ қарор дошта, сарҳади васеъшаванда доранд [177].

Вобаста ба ҷамъбасти тавзеҳоти ТҒТ аз ҷониби муаллифони мухталифи хориҷию ватанӣ, зарур мешуморем бори дигар шарҳи ТҒТ-ро пешниҳод намоем: ТҒТ ҳамчун сохтори ҷамъиятӣ дар асоси принсипҳои иҷтимоӣ фаъолият намуда, ҳадафи онҳо мусоидат ба ҳалли мушкилоти ҷомеа ва таъмини устувории иҷтимоию иқтисодии кишвар равона шуда, дар заминаи татбиқи барномаҳои дастгирии иҷтимоӣ, ҳамоҳанг намудани манфиатҳои ҷомеа ба сиёсати давлатӣ ва коҳиши хавфҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба таҳкими пояҳои амнияти иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд.

Дар шароити «нокомии бозор» яке аз самтҳои муҳимми иҷтимоии таъмини амнияти иқтисодӣ рушди ТҒТ ҳамчун корхонаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Тавре ки таҷрибаи фаъолияти чунин ташкилотҳо нишон медиҳад, новобаста аз самти фаъолияти онҳо, чунин ташкилотҳо ҳамчун омили калидӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа амал намуда, дар паст намудани сатҳи бекорӣ, ташаккули муҳити инноватсионӣ, густариши хизматрасониҳои иҷтимоӣ, коҳиши таъсири манфӣ ба экология ва муҳити зист, ҳамзамон дар таҳкими амнияти иқтисодӣ аз дидгоҳи устувории иҷтимоӣ нақши муҳим доранд.

Имрӯзҳо ТҒТ яке аз омилҳои муҳимми иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, муайянкунандаи рушди устувори баъзе ҷанбаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт эътироф карда мешавад. ТҒТ ҳамчун «корхонаи иҷтимоӣ» ва субъекти иқтисодӣ дар низоми иқтисоди бозории муосир на танҳо барои иҷрои вазифаи аввалияи некуаҳволии шаҳрвандон аҳаммияти муҳим дорад, балки дар татбиқи барномаҳо ва вазифаҳои стратегӣ дар миқёси иқтисодиёти миллӣ низ нақши калидӣ дорад.

Ба ақидаи мо, дар таҳқиқотҳои С.К. Алтер, ки маҷмуи пурраи таснифоти мухталифи корхонаҳои иҷтимоиро пешниҳод мекунад, фаъолияти ТҒТ-ро бештар ҳамчун ташкилотҳои дорои самти иҷтимоӣ тавсиф менамояд. Чӣ хеле ки ӯ нишон медиҳад, барои ташкилотҳои гуногун ангеза ва ҳадафҳо, равишҳо, усулҳои ноилшавии мақсадҳо бо истифода аз даромади бадастомада гуногун мебошад (ҷадвали 1.5).

Дар асоси ҷадвали 1.5 бояд қайд кард, ки корхонаи иҷтимоӣ дар сохтори институтсионалӣ ду нуқтаи канориро бо ҳам пайваст менамояд. Аз як тараф, он дорои хусусиятҳое мебошад, ки барои ташкилотҳои хайриявӣ ва ТҒТ хосанд, аз ҷумла тамоюли иҷтимоӣ ва афзалияти манфиатҳои ҷомеаро дар бар мегиранд. Аз тарафи дигар, корхонаи иҷтимоӣ ба модели ташкилоти тиҷоратӣ дар заминаи истифодаи механизмҳои бозорӣ, соҳибкорӣ ва даромаднокӣ наздик аст.

**Ҷадвали 1.5. - Таснифоти корхонаҳои иҷтимоӣ**

| Ташкилотҳо | Пурра ба хайрия асосёфта | Омехта | Пурра ба тиҷорат асосёфта |
|---|---|---|---|
| **Ангезаҳо** | Иродаи нек | Омехта | Манфиатҳои шахсӣ |
| **Усулҳо** | Аз рӯи рисолат муайян карда мешавад | Аз рӯи ҳамбастагии рисолат ва бозор муайян карда мешавад | Аз рӯи бозор муайян карда мешавад |
| **Ҳадафҳо** | Эҷоди неъматҳои иҷтимоӣ | Эҷоди неъматҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ | Эҷоди неъматҳои иқтисодӣ |
| **Таъйинот даромад/ фоида** | Бевосита ба татбиқи рисолати ТҒТ нигаронида шудааст (бо қонун ё сиёсати ташкилот муайян карда мешавад) | Ҷиҳати татбиқи миссия ё хароҷоти амалиётӣ азнавсармоягузорӣ менамояд ва ё барои тавсеа ва рушди тиҷорат нигоҳ дошта мешавад (ҳамзамон мумкин аст қисман байни ҷонибҳои манфиатдор тақсим карда шавад) | Байни саҳмдорон ва моликон тақсим карда мешавад |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [65]*

Ҳамин тариқ, корхонаи иҷтимоӣ ҳамчун шакли муосири фаъолияти хоҷагидорӣ амал ва унсурҳои ғайритиҷоратию тиҷоратиро муттаҳид намуда, байни онҳо иртиботи функсионалӣ ба вуҷуд меорад.

Корхонаи иҷтимоӣ ташкилоти тиҷоратӣ буда, бо мақсадҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла кам кардани мушкилоти иҷтимоӣ ва эҷоди неъматҳои ҷамъиятӣ таъсис

дода мешавад. Дар баробари ин, барои чунин корхонаҳо хусусиятҳои интизоми молиявӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва иродаи ширкати хусусии бозорӣ хос аст. Корхонаҳои иҷтимоӣ равишҳои соҳибкорӣ, бозорӣ ва инноватсияро ҷиҳати эҷоди неъматҳои ҷамъиятӣ ва ҳавасмандгардонии тағйироти иҷтимоӣ истифода мебаранд. Маъмулан, ин корхонаҳо бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда мешаванд: ҳадафи иҷтимоӣ ва усулҳои соҳибкории фаъолият, навоварӣ, банақшагирии стратегӣ, интизом ва қатъият, ки хоси ширкатҳои тиҷоратӣ мебошанд.

Ҳамзамон, бизнеси масъулиятноки иҷтимоӣ низ вуҷуд дорад. Ба ин шакли ташкилотҳо, ширкатҳое дохил мешаванд, ки ҳадафҳои дугона доранд: ба даст овардани фоида ба манфиати саҳмдорон/моликон ва эҷоди неъматҳои ҷамъиятӣ. Чунин ширкатҳо метавонанд ҳам аз рӯи дараҷаи ангезаҳои бозор ба қабули қарорҳо ва ҳам аз рӯи ҳаҷми маблағҳое, ки барои вазифаҳои иҷтимоӣ сарф мешаванд, ба таври назаррас фарқ карда шаванд.

Ширкатҳои дорои масъулияти иҷтимоӣ бевосита ҷузъҳои иҷтимоиро дар рисолати худ дохил менамоянд ва ҷиҳати татбиқи онҳо омодаанд аз гирифтани фоида даст кашанд. Дар баъзе мавридҳо, бизнеси масъулиятноки иҷтимоӣ метавонад ҳамчун корхонаи иҷтимоӣ эътироф карда шавад, агар он сохтори фаръии ширкати ғайритиҷоратие бошад, ки барои дарёфти фоида ҷиҳати татбиқи миссияи ширкати асосӣ таъсис дода шуда бошад.

Илова бар ин, корхонаҳои дорои масъулияти иҷтимоии корпоративӣ низ вуҷуд дошта, дар баробари мақсади гирифтани фоида, ҳамзамон ба фаъолияти эҳсонкорӣ ва дастгирии иҷтимоӣ низ машғул мешаванд. Ин фаъолият метавонад ба ташкилотҳо даромад оварда, ба афзоиши сармояи он мусоидат намояд. Ба истилоҳ, «эҳсонкории стратегӣ» ҷиҳати ба ҳадди аксар расонидани фоида ва ноил шудан ба ҳадафҳои бозор, инчунин ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа ва таҳкими амнияти иқтисодӣ кумак мерасонад.

Аммо, ба назари мо, таърифҳои овардашудаи муаллифон ва мутахассисони гуногун асосҳои назариявии пайдоиши ташкилотҳоеро, ки дар

онҳо ҷанбаҳои иҷтимоии таъмини амнияти иқтисодӣ дида мешавад, ошкор намекунанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия зикр кардан бамаврид аст, ки дар адабиёти ватанӣ таъмини амнияти иқтисодии кишвар ҳамчун масъалаи комплексӣ фаҳмида мешаванд, ки дар ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамзамон таъмини самаранокии татбиқи вазифаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифода мегардад.

Рушд ва фаъолияти ТҒТ дар кишвар воситаи муҳимми ҳалли мушкилоти иҷтимоие мебошанд, ки ҳанӯз ба онҳо аз дидгоҳи назарияи таъмини амнияти иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир нашудааст. Дар ин замина, ТҒТ ва ҳамкории онҳо бо дигар субъектҳои хоҷагидорӣ дар ташаккули рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши муассир доранд. Вобаста ба ин, як қатор иқтисодчиён мавқеи махсуси чунин институтҳоро дар кишварҳои рушдёбанда таъкид менамоянд, ки таҳкими низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рабт дорад. Дар ин замина, зарурати ташаккули модели самараноки рушди ТҒТ ба таври возеҳ эҳсос мешавад. Фаъолияти чунин ташкилотҳо ба бахшҳои осебпазири иқтисодиёт, аз ҷумла ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, идоракунии муҳоҷирати меҳнатии муташаккил, ба фазои иқтисодӣ ҷалб намудани занон ва ҳалли мушкилоти экологӣ саҳм мегузоранд. Чунин раванд нақши иҷтимоӣ ва аҳаммияти стратегӣ доштани ТҒТ-ро дар таҳкими устувории иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти иқтисодӣ инъикос менамояд.

Пеш аз гузаштан ба таҳлили хусусиятҳои муҳимми ТҒТ ҳамчун субъекти иқтисодӣ дар масоили иҷтимоии таҳкими амнияти иқтисодӣ зарур мешуморем бори дигар шарҳи муаллифро бо мақсади дақиқ намудани истилоҳ аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқот қайд намоем. Қайд намудан зарур аст, ки амнияти иқтисодӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ маҷмуи шароит, институтҳо, механизмҳо ва сиёсати давлатиро, ки ба таъмини устувории низоми иқтисоди миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва ҷомеа, пешгирӣ ва коҳиши таҳдидҳои дохилию берунӣ равона шудаанд, дар бар мегирад. Дар доираи амнияти иқтисодӣ на танҳо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, балки омилҳои

иҷтимоӣ, институтсионалӣ ва инсонӣ низ аҳаммияти калон доранд. Аз дидгоҳи назариявӣ чунин ташкилотҳо чун унсури муҳимми инфрасохтори иҷтимоӣ дар тақвияти тавоноии ҷомеа барои истодагарӣ дар баробари тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, инчунин ҳамкории давлат ва ҷомеа баромад намуда, маҳз бо чунин фаъолият онҳо ба беҳтаргардонии муҳити институтсионалӣ, густариши эътимод ва тақвияти устувории низоми иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

### 1.2 Хусусиятҳои иқтисодии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли махсуси низоми соҳибкории иҷтимоӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳкими амнияти иқтисодӣ

Адам Смит дар назарияи «дасти ноаён» гуфта буд, ки сиёсати иқтисодиро аз сиёсати иҷтимоӣ ҷудо намудан номумкин буда, дар шароити иқтисоди бозорӣ истеҳсолкунандагони молу хизматҳо беихтиёр ба ҷамъият манфиат меоранд.

Айни замон дар Тоҷикистон норасоии сармояи давлатӣ ва хусусӣ ба соҳаи иҷтимоӣ эҳсос мешавад ва роҳи ҳалли чунин мушкилот рушди ТҒТ дар самти соҳибкории иҷтимоӣ буда метавонад. Дар раванди ноил гардидан ба рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, зарурати ҳамкории байни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба миён омада истодааст. Чунин зарурат имконияти бо ҳам пайвастани самараи иҷтимоӣ ва иқтисодиро бо роҳи истифодаи усулҳои инноватсионӣ-соҳибкории ҳалли масоили иҷтимоӣ фароҳам меорад. Фаъолияти ТҒТ дар самти соҳибкории иҷтимоӣ хусусиятҳои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиётро доро буда, қодир аст мушкилоти иҷтимоиро самаранок бартараф намуда, ба таъмини амнияти иқтисодӣ захираҳои молиявии иловагиро ҷалб намояд. Дар ин замина, густариши консепсияи соҳибкории иҷтимоӣ, ки имрӯзҳо шакли навини худро дар фаъолияти ТҒТ касб кардааст, на танҳо дар муҳити академӣ, балки дар байни субъектҳои тиҷоратӣ низ маъруфият пайдо намудааст. Бояд қайд кард, ки афзоиши нақши чунин ташкилотҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла сиёсат,

иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ба сифати яке аз тамоюлҳои намоёни рушди ҷаҳони муосир арзёбӣ мегардад.

Самти мавзуи мазкур дар илми иқтисодӣ, пеш аз ҳама, дар таълимоти классикони назарияи иқтисодии давраҳои гуногун дида мешавад. Вобаста ба ин, классики назарияи соҳибкорӣ Йозеф Шумпетер дар асари худ «Назарияи рушди иқтисодӣ» «вазифаҳои асосии соҳибкорро навовар будан, ба амал баровардани навоварӣ ва ба ин васила, роҳнамои рушди иқтисодӣ будан нишон дода, даромади соҳибкориро ҳамчун воситаи баҳодиҳии натиҷаҳо ҳисоб менамояд, ки ба манфиати шахсии соҳибкор алоқамандии зич надорад» [114]. Минбаъд ин ба хусусияти асосии фарққунандаи соҳибкории иҷтимоӣ аз тиҷорати ба гирифтани фоидаи шахсӣ нигаронидашуда табдил ёфт.

П. Друкер дар асарҳояш ақидаҳои Й. Шумпетерро такмил дода, «ҳама гуна рушди тиҷоратро соҳибкорӣ эътироф намуда, вусъати соҳибкориро раванди фаъолияти ҳаррӯзаи доимӣ, ки ба дигаргунсозӣ ва навоварӣ дар фаъолият алоқаманд нест, эътироф менамояд» [151].

Вобаста ба ин, аз нуқтаи назари таҳқиқоти мазкур, чӣ тавре ҷадвали 1.6 нишон медиҳад, постулатҳои назарияи соҳибкорӣ ҷиҳати таҳияи заминаи илмию амалии соҳибкории иҷтимоии муосир, ки ба фаъолияти ТҒТ мувофиқ аст, комилан қобили қабул мебошанд.

**Ҷадвали 1.6. - Таҳаввулоти ақидаҳо доир ба соҳибкории иҷтимоӣ**

| Муаллиф | Тафсирот |
|---|---|
| **Г. Диз** | «Соҳибкорони иҷтимоӣ – ин агентҳои тағйирот дар бахши иҷтимоӣ тавассути:<br>-ташаккули рисолати эҷод ва нигоҳ доштани неъматҳои иҷтимоӣ;<br>-эътироф ва хидмати беист ба ин рисолат;<br>-иштирок дар равандҳои инноватсия, мутобиқшавӣ ва омӯзиши пайваста;<br>-амалҳои далерона, ки бо захираҳои мавҷуда маҳдуд намешаванд;<br>-ҳисси баланди масъулият мебошад» [53]. |
| **Ч. Ледбитер** | «Соҳибкорони иҷтимоӣ пешвоёне мебошанд, ки мушкилоти иҷтимоиро эътироф менамоянд ва корхонаро ҷиҳати амалӣ намудани тағйироти иҷтимоӣ таъсис ва идора мекунанд» [48]. |
| **М. Юнус** | «Соҳибкории иҷтимоӣ аз корхонаҳои фоидаовар бо ҳадафҳои худ фарқ мекунад, онҳо ба ҳалли мушкилот нигаронида шудаанд» [118]. |

*Идомаи ҷадвали 1.6.*

| Муаллиф | Тафсирот |
|---|---|
| **Ҷ. Томпсон** | «Соҳибкорони иҷтимоӣ ин шахсонеанд, ки дар ҷое баъзе ниёзҳои иҷтимоиро низоми давлатии таъминоти иҷтимоӣ қонеъ карда наметавонад, имкониятҳои мавҷуда ва захираҳои заруриро муттаҳид мекунанд» [169]. |
| **С. Захра** | «Соҳибкории иҷтимоӣ фаъолияту равандҳоеро фаро мегирад, ки бо мақсади кашф ва истифодаи имкониятҳо ҷиҳати некуаҳволии ҷомеа бо роҳи таъсиси корхонаҳои нав ва ё идораи корхонаҳои мавҷуда бо истифода аз равишҳои инноватсионӣ фаъолият мекунанд» [170]. |
| **Ҷ. Кикал,<br>Т. Лайонс** | «Соҳибкории иҷтимоӣ ин истифодаи воситаҳо ва технологияҳои соҳибкории анъанавӣ барои фаъолият ба нафъи ҷомеа ва экология, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мебошад, ки рӯҳияи соҳибкории бахши хусусӣ, қудрати бозорҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои бахши давлатиро дар бар гирифта, манфиатҳои ҷамъиятиро аз манфиатхои шахсӣ болотар мегузоранд» [100]. |
| **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ»** | «Соҳибкории иҷтимоӣ–фаъолияти соҳибкорие, ки ба дастгирии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ равона гардида, барои таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳои таъиноти иҷтимоӣ мутобиқи Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад» [7]. |
| **Ш. Қодиров,<br>Т. Маликов** | «Соҳибкории иҷтимоӣ амалҳо ва равандҳои гуногунест, ки бо мақсади кашф, муайян намудани талаботи ҷомеа ва истифодаи имкониятҳо барои таъсиси ҷойҳои корӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ чи дар маҷмуъ ва чи гурӯҳи муайяни одамон сурат мегирад» [97]. |
| **Мавқеи муаллиф** | Соҳибкории иҷтимоӣ ин фаъолиятест, ки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ равона шуда, асоси онро зуҳури ташаббус дар ҳалли мушкилоти самтҳои фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири ҷомеа ташкил медиҳад. Вале соҳибкории иҷтимоӣ фаъолияти хайриявӣ набуда, ин намуди фаъолият ба устувории молиявӣ тавассути пешниҳоди хизматрасониҳо ё тиҷорат асос ёфтааст, ки ба мазмуни фаъолияти ТҒТ бештар шабоҳат дорад. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2025 қонуни алоҳида «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» ба тасвиб расид. Мувофиқи моддаи 1-и қонуни мазкур оид ба корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкори иҷтимоӣ чунин муқаррарот вуҷуд дорад: «корхонаи иҷтимоӣ - шахси ҳуқуқие, ки ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ворид карда шуда, фаъолиятро дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ амалӣ менамояд; соҳибкори иҷтимоӣ - соҳибкори инфиродӣ, ки ба феҳристи субъектони соҳибкории иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ворид карда шудааст» [7]. Ҳамзамон, дар ин қонун принсипҳои ин шакли соҳибкорӣ муайян шудаанд, ки ба принсипҳои фаъолияти ТҒТ мутобиқат менамоянд. Мутобиқи моддаи 5-и қонуни мазкур чунин принсипҳо муқаррар

шудаанд: «қонуният; адолати иҷтимоӣ; афзалиятнокии манфиати ҷамъиятӣ; шаффофияти фаъолияти субъектони соҳибкории иҷтимоӣ; ихтиёрӣ будани соҳибкории иҷтимоӣ; баробарҳуқуқии субъектони соҳибкории иҷтимоӣ; кафолатнокии ҳифзи ҳуқуқҳо ва таъмини фаъолияти озоди субъектони соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби давлат» [7].

Мувофиқи қонуни мазкур ба субъектҳои ин шакли соҳибкорӣ инҳоро дохил намудан мумкин аст: «Субъектони соҳибкории иҷтимоӣ соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие буда метавонанд, ки фаъолияти соҳибкории иҷтимоиро амалӣ менамоянд ва бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур соҳиби мақоми корхонаи иҷтимоӣ ё соҳибкори иҷтимоӣ гаштаанд» [7].

Вазифаи аввалиндараҷа ва асосии соҳибкори иҷтимоӣ ин расонидани кумак ба ҷомеа ва танҳо дар он сурат гирифтани фоида буда, соҳибкорони иҷтимоӣ, чун қоида, дар соҳаҳое фаъолият менамоянд, ки тиҷорати анъанавӣ ғайридаромаднок ва зиёновар ҳисобида мешавад, ҳамзамон, ин соҳаҳое мебошанд, ки имкони паст кардани сатҳи камбизоатӣ, фароҳам овардани имконият ҷиҳати тавонбахшии маъюбон ва беҳтар намудани вазъи экологӣ аз ҳама бештар аст.

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки аллакай дар марҳилаи аввали таҳқиқот метавон зикр кард, ки аломатҳои иқтисодии соҳибкории иҷтимоӣ ба самтҳо ва вазифаҳои фаъолияти ТҒТ шабоҳат доранд.

Дар ин замина, соҳибкории иҷтимоӣ на танҳо ба мақсади тиҷорат буда, хусусияти ин шакли соҳибкорӣ дар ҳадафи он, яъне ҳадафи иҷтимоӣ таҷассум меёбад ва бартариҳои тиҷоратро ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ истифода менамояд. Ҳамзамон, соҳибкории иҷтимоӣ ва кори иҷтимоӣ зимни фаъолияти худ технологияи якхеларо истифода мебаранд ва чунончи таҷриба нишон медиҳад, маҳз кори иҷтимоӣ самти фаъолиятест, ки ТҒТ-и муосир ба он машғуланд.

Классикони назарияи соҳибкорӣ, аз қабили Ж. Сей, Й. Шумпетер ва П. Друкер, пеш аз ҳама, нақши калидии шаклҳои мухталифи соҳибкориро таъкид

намуда, ба вуҷуд овардани неъматҳо, яъне истеҳсоли неъматҳои иҷтимоиро ҳамчун унсури мукаммалгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб менамоянд.

Чунин фаъолияти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда метавонад дар шакли қарздиҳии хурд низ бошад, ки ба оилаҳои камбизоат захираҳои ҳаётан муҳимро фароҳам меорад. Шаклҳои фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ гуногун мебошанд, масалан, метавонад ба коркарди дубораи партов, ҷустуҷӯи ҷойи кор ба муҳоҷирони меҳнатӣ, мусоидат дар саводноккунӣ ва касбомӯзии аҳолӣ, ба фазои иқтисодӣ ҷалб намудани қишри осебпазири аҳолӣ ва ғайра машғул шуда, даромад гирад. Дар шароити муосир чунин фаъолияти соҳибкорӣ шакли алоҳидаи рушди худро дар намуди ТҒТ пайдо намудааст.

Аввалин шуда, дар ҷаҳон бонки ба иҷтимоиёт нигаронидашударо соҳибкори Бангладеш Муҳаммад Юнус таъсис дод. Ақидаи ӯ аз он иборат буд, ки «маблағи қарзи гирифташуда барои эҷоди маҳсулоти барои фурӯш сарф карда шавад ва як қисми даромади он дар навбати худ барои пардохти қарз масраф шавад» [39]. Худи М. Юнус ишора ба ин ки «беш аз 1 млрд 200 млн нафар дар ҷаҳон наметавонанд ниёзҳои аввалияи худро бароварда кунанд, муътақид аст, ки қарзҳои хурд метавонанд ба як воситаи раҳоӣ аз ноумедӣ табдил ёбанд» [39]. Дар ибтидои асри ХХ1 афроди гирандаи қарз, ки бори аввал қарз мегирифтанд, дар ҳолати камбизоатӣ қарор доштанд ва бо истифода аз механизми таҳиянамудаи М. Юнус дар муддати кӯтоҳ ҳаёти худро ба таври куллӣ дигаргун сохтанд.

Муҳаққиқ ва профессори Донишгоҳи Дюки Амрико Грегори Диз [53, 71], яке аз шахсиятҳои барҷаста дар самти соҳибкории иҷтимоӣ мебошад. Ӯ аввалин шуда, ин шакли соҳибкориро ҳамчун тахассус ва фанни таълимӣ охири солҳои 1990 муаррифӣ кардааст. Вобаста ба гуфтаҳои ӯ, соҳибкории иҷтимоӣ айни замон маъруфият пайдо намудааст ва ҷомеаи имрӯза ҷиҳати ҳалли масоили иҷтимоӣ бо имкониятҳои «соҳибкорӣ» барои эҷоди модели рафтори нави фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ омода шудааст.

Таҳқиқоти муҳаққиқони рус О.М. Сакович ва С.В. Соловев [160], ки ба омӯзиши самтҳои фаъолияти соҳибкории ТҒТ дар кишварҳои хориҷа бахшида

шудааст, собит менамояд, ки фаъолияти соҳибкории ТҒТ яке аз унсурҳои муҳимми рушди устувории иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ҳисоб меёбад. Бар асоси натиҷаҳои ин таҳқиқот, новобаста аз он ки доираи фаъолияти онҳо кадом соҳаро дар бар мегирад, фаъолияти ин гуна ташкилотҳо ба як қатор натиҷаҳои мусбат, аз ҷумла коҳиши сатҳи бекорӣ, густариши иқтидори навовариҳо, тавсеаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, кам намудани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва экология мусоидат менамояд. Бояд қайд кард, ки ин равандҳо шароитеро фароҳам меоранд, ки тавассути он саҳми ТҒТ дар таҳкими пояҳои амнияти иқтисодӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад.

Раванди мазкур ифодакунандаи он аст, ки корхонаҳои иҷтимоӣ ҳам ТҒТ ва ҳам ширкатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъулиятнокро фаро мегиранд.

Вобаста ба ин, метавон хулоса баровард, ки байни ин ташкилотҳои канорӣ ТҒТ-и дорои ҷузъҳои тиҷоратӣ вуҷуд дошта метавонад. Ба ин намуд ташкилотҳо ТҒТ-е дохил мешаванд, ки бо мақсади ба даст овардани фоида ба шаклҳои алоҳидаи фаъолияти тиҷоратӣ машғул мешаванд. Гарчанде ин раванд ба таъйиноти асосии фаъолияти ташкилот дохил карда шуда бошад ҳам, чун қоида, даромад аз ин ҳисоб ночиз мебошад.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалии фаъолияти ТҒТ нишон медиҳад, ки дар аксар кишварҳо, махсусан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ чунин институтҳо ба сифати унсури марказии ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфта, аз лиҳози қонунгузорӣ, сохтор ва равандҳои идоракунӣ ба таври кофӣ мустаҳкам ба расмият даровaрда шудаанд. Дар ин замина қобилияти таъсиррасонии онҳо ба ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Ташаккул ва рушди ТҒТ дар шакли махсуси соҳибкории иҷтимоӣ ба афзоиши самаранокии иқтисодӣ мусоидат менамояд, зеро он захираҳои моддию инсониро, ки пештар дар муомилоти иқтисодӣ истифода нашуда буданд, ба муомилот ҷалб менамояд.

Тавре ки муҳаққиқи ватанӣ Д.С. Амонова, ки бештар таҳқиқотҳои ӯ масоили гуногуни иҷтимоиро фаро мегиранд, қайд менамояд: «… дар шароити

муосир соҳибкории «нуқрагин» ҳамчун воситаи муҳимми дароз намудани фаъолияти касбӣ, таҳкими мустақилияти молиявӣ ва густариши ҳамгироии иҷтимоии ашхоси синни бознишастагӣ арзёбӣ мегардад» [138]. Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки аз рӯи моҳияти фаъолият соҳибкории «нуқрагин» ва шаклгирии ТҒТ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ бо ҳам наздик буда, шаклгирии ТҒТ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ метавонад барои ҷалби қишри осебпазир, аз ҷумла аҳолии синни бознишастагӣ ба фазои иқтисодӣ таъсири мусбат расонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» муносибатро барои дарки ин шакли соҳибкорӣ осон менамояд. Новобаста аз ин, ҳанӯз ҳам барои ҷомеа моҳияти аслии он бо таври пурра ошкор нест, яъне аз нигоҳи иқтисодӣ моҳияти ин шакли соҳибкориро пурра дарк намекунанд. Бинобар ин, такмили низоми ТҒТ дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ метавонад дар ҳалли масоили иҷтимоии амнияти иқтисодӣ ва устувории молиявии ТҒТ низ мусоидат намояд.

Дар шароити кунунӣ сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат инкишоф ёфта, қонунҳои нав қабул шуда, барномаҳои мухталифи дастгирии соҳибкории хурду миёна таҳия мешаванд. Дар баробари ин, дар дастгирии давлатӣ барои густариши ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ бояд хусусиятҳои соҳавӣ, ҷуғрофӣ, миллӣ ва таърихии рушди минтақаҳои кишвар ба инобат гирифта шаванд. Дар ин сурат, рушди соҳибкории иҷтимоӣ дар шакли ТҒТ дар минтақаҳои кишвар дар ҳалли масоили иҷтимоӣ - иқтисодии давлат нақши асосиро иҷро карда метавонад.

Муҳимтарин нақши ТҒТ ин таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои қишри осебпазири ҷомеа ва таъмини шуғли фарогир мебошад, ки дар натиҷа, сатҳи бекорӣ ва гаронии буҷети давлат кам карда мешавад. Ҳатто корхонаҳои хурди иҷтимоӣ дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ низ имконияти ба кор таъмин намудани қишрҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазирро (масалан, маъюбон, муҳоҷирони меҳнатӣ, занон, ҷавонон, нафақахӯрон) доранд.

Азбаски дар марҳилаи муосир доир ба мустақилона ташаккул ёфтани соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рондан барвақт аст,

масъалаи дарёфти чунин шаклҳои фаъолияте ба миён меояд, ки соҳибкории иҷтимоиро дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ инъикос карда тавонанд. Бо мақсади ошкор намудани ҳадафи рисолаи таҳқиқотӣ мафҳум ва хусусиятҳои иқтисодии «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ»-ро дар асоси омӯзиши осори муҳаққиқони хориҷию ватанӣ баррасӣ менамоем.

Дар адабиёти хориҷӣ ташаккули назарияи рушди бахши ғайритиҷоратӣ дар доираи назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бо пайдоиши модели сесатҳаи ҷамъиятӣ алоқаманд аст, дар асарҳои А.Этзион [166], В.Нелсон [127] ва Т.Левит [124] оварда шудаанд. Умуман, дар адабиёти иқтисодӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба бахши ғайритиҷоратӣ барои тақвияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар интишороти ба принсипҳои демократӣ вобастабуда дар асарҳои А.Шнабел [122], Г.Бейкер [119, 120], Г.Мадисон [125], М.Ховард [116], Ҷ.Шолте [122] ва дигарон зикри худро ёфтаанд. Омӯзиши масоили марбут ба бахши ғайритиҷоратӣ ҳамчун ҷузъи таркибии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар илми иқтисод ва таҳлили ҷанбаи сармояи инсонию иҷтимоӣ дар корҳои Д.Норт [129], М.Олсон [130] ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Бинобар ин, яке аз масоили аз нигоҳи иҷтимоӣ таъмини амнияти иқтисодии ҳар як кишвар, ин пеш аз ҳама, тақвияти низоми ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути рушди ТҒТ мебошад.

Масалан, дар назарияи иқтисодии неоклассикӣ нақши иштироки оқилонаи шаҳрвандон дар таъсиси ТҒТ ҳамчун истеҳсолкунандагони молу хизматҳои махсус асоснок карда мешавад. Чунончи, дар асарҳои Х.Хансман зикр гардидааст, бинобар сабаби мушкилоти «нокомии бозор», маҳз ТҒТ дар чунин шароит имкони кам намудани хароҷотҳои трансаксиониро доранд [123].

Ҳамчунин метавон бо нуқтаи назари А.Тарасенко низ розӣ шуд: «...баъзе иқтисодчиён ба бахши ғайритиҷоратӣ назари шубҳанок дошта, чунин мешуморанд, ки ТҒТ захираҳоро ғайрисамаранок истифода бурда, молу хизматҳои пастсифат истеҳсол менамоянд. Аммо муҳаққиқон одатан бар он назаранд, ки бахши сеюм бениҳоят гуногун буда, ташкилотҳои касбии кумаки

мутақобиларо дар бар мегирад ва иддаои рақобат бо сохторҳои давлатию тиҷоратиро надорад» [113].

Ба андешаи мо, қонеъ гардонидани манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, бинобар сабаби гуногунранг будани вазъи ҷомеаи муосир, мушкил мебошад, дар ин замина, ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзун фаъолияти самараноки ТҒТ кумак расонида, дар ҳалли мушкилоти ҷомеа мусоидат менамоянд. Бинобар зарурати фаъолият намудани ТҒТ ҳамчун яке аз шаклҳои соҳибкории иҷтимоӣ дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеа, мутобиқи асноди расмии ҷумҳурӣ шарҳи ТҒТ-ро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳод менамояд: «ташкилотҳое шахси ҳуқуқӣ буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ё чунин мақсади ба даст овардани фоидаро надошта, фоидаро байни иштирокчиён тақсим намекунанд (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ)» [2].

Дар робита ба ошкор намудани мавзуи ҷанбаҳои иҷтимоии таъмини амнияти иқтисодӣ, ду саволи муҳим ба миён меояд: якум, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи кишвар ТҒТ кадом ҳадафҳоро дар фаъолияти худ пайгирӣ менамоянд? Дуюм, оё чунин ташкилотҳо ҳуқуқи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан ва ба даст овардани фоидаро доранд ё не? Роҷеъ ба ин саволҳо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон посухи равшан додааст: «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо ба қадре ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст» [2]. Вобаста ба ин, ҷиҳати машғул шудани чунин ташкилотҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ бояд дар оинномаи худ ваколати машғул шудан ба соҳибкории онҳо дарҷ гардад, то тавсияҳои дар боби 3-юми рисола овардашуда татбиқи худро ёбанд.

Ҳамин тариқ, муқаррароти дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда ба ТҒТ ҳамчун аъзои ҷомеаи шаҳрвандӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Агар ба сарчашмаҳои адабиёти хориҷӣ назар намоем, маълум мегардад, ки ин ташкилотҳо шарҳу тавзеҳоти гуногун доранд, вале онҳо дар маҷмуъ ҳамчун ташкилотҳои ғайридаромаднок эътироф карда мешаванд. Бо вуҷуди роиҷ будани истилоҳоти «бахши сеюм», «бахши ғайритиҷоратӣ» ва «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» дар адабиёти илмӣ, онҳо то кунун дар сатҳи ҷомеаи илмӣ мақоми таърифи ягона  пайдо накардаанд, ки ин худ ба гуногунфаҳмӣ ва тафсири мухталифи моҳияти ин истилоҳот оварда мерасонад. Дар омори иқтисодӣ чунин нишондод ҳамчун «ташкилоти бе мақсади ба даст овардани даромад» истифода мешавад, ки ҷанбаи функсионалии маҳдудкунандаро нишон медиҳад.

Афзалияти ТҒТ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ барои бисёриҳо ошкору возеҳ нест, зеро хусусият ва мазмуни воқеии он ба таври кофӣ таҳқиқ карда нашудаанд. Дар шароити афзоиши маъруфияти соҳибкории иҷтимоӣ, категорияҳои гуногуни аҳолӣ ин шакли соҳибкориро бо фаҳмишҳои мухталиф дарк мекунанд. Ин раванд ба навгонии истилоҳ вобаста буда, аз рӯи гурӯҳҳои мақсаднок, миқёс ва давлатҳо фарқ мекунад. Таҳлил нишон медиҳад, ки баъзе муҳаққиқон соҳибкории иҷтимоиро ба ширкатҳои ғайридаромадноке, ки намудҳои гуногуни ташкилотҳои фоидаоварро кушодаанд, алоқаманд менамоянд. Гурӯҳи дигар бошад, соҳибкории иҷтимоиро, бешубҳа, ҳамчун корхонаи ғайридаромаднок эътироф мекунанд. Сеюм гурӯҳ бошад, онро ҳамчун навъи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ, ки ба барномаҳои иҷтимоӣ тавассути сохторҳои ташкилии ғайритиҷоратӣ ҷавоб медиҳад, қабул менамоянд.

Аз нуқтаи назари мо, соҳибкории иҷтимоӣ ин фаъолиятест, ки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ равона шуда, асоси онро зуҳури ташаббус дар ҳалли мушкилоти самтҳои фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири ҷомеа ташкил медиҳад. Вале соҳибкории иҷтимоӣ фаъолияти хайриявӣ набуда, ин намуди фаъолият ба устувории молиявӣ тавассути пешниҳоди хизматрасониҳо ё тиҷорат асос ёфтааст, ки ба мазмуни фаъолияти ТҒТ бештар шабоҳат дорад.

Профессори Донишгоҳи Торонтои Канада Роҷер Мартин ва директори иҷроияи фонди Сколла Салли  Осберг бар он назаранд, ки бо афзоиши маъруфияти фаъолияти ТҒТ, муҳтавои истилоҳи «соҳибкории иҷтимоӣ» васеъ гардида, қариб дар ҳошияи ҳама баҳсҳо оид ба фаъолияти даромадноки иҷтимоӣ истифода бурда мешавад [164]. Аммо чунин тафсироти васеъ ба худи падида таъсири манфӣ мерасонад. Дар сурати қонеъ нашудани дархости омма ҷиҳати фаҳмиши соҳибкории иҷтимоӣ, бинобар сабаби дарки нопурра ва ҳамчун ташкилоти бесамари ғайрисоҳибкорӣ эътироф намудани он, падидаи мазкур моҳият ва эътибори худро гум мекунад. Бинобар ин, онҳо вазифаи худро дар муайян ва маҳдуд намудани тафсири хислатҳои фарқкунандаи соҳибкории иҷтимоӣ мебинанд. Раванди мазкур ба ҷудо шудани ТҒТ аз соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолият асос гардид.

Хусусиятҳои фарқкунандаи ТҒТ дигаргунии иҷтимоиро дар бар гирифта, дар ташаббусҳое, ки ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ эътироф шуда истодаанд, зоҳир мегардад [164].

Тафсироти умумии ТҒТ ҳамчун яке аз шаклҳои соҳибкории иҷтимоӣ имконияти ҷудо кардани ду таснифотро вобаста ба нақши онҳо дар таъмини ҷанбаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодӣ фароҳам меорад [149]:

1. Вазифаи аввалиндараҷа ба кумаки ҷомеа нигаронида шуда, фаъолияти он ба хизматрасонии ҷомеа ва гурӯҳи муайяни аҳолӣ равона шудааст, ҳамзамон хусусияти ин шакли фаъолият паҳн намудани ғояи масъулияти иҷтимоӣ мебошад.

2. ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ инъикоси фаъолияти ҳамоҳангшудаи гурӯҳи муайян буда, раванди татбиқи он ба қонеъсозии ниёзҳои ҷомеа ё гурӯҳе мақсаднок равона мегардад. Дар баробари ин, пешвоии шахс ё гурӯҳ ҳамчун ташкилотчӣ моҳияти худро гум намекунад [163].

Тавре ки дар қисматҳои қаблӣ ишора шудааст, Грегори Диз [53, 71] дар адабиёти илмии муосир ҳамчун шахсияти пешоҳанги таҳқиқоти назариявию амалии соҳибкории иҷтимоӣ эътироф гардида, саҳми назарраси ӯ дар ташаккули доираи консептуалӣ ва методологии ин навъи фаъолияти иқтисодӣ

мавқеи марказӣ дорад. Аз ин лиҳоз, дар аксари таҳқиқот, иқтибосҳо ва баҳсҳои академӣ роҷеъ ба соҳибкории иҷтимоӣ маҳз ба корҳои ӯ истинод мекунанд. Дар ин замина, Г. Диз маҷмуи омилҳои муайянкунанда ва меъёрҳои асосии фаъолияти соҳибкории иҷтимоиро, ки дар таҳкими ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ таъсири мусбат доранд, ба таври возеҳ муайян намудааст.

1. Таъсири иҷтимоӣ - равона будани фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ ба ҳалли масоили иҷтимоӣ тавассути пешниҳоди неъматҳо ва хизматҳои иҷтимоӣ буда, ба коҳиши хавфҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад;

2. Навоварӣ - татбиқи усулҳо ва ҳалли инноватсионӣ, ки метавонад сатҳи таъсири иҷтимоиро дар таҳкими амнияти иқтисодӣ афзоиш диҳад;

3. Миқёспазирӣ ва афзоишёбӣ - кӯшиши расидан ба сатҳи нав (миллӣ ва байналмилалӣ) бо мақсади баланд бардоштани таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ;

4. Масъулият - соҳибкории иҷтимоӣ бояд нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти худ ва мизоҷонаш масъулияти олӣ зоҳир намояд [156].

Ҳамин тариқ, рушди ТҒТ дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун фаъолияти эҷод намудани неъматҳои иҷтимоӣ тавассути омезиши захираҳо ва бо роҳҳои инноватсионӣ муайян карда мешавад. Бинобар ин, чунин ҳамбастагии омилҳо дар шароити муосир ҷиҳати фаъолияти ТҒТ мувофиқтар мебошад.

Роҷеъ ба ин, қайд кардан зарур аст, ки соҳибкории иҷтимоӣ наметавонад бо бизнеси дорои масъулияти иҷтимоӣ алоқаманд бошад, чунки бизнеси дорои масъулияти иҷтимоӣ аз вазифаҳои кумак ба сиёсати иҷтимоии давлат бармеояд [50].

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиши падидаи «соҳибкории иҷтимоӣ» ҳамчун категорияи иқтисодӣ метавон оид ба фаъолияти ТҒТ, аз ҷумла ТҒТ, ки дар фаъолияти худ ҷанбаҳои иҷтимоиро фаро гирифтаанд, хулоса кард. Ин ба мо имкон медиҳад, ки минбаъд дар кори таҳқиқотии худ масоили такмили қонунгузории амалкунандаи дар асоси механизми танзими ҳуқуқии бозори

хизматрасонӣ қарордоштаро асоснок намоем. Маълум аст, ки «ТҒТ ҳамчун яке аз шаклҳои соҳибкории иҷтимоӣ», шакли инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ба ташаккули бозори хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъсири мусбат расонад ва наметавонад дар заминаи қонунгузории қаблӣ доир ба ТҒТ ва соҳибкорӣ рушду инкишоф ёбад. Самаранокии сиёсати иҷтимоӣ–ҳуқуқӣ метавонад дар асоси қонунигардонии ҳамкории мутақобилаи байнисоҳавии тиҷорати масъулиятноки иҷтимоӣ ва бахшҳои ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи давлатию ғайритиҷоратии иқтисодиёт ба даст оварда шавад, ки зарурати таҳқиқоти минбаъдаи илмиро дар ин самт ба миён меорад.

Пайваст ба мавзуи кори диссертатсонӣ бояд қайд кард, ки ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ яке аз унсурҳои ташаккулёбии «табақаи миёна» буда, барои паст кардани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ рушди ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ аз дараҷаи устуворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт вобаста буда, онро ҳамчун манбаи воситаҳои мавҷудият, инчунин василаи ифшои имкониятҳои интеллектуалӣ ва эҷодии аҳолӣ, аз ҷумла табақаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир шинохтан мумкин аст.

Тазаккур бояд дод, ки нақши ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ нисбат ба соҳибкории анъанавӣ дар рушди ҷомеа ва иқтисодиёт муассир буда, ҷоринамоии ин шакли соҳибкорӣ метавонад чун механизми иловагии ҳалли мушкилоти иҷтимоие, ки тавассути давлат ва бахши хусусӣ дар алоҳидагӣ дар шароити «нокомии бозор» ҳалли худро наёфтаанд, баромад кунад. Фаъолияти чунин ташкилотҳо на танҳо ҷиҳати ба даст овардани манфиати иқтисодӣ, балки барои таъмини рушди устувор, адолати иҷтимоӣ ва устувории институтсионалии ҷомеа низ мусоидат менамояд. Бояд гуфт, ки маҳз чунин хусусияти омехтаи иҷтимоию иқтисодӣ фаъолияти ин ташкилотҳоро аз дигар субъектҳои иқтисодӣ фарқ намуда, онҳоро ба унсури муҳимми рушди муосири иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин ба омили таъсиргузор дар таъмини субот ва ҳамоҳангии манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ табдил медиҳад.

Вобаста ба ин, аҳаммияти ТҒТ-ро ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар таҳкими амнияти иқтисодии кишвар нишон додан мумкин аст (ҷадвали 1.7).

**Ҷадвали 1.7. - Нақш ва аҳаммияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ**

| ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ | | |
|---|---|---|
| **фаъолият ба манфиати давлат** | **фаъолият ба манфиати ҷомеа** | **фаъолият ба манфиати соҳибкорӣ** |
| -беҳтаршавии сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ;<br>- рушди минтақаҳо тавассути инфрасохтори нақлиётӣ ва азхудкунии заминҳои истифоданашуда;<br>-баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ тавассути кам кардани гаронии буҷет бо истифода аз татбиқи лоиҳаҳои соҳибкорони хусусӣ. | -ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб намудани табақаи осебпазири аҳолӣ;<br>-мусоидат намудан ба истифодаи самараноки қобилияти эҷодии инсон, ифшои истеъдод, рушди намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ;<br>-паст кардани сатҳи бекорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ;<br>-мусоидат ба беҳтаршавии муҳити зист ва ғ. | -баланд бардоштани маданияти хизматрасонӣ;<br>-наздик намудани истеҳсоли маҳсулот ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ;<br>- ошкор намудани роҳҳои нави ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ;<br>-имтиёзҳо дар пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Рушди ТҒТ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, экология, бахши кор бо маъюбон ва ғайра таъсири махсус расонида, дорои як қатор афзалиятҳо, аз ҷумла мутобиқшавӣ ба шароит, мустақилияти назарраси фаъолият, ҷалби ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ба фазои иқтисодӣ ва ғайра мебошад, ки шартҳои объективии тиҷорати худро дар низоми истеҳсолот инъикос менамояд.

Бинобар ин, ТҒТ дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ унсури низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, фаъолияти иқтисодии ба самти ҳалли масоили иҷтимоии ҷомеа нигаронидашударо амалӣ менамояд. Шакли соҳибкории мазкур барои кишварҳои дар рушди ҳамаҷониба ва мукаммалгардонии сармояи инсонӣ ҳавасманд зарур мебошад. Дар ин маврид, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, ки аз як тараф, мушкилоти мубрами инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ ҳалли худро ёбанд, аз тарафи дигар, сохторҳои

соҳибкорӣ имкони пешбурди фаъолияти сармоягузориро дар соҳаҳои иҷтимоӣ пайдо карда, даромад гиранд.

ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ самаранокии иқтисодиро тавассути захираҳои моддию инсонӣ, ки пештар истифода нашудаанд, афзоиш медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки гарчанде оид ба «соҳибкории иҷтимоӣ» январи соли 2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун қабул шуда бошад ҳам, аммо нақши корхонаҳои дорои функсияи иҷтимоӣ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ то ҳол дар адабиёти ватании иқтисодӣ баррасӣ нагардидааст.

Тавре ки дар зербоби гузашта зикр гардид, то кунун дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаҳои назариявии ҷанбаҳои иҷтимоии таъмини амнияти иқтисодӣ бо таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки назарияи муосири идоракунии иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта ТҒТ-ро ҳамчун қувваи сеюме муайян менамояд, ки давлат ва бизнесро пурра мекунад. Дар доираи иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта чунин ташкилотҳо як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунанд, аз ҷумла:

- рушди механизмҳои соҳибкории иҷтимоӣ;
- мусоидат ба шуғли қишрҳои осебпазири аҳолӣ;
- ташаккули шабакаҳои дастгирӣ ва ҳамкории мутақобила;
- татбиқи инноватсияҳо дар заминаи ташаббусҳои маҳаллӣ ва иқтидори дохилии ҷомеа.

Ҳамин тариқ, ТҒТ-ро дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ метавон ҳамчун ниҳоде (институт) баррасӣ кард, ки истеъмоли ғайрифаъоли хизматрасониҳои иҷтимоиро ба иштироки фаъолона дар ҳаёти иқтисодӣ табдил дода, ба устувории ҷомеа мусоидат ва хатарҳои камбизоатиро коҳиш медиҳанд.

Дар шароити кунунӣ, барои он ки давлат ба фаъолияти навтаъсиси ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ кумак расонад, пеш аз ҳама, бояд имтиёзҳои андозӣ (таътилҳои андозӣ) пешниҳод намуда, ба ин васила, гаронии фискалиро ба ТҒТ, ки ба соҳибкорӣ машғул мешаванд, кам намояд. Таътилҳои андозӣ бояд меъёри сифрии андозиро дар муддати панҷ сол дар бар гиранд ва

ин имтиёзҳоро метавонанд ҳам соҳибкорони иҷтимоӣ ва ҳам корхонаҳои иҷтимоӣ ба даст оранд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти соҳибкории ТҒТ дар ҳалли масоили иҷтимоии таҳкими амнияти иқтисодӣ нақши муҳимро иҷро менамояд.

Вобаста ба ин, нақши ТҒТ-ро дар ҳалли баъзе масоили иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ва умуман, ҷомеа бояд муайян кард.

Аввалан, ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ яке аз сарчашмаҳои воридшавии андоз ба буҷети сатҳҳои гуногун буда, дар ташаккули буҷети сатҳҳои гуногун иштирок мекунад. Дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум шудааст, ки ин навъи соҳибкорӣ дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии соҳибкорӣ иҷрои ухдадориҳои ҳатмии давлатӣ, аз ҷумла пардохтҳои фискалиро дар муҳлати муайяншуда мепардозад.

Дувум, аҳаммияти иҷтимоии фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, дар саҳми онҳо дар раванди таъсиси ҷойҳои нави корӣ ифода меёбад.

Ҳамин тариқ, хулосаи мо оид ба фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ бо назари С.М. Сафаров [162] мутобиқат дошта, самараҳои иҷтимоии ин навъи фаъолиятро метавон ба таври зерин шарҳ дод:

- коҳиши сатҳи бекорӣ дар ҷомеа;
- беҳтаршавии сатҳи зиндагии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ дар асоси қонеъ намудани ниёзҳои онҳо ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ба ин қишри аҳолӣ;
- такмил ёфтани як қатор нишондиҳандаҳои иҷтимоии рушди минтақавӣ ва дигар ҷанбаҳои марбут ба устувории иҷтимоию иқтисодӣ.

Бояд қайд кард, ки ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ (занон, ҷавонон, нафақахӯрон, муҳоҷирон, маъюбон ва ғайра)-ро ба муҳити самараноки иқтисодӣ ҷалб намуда, ба паст намудани мушкилоти муосири иқтисодӣ-иҷтимоии давлат таъсири мусбат мерасонад, ҳамчунин ба тавсеаи иқтисоди сабз ва ҳифзи муҳити зист, ки

ҳамчун замина барои рушди минбаъда ва таҳкими амнияти иқтсодӣ ҳисоб мешаванд, мусоидат менамоянд.

Ҳамин тариқ, шароити дастрас ба кор, беҳтарсозии неруи инсонӣ ва коҳиши хавфҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба равандҳои рушди устувор мусоидат намуда, заминаи муътадили институтсионалӣ ва иҷтимоиро ба иқтисоди миллӣ таъмин менамоянд.

## 1.3. Таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ

Бо такя ба таҷрибаи байналмилалӣ метавон қайд кард, ки бахши ғайритиҷоратӣ дар аксар кишварҳои ҷаҳон ҳамчун унсури бунёдии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ эътироф мешавад. Дар кишварҳое, ки ТҒТ сатҳи баланди рушд доранд, чунин ташкилотҳо на танҳо хизматҳои иҷтимоӣ мерасонанд, балки ҳамчун шарикони фаъоли давлат дар таъмини амнияти иқтисодӣ баромад мекунанд. Дар баробари ин, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ТҒТ бо қишрҳои осебпазири ҷомеа фаъолона кор намуда, касри захираҳои давлатиро ҷуброн менамоянд ва инфрасохтори рушди устуворро фароҳам месозад.

Масалан, дар кишварҳои ба мисли ИМА, Олмон, Нидерланд ва ғайра ТҒТ дар низоми устувории иқтисодӣ нақши муҳим доранд. Дар ин кишварҳо барои рушди институтсионалии онҳо аз ҳисоби субсидияҳои давлатӣ дар асоси шартномаҳои дарозмуддат тавассути ҳамгироии ТҒТ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ шароит фароҳам оварда шуда, ҳамзамон дастрасии маблағ аз ҳисоби фондҳои сармоягузории иҷтимоӣ таъмин карда мешавад. Дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққии ҷаҳон ТҒТ тавассути ташаббусҳои маҳаллӣ дар асоси модели «bottom-up» (аз поён ба боло), ки дар доираи ин ба соҳибкории хурд авлавият медиҳанд, шаклҳои анъанавии кооператсияро истифода мебаранд, омӯзишро барои занону ҷавонон бо таври васеъ ба роҳ мемонанд, рушд меёбанд.

**Ҷадвали 1.8. - Таҳлили муқоисавии моделҳои идоракунии ТҒТ ва саҳми онҳо дар амнияти иқтисодӣ**

| Кишвар/минтақа | Модели идоракунии ТҒТ | Хусусияти идоракунӣ | Манбаи маблағгузорӣ | Нақши ҳукумат | Саҳм дар амнияти иқтисодӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **ИМА (модели англосаксонӣ)** | Мустақилияти баланд, худтанзимкунӣ | Шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, таваҷҷуҳ ба натиҷаҳо | Хайрияҳои хусусӣ, грантҳо, сарпарастони корпоративӣ | Дахолати минималӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳо | Муътадил гардонидани бозори меҳнат, дастгирии барномаҳои иҷтимоӣ, афзоиши сармояи иҷтимоӣ |
| **Олмон (модели континенталӣ )** | Ҳамгироии давлатӣ ва назорат | Ҳамкории зич бо мақомоти давлатӣ | Маблағгузориҳои давлатӣ, аъзоҳақӣ | Танзим ва маблағгузории фаъол | Таҳкими инфрасохтори иҷтимоӣ, паст намудани нобаробарии иҷтимоӣ |
| **Ҷопон (модели осиёӣ)** | Идоракунии давлатӣ-ҷамъиятӣ | Омезиши назорати давлатӣ-ҷамъиятӣ | Барномаҳои давлатӣ, хайрияҳои хусусӣ | Ҳамоҳангсозӣ ва дастгирӣ тавассути технологияҳои рақамӣ | Тақсимоти самараноки захираҳо, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир |
| **Кореяи Ҷанубӣ (модели осиёӣ)** | Шарикии давлат ва бахши хусусӣ | Дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ | Субсидияҳои давлатӣ, грантҳо, сармоягузориҳо | Иштироки фаъолона дар лоиҳаҳои инноватсионӣ | Таъсиси ҷойҳои корӣ, дастгирии табақаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир |
| **Сингапур (модели осиёӣ)** | Идоракунии мутамарказ бо рақамикунонӣ | Шаффофияти баланд ва назорати молия | Маблағгузориҳои давлатӣ, сармоягузориҳои хусусӣ | Танзим ва мониторинги мутамарказ | Татбиқи стратегияҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз |
| **Ҳиндустон (модели осиёӣ)** | Идоракунии ғайримутамарказ, иштироки шаҳрвандон | Инкишофи ташаббусҳои маҳаллӣ ва назорати ҷамъиятӣ | Хайрияҳои маҳаллӣ, грантҳои байналмилалӣ | Танзим, дастгирии ташаббусҳои ғайримутамарказ | Муътадилии иҷтимоӣ, ҳамгиро намудани гурӯҳи осебпазир ба фазои иқтисодӣ |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [69, 70, 76, 80, 86, 88, 90]*

Ин самтҳои фаъолияти ТҒТ далолат бар он доранд, ки фарогирӣ ва ҷалби қишрҳои осебпазири аҳолӣ ба фаъолияти иқтисодӣ яке аз омилҳои бунёдии коҳиши камбизоатӣ ва баланд бардоштани устувории иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ҳисоб ёфта, дар маҷмуъ ба таҳкими пояҳои амнияти иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Дар робита бо ин, моделҳои идоракунии ТҒТ-ро дар кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳем. Дар ҷадвал хусусиятҳои асосии идоракунӣ, маблағгузорӣ, нақши ҳукумат ва саҳм дар амнияти иқтисодӣ инъикос ёфтааст (ҷадвали 1.8).

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ҳамгироии ТҒТ ба низоми (системаи) иҷтимоии амнияти иқтисодӣ эҷоди заминаи институтсионалии рушди соҳибкории иҷтимоӣ, мутобиқсозии моделҳои муваффақ (масалан, маблағгузории хурд, кооперативҳои иҷтимоӣ), рушди шарикии байнисоҳавӣ (давлат-ТҒТ-бизнес) ва омӯзиши мунтазам ва омодасозии кадрҳои бахши ТҒТ-ро тақозо менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон моделҳои кишварҳои Ҳиндустон ва Олмон бо дарназардошти шабоҳати мушкилоти иҷтимоӣ ва таҷрибаи таҳияи барномаҳои соҳибкорӣ ва шуғли занон дар минтақаҳои кишвар мувофик аст.

Афзоиши шумораи мушкилоти иҷтимоӣ дар пасманзари бuҳронҳои иқтисодӣ, таҳримҳо ва чолишҳо зарурати ба вуҷуд омадани шаклҳои нави хоҷагидориро ба миён меоранд. Шароити бuҳронии пандемияи COVID -19 нишон дод, ки давлатҳо на ҳама вақт имкони пурра фаро гирифтани мушкилоти иҷтимоии ҷомеаро доранд, аз ин лиҳоз, ТҒТ метавонад ҳамчун воситаи иловагӣ барои ҳалли мушкилот дар чунин ҳолатҳо истифода бурда шавад. Аҳаммияти фаъолияти ТҒТ дар таҳкими ҷанбаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодӣ ва иштироки онҳо дар раванди ҳалли масоили иҷтимоӣ дар солҳои охир тамоюли афзоиш дорад. Ин гуна ташкилотҳо ҳамчун падидаи самараноки иҷтимоию иқтисодӣ аз солҳои 60-уми асри гузашта ба мавзуи баррасии ҷиддии муҳаққиқон табдил ёфта, тадриҷан ҷойгоҳи худро дар низоми институтсионалии ҷомеа мустаҳкам намуданд. Охири солҳои 70-ум ин масъала дар Ғарб мавзуи мубоҳисаи таҳқиқотчиён қарор гирифта, имрӯзҳо дар

ин кишварҳо сиёсати давлатию маҳаллӣ бо дарназардошти иқтидори иқтисодию сиёсии ТҒТ таҳия мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки пайдоиш ва рушди ТҒТ, пеш аз ҳама, ба тезутунд шудани мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеа, аз ҷумла давлатҳои мутараққӣ вобаста буда, танҳо зарурати ҳалли масоили иҷтимоӣ омили асосии бавуҷудоии чунин ташкилотҳо шуда наметавонад. Масалан, имрӯзҳо дар кишварҳои Африқо мушкилоти иҷтимоӣ хеле зиёданд (ҳар 7 ҷавон аз 10 нафар дар як рӯз бо камтар аз 2 долл. зиндагӣ мекунанд, инчунин 60%-и бекорони Африқоро ҷавонон ташкил мекунанд [64], тақрибан 10%-и шумораи аҳолии Африқои Ҷанубӣ гирифтори бемории ВНМО мебошанд) [85]. Аммо ба ин нигоҳ накарда, шумораи ТҒТ дар ин қитъа нисбат ба кишварҳои Аврупо хело кам мебошанд. Қариб дар ҳама мамлакатҳо доираи фаъолияти ТҒТ се самт, аз ҷумла тандурустӣ, маориф ва таъминоти иҷтимоии қишри осебпазири ҷомеаро дар бар мегирад. ТҒТ дар фаъолияти худ бештар ба гурӯҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон, занон, муҳоҷирон, нафақахӯрон ва ҳамзамон ҳифзи муҳити зист аҳаммият дода, «нокомии бозор»-ро зимни бартараф нашудани мушкилоти зиёди иҷтимоӣ ҷуброн мекунанд.

**Ҷадвали 1.9. - Таҷрибаи байналмилалии мавқеи ТҒТ дар низоми ҳалли масоили иҷтмоии таҳкими амнияти иқтисодӣ**

| Намуди фаъолият | |
|---|---|
| **Мустақим** | **Ғайримустақим** |
| Таъмини шуғли аҳолӣ;<br>Дастгирии равонӣ ва иҷтимоӣ;<br>Ҷалби қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ба фазои иқтисодӣ;<br>Харид ва истеҳсоли молҳое, ки барои фаъолияти ТҒТ зарур мебошанд;<br>Талаботи умумиро ҳавасманд мегардонад ва таклифоти умумиро зиёд менамояд; | ТҒТ хизматрасонии иҷтимоиро баланд менамоянд;<br>ТҒТ ба беҳтар кардани фазои иҷтимоӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки шарти зарурии рушди иқтисодӣ ва таҳкими амнити иқтисодӣ мебошанд, саҳм мегузоранд. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дараҷаи баланди маърифати шаҳрвандӣ ва рушди иқтисодӣ заминаи рушд ва фаъолияти самараноки ТҒТ-ро фароҳам меорад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад,

ки ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо падидаи муҳим ва ҷудонашаванда буда, дар ташаккули сохтори устувори бозор нақши муассир дорад (расми 1.9).

Бояд қайд кард, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста ба раванди ташаккул ва рушди ТҒТ дар нимаи дуюми асри XX пайдо шудаанд [68].

Дар маҷмуъ, тавре таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, фаъолияти ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир ба тавсеаи сохтори эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ мусоидат намуда, заминаҳои ташаккули сармояи иҷтимоиро фароҳам меорад ва ба баландшавии сатҳи умумии эътимоди ҷомеа нисбат ба институтҳои иҷтимоӣ таъсири мусбат мерасонад [175].

«Таснифи байналмилалии стандартҳои соҳавии тамоми фаъолияти иқтисодӣ (International Standard Industrial Classification of All Economic Activities - ISIC)»-ро истифода карда, метавон таснифоти фаъолияти ТҒТ-ро ба ёздаҳ гурӯҳи асосӣ ҷудо кард. (ҷадвали 1.10)

**Ҷадвали 1.10. - Гурӯҳбандии ТҒТ тибқи таснифоти байналмилалии стандартҳои соҳавӣ**

| Гурӯҳ | Соҳаи фаъолият |
|---|---|
| 1 | Фарҳанг ва истироҳат |
| 2 | Маориф ва таҳқиқоти илмӣ |
| 3 | Тандурустӣ |
| 4 | Хизматрасонии иҷтимоӣ |
| 5 | Ҳифзи муҳити зист |
| 6 | Ободонии муҳит ва сохтмони манзил |
| 7 | Адвокатура |
| 8 | Эҳсонкорӣ |
| 9 | Муносибатҳои байналмилалӣ |
| 10 | Ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо |
| 11 | Ба ягон гурӯҳ дохил карда нашудааст |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф тибқи International Standard Industrial Classification of All Economic Activities*

Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ташкилотҳо асосан дар самтҳои иҷтимоии осебпазир, аз ҷумла мусоидат ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии маъюбон, занон, муҳоҷирон ва ҳамзамон самти ҳифзи муҳити зист, курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ва ғайра фаъолият менамоянд.

Дар маҷмуъ, баррасии таҷрибаи хориҷӣ имкони якчанд хулосаи умумӣ оид ба низоми (системаи) идоракунии ТҒТ бароварданро медиҳад.

Барои рушди ТҒТ бояд тамоюлҳои гуногун ва ҷанбаи зиёд ба назар гирифта шавад, ки мазмуни инкишофи онҳоро дар фазои иқтисодии кишвар муайян мекунад. Аз ҷумла, маълумоти мавҷударо оид ба тамоюлҳои ҳозира мунтазам омӯхта, дар самти идоракунии ТҒТ, ки бо табақаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ кор мебаранд, истифода бурдан лозим аст.

Таъмини шаффофияти фаъолият, аз ҷумла фаъолияти молиявии ТҒТ, эътибори онҳоро дар ҷомеа ва тавсеаи фаъолияти эҳсонкорӣ зиёд мекунад.

Ҳамин тариқ, низоми (системаи) идоракунии фаъолияти ТҒТ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон фаъолона рушд ёфта, дар инкишофи устувори иқтисодиёт ва ба ҳаёти иқтисодӣ ҷалб намудани табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири ҷомеа, инчунин таъмини бехатарии муҳити зист ва экология нақши муҳим дорад.

Аз таҳлилҳои гузаронидашуда метавон ба хулоса омад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳия ва асосноккунии назариявии модели самараноки фаъолияти ТҒТ, ки дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисоди миллӣ, аз ҷумла ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, муҳоҷирати меҳнатии муташаккил, ба фазои иқтисодӣ ҷалб намудани занон ва ҳалли мушкилоти экологӣ равона шудааст, ба таври возеҳ эҳсос мегардад. Ин модел нақши муассири худро дар таҳкими ҷанбаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодӣ ва устувории иҷтимоию иқтисодии кишвар иҷро менамояд.

Тавре ки қаблан дарҷ гардид, дар адабиёти иқтисодӣ амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҳолати ҳифзи иқтисодиёт аз таҳдидҳои дохилию берунӣ маънидод карда мешавад. Аммо дар шароити афзояндаи нобаробариҳои иҷтимоӣ, ноустуворӣ ва осебпазирии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ зарурати муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла ҷанбаҳои иҷтимоии таъмини амнияти иқтисодӣ, ба монанди ҳифзи сатҳи зиндагии аҳолӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, имкониятҳои баробар барои иштирок дар иқтисодиёт, паст кардани сатҳи осебпазирии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ меафзояд.

Вобаста ба ин, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт якчанд равишҳои консептуалиро метавон муайян кард.

Пеш аз ҳама, ин консепсияи иҷтимоию иқтисодии таъмини амнияти иқтисодӣ мебошад, ки дар асосноккунии назариявии вобастагии суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори иқтисодӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Рукни асосии равиши иҷтимоию иқтисодӣ аз он иборат аст, ки бе таъмини шароитҳои асосии иҷтимоӣ, рушди устувор ва амнияти эътимодноки иқтисодӣ имконнопазир аст. Яъне, равандҳои иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ба ҳам алоқамандии зич доранд: ҳар як бухрони иҷтимоӣ метавонад ба бухрони иқтисодӣ табдил ёбад ва таназзули иқтисодӣ метавонад боиси афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ гардад.

Мавриди зикр аст, ки равиши мазкур дар таҳияи стратегияҳои рушди устувор, барномаҳои зиддибухронӣ ва таҳлили осебпазирии иқтисоди миллии кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон фаъолона истифода бурда мешавад.

Ҷанбаҳои асосии консепсияи мазкур муқаррароте мебошанд, ки дар навбати аввал, ноустувории иҷтимоӣ ҷолибияти сармоягузории кишварро коҳиш медиҳад, зеро сармоягузорони ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, на танҳо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (таваррум, қурби асъор, ММД), балки самаранокии сиёсати иҷтимоиро низ арзёбӣ мекунанд [158]. Масалан, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳои дорои индекси баланди Ҷини (беш аз 0,45) коҳиши назарраси сармоягузории мустақими хориҷиро мушоҳида мекунанд.

Дуюм, камбизоатӣ ва бекорӣ хатари таконҳои иқтисодиро зиёд мекунад. Сатҳи баланди камбизоатӣ дар асоси коҳиш ёфтани маҷмуи талабот бозори дохилиро ноустувор месозад. Бекорӣ, махсусан миёни ҷавонон ва аҳолии деҳот, ба афзоиши ҷараёнҳои муҳоҷират, зиёдшавии шуғли ғайрирасмӣ ва болоравии ҳиссаи бахши ғайритиҷоратӣ дар иқтисодиёт мусоидат намуда, дар маҷмуъ, ба коҳиши суботи молиявӣ ва ноустувории мувозинат дар бозори меҳнат оварда мерасонад. Масалан, тибқи маълумоти ХБА (2023), афзоиши

1% бекорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба ҳисоби миёна боиси коҳиши 0,6%-и ММД-и дохилӣ мегардад [93].

Сеюм, дар доираи ин равиш сармояи инсонӣ ҳамчун унсури калидии таъмини амнияти иқтисодии давлат дар ҷаҳони муосир баррасӣ мегардад [143]. Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ва гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, устувории иҷтимоӣ торафт ба сатҳи сармояи инсонӣ вобастагии амиқ пайдо мекунад. Дар чунин ҳолат, сармоягузорӣ ба маориф, тандурустӣ ва низоми ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун омили калидӣ амал намуда, ба коҳиши сатҳи осебпазирии хоҷагиҳо ва зиёдшавии ҳосилнокии меҳнат таъсири мусбат мерасонад. Дар ин замина, сиёсати давлатӣ, ки ба рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудааст, ҳамчун воситаи стратегии амнияти дарозмуддати иқтисодӣ эътироф мегардад.

Ҳамин тариқ, консепсияи иҷтимоию иқтисодӣ доираи анъанавии моҳияти амнияти иқтисодиро васеъ намуда, параметрҳои иҷтимоиро ҳамчун шарти ҳатмии рушди устувор ба он ворид мекунад. Вобаста ба ин, нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ, мубориза бо камбизоатӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ - ҳамаи инҳо на танҳо ҳадафҳои сиёсати иҷтимоӣ, балки ҷузъҳои таркибии эҷоди амнияти иқтисодии миллӣ мебошанд. Беэътиноӣ ба ин ҷанбаҳо эҳтимолияти буҳрони иҷтимоию иқтисодиро зиёд карда, мавқеи кишварро дар рақобати ҷаҳонӣ заиф мегардонад.

Равиши дуюми консептуалӣ дар таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоии ташаккули амнияти иқтисодӣ ҳамчун консепсияи институтсионалии таъмини амнияти иқтисодӣ маънидод карда мешавад. Дар заминаи консепсияи мазкур сифат ва устувории институтҳо (ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ) ҳамчун омили муайянкунандаи сатҳи самаранокӣ ва устувории иқтисодиёти миллӣ баррасӣ мегардад. Ин равиш бар он асос меёбад, ки амнияти иқтисодӣ на танҳо натиҷаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, балки ҳосили коршоямии ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ҳифз ва идораи захираҳои молиявӣ, моликият ва имконоти рушди иҷтимоӣ мебошад.

Равиши институтсионалӣ амнияти иқтисодиро ҳамчун ҳосилаи сифати институтҳое эътироф мекунад, ки:

- волоияти қонун;
- эътимоди иҷтимоӣ;
- тақсимоти одилонаи захираҳо;
- идоракунии самараноки давлатӣ;
- иштироки ҷомеаи шаҳрвандиро дастгирӣ мекунанд.

Дар консепсияи мазкур ТҒТ ҳамчун миёнаравҳои институтсионалии байни давлат ва ҷомеа ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд (ҷадвали 1.11). Чунин ташкилотҳо барои ба ҳадди ақал кам кардани нобаробарии иҷтимоӣ, назорати риояи ҳуқуқҳо, эҷоди эътимод ва ҷалби аҳолӣ ба равандҳои рушд мусоидат мекунанд. ТҒТ қабати иловагии танзимоти иҷтимоиро дар иқтисодиёт ташкил намуда, дастрасии табақаҳои осебпазири аҳолиро ба кумакҳои иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои аҳолӣ, мониторинги иҷрои қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ, паҳнкунии иттилоот ва маорифро ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 1.11. - Функсияҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун ниҳоди (институти) таҳкими амнияти иқтисодӣ**

| Функсияҳои ТҒТ | Самараи иҷтимоӣ | Саҳм дар амнияти иқтисодӣ |
|---|---|---|
| **Ҳифзи иҷтимоӣ** | Дастгирии гурӯҳҳои осебпазир | Паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва осебпазирии иҷтимоӣ |
| **Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи инсон** | Назорати риояи ҳуқуқҳо | Баланд бардоштани эътимод ба институтҳо |
| **Барномаҳои таълимӣ** | Баланд бардоштани шуурнокӣ, сафарбаркунӣ | Баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ |
| **Иштирок дар таҳияи сиёсат** | Муколамаи байни ҳукумат ва ҷомеа | Қонунигардонии ислоҳот ва кам кардани хатарҳои эътироз |
| **Фаъолияти адвокатура ва маърифатӣ** | Инкишофи адолати иҷтимоӣ | Мутобиқгардонии манфиатҳои ҷамъиятӣ |
| **Фаъолияти экологӣ** | Беҳтар намудани муҳити зист, ташаккули маданияти экологӣ | Коҳиши хатарҳои экологӣ, истифодаи самараноки захираҳо, дастгирии рушди «сабз» |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Ҳамин тариқ, консепсияи институтсионалӣ таъкид мекунад, ки амнияти иқтисодӣ бе институтҳои самараноки иҷтимоию ҳуқуқӣ, ки суботи ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд, ғайриимкон аст. Дар ин модел ТҒТ вазифаи

муҳимро иҷро мекунанд, аз ҷумла якпорчагии институтсионалиро дастгирӣ намуда, хавфи парокандашавиро дар ҷомеа коҳиш медиҳанд. Ҳамин тариқ, онҳо ҷузъи ҷудонашавандаи меъмории рушди устувор ва муҳофизат аз таконҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегарданд.

Равиши сеюми консептуалӣ дар масъалаи ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ дар консепсияи амнияти инсонӣ, ки солҳои 90-ум ташаккул ёфтааст, бори аввал дар Гузориш оид ба рушди инсони Барномаи СММ соли 1994 пешниҳод шуда буд. Бар хилофи равишҳои классикӣ, ки ба ҳифзи тамомияти арзии давлат нигаронида шудаанд, ин консепсия ба амнияти худи шахс ҳамчун субъекти асосии рушди устувор ва некуаҳволӣ тамаркуз мекунад.

Дар доираи ин консепсия, амният ҳамчун раванд ва механизмҳои ҳифзи афрод аз таҳдидҳо ва омилҳои номусоид, ки метавонад ба сатҳи некуаҳволии ҷисмонӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъсир расонад, аз ҷумла камбизоатӣ, бекорӣ, эпидемияҳо, табъизи иҷтимоӣ, офатҳои экологӣ ва амалҳои зӯроварӣ маънидод карда мешавад.

Консепсияи бехатарии инсон («Human security») ба ҳуқуқҳо, ниёзҳо ва осебпазирии гурӯҳҳои мушаххаси аҳолӣ таъкид мекунад, ки барои камбизоатон, занон, кӯдакон, маъюбон, муҳоҷирон ва дигар табақаи осебпазир муҳим мебошад. Мавриди зикр аст, ки камбизоатӣ, бекорӣ, табъиз, дастрасии маҳдуд ба маориф ва тандурустӣ на танҳо мушкилоти соҳаи иҷтимоӣ, балки ҳамчун таҳдид ба суботи иқтисодӣ ва рушди тамоми ҷомеа баромад мекунад. Кишварҳое, ки ба онҳо захираҳои маҳдуди давлатӣ хос аст, маҳз ТҒТ ҳамчун субъекти асосии таъминкунандаи ҳифзи инсон ба воситаи:

- хизматрасониҳои асосӣ (дастгирии иҷтимоӣ, ёрии ҳуқуқӣ, тандурустӣ);
- татбиқи лоиҳаҳои омӯзишӣ;
- расонидани кумак ба зарардидагони ҳолатҳои фавқулода ва буҳронӣ;
- инкишоф додани ҳуқуқҳои инсон аз рӯи принсипҳои демократӣ,

баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, амнияти фард ҳамчун асоси амнияти иқтисодӣ баромад мекунад [137,141,146,154]. Рушди устувори иқтисодӣ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки ҳар як шахс аз таҳдидҳое, ки иштироки онҳоро дар фазои иқтисодӣ маҳдуд мекунад, ҳифз карда шавад.

Равиши сеюми консептуалӣ дар масъалаи ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ дар консепсияи рушди устувор (sustainable development) оварда шудааст.

Тибқи муқаррароти базавӣ, рушди устувор ин навъи рушдест, ки ниёзҳои наслҳои имрӯзаро қонеъ намуда, имкониятҳо ва ниёзҳои наслҳои ояндаро зери хатар намегузорад.

Консепсияи рушди устувор се ҷузъи бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад:

- рушди иқтисодӣ;
- адолати иҷтимоӣ;
- устувории экологӣ.

Қайд кардан муҳим аст, ки дар заминаи таъмини амнияти иқтисодӣ рушди устувор нақши асосиро дар таҳкими суботи дарозмуддат иҷро намуда, сатҳи хатарҳои сохториро коҳиш медиҳад, ҳамчунин заминаи модели пешгӯишаванда ва фарогири иқтисодиро фароҳам меорад.

Тавре қаблан зикр шуд, дар шароити маҳдудияти захираҳои давлатӣ маҳз ТҒТ ба иҷрои барномаҳои рушди устувор дар сатҳи маҳаллӣ машғул шуда, сокинони маҳаллиро ҷалб мекунанд, рӯзномаи устувори ҷомеаро ташаккул медиҳанд ва иҷрои Ҳадафҳои рушди устуворро назорат мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои дорои иқтисодиёти рушдёбанда, нақши ТҒТ дар таҳкими низоми маориф, ҳифзи муҳити зист, мутобиқшавии занон ва муҳоҷирон ба шароити тағйирёбанда, ҳамчунин дар рушди устувори минтақаҳо нақши мусбат доранд.

Вобаста ба ин, нишондиҳандаҳои молиявии баъзе аз ТҒТ-и дар самти иҷтимоии осебпазир фаъолияткунандаро дар ҷадвали 1.12 нишон медиҳем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ТҒТ фаъолияташон тамоюли иҷтимоидошта даромади худро бештар аз ҳисоби грантҳо таъмин менамоянд.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати ба даст овардани мустақилият ва устувории молиявӣ зарур аст чунин ташкилотҳо ба фаъолияти самараноки иқтисодӣ машғул шаванд. Дар ин асос бояд дастгирии давлатӣ, аз ҷумла дастгирии молиявӣ, андозӣ, буҷетӣ, моддӣ, институтсионалӣ ва ҳамзамон мусоидат ба фаъолгардонии соҳибкорӣ дар ТҒТ бобати фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ҷоннок карда шавад.

Таҳлили ҷадвали 1.12 нишон медиҳад, ки ҳаҷми даромади умумии молиявии ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта дар ҷумҳурӣ тамоюли тағйирёбанда дорад. Чунин тамоюл бештар аз ҳисоби грантҳо ба ТҒТ хос буда, ҷадвал нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ соли 2019 ҳаҷми даромади молиявӣ аз ҳисоби грантҳо ба чунин ташкилотҳо 5,95 млн сомонӣ, соли 2020 6,42 млн сомонӣ, соли 2021 13, 46 млн сомонӣ, соли 2022 8, 63 млн сомонӣ ва дар соли 2024 5,40 млн сомониро ташкил додааст. Ҳамзамон ҳиссаи маблағҳо аз дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла саҳмгузории дохилӣ ва хизматрасониҳо низ нақши иловагӣ дошта, барои диверсификатсияи сарчашмаҳои маблағгузорӣ нақши мусбат гузоштаанд. Бояд қайд кард, ки даромади ТҒТ дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 тамоюли пастшавӣ дошта, ин раванд ба он асос меёбад, ки маълумотҳои омори доир ба баъзе ташкилотҳо вуҷуд надоранд ва ин ба нишондиҳандаҳои молиявии ТҒТ дар соли 2022 таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон, маълумоти расмӣ доир ба фаъолияти молиявии ТҒТ дар соли 2023 дастрас нестанд, аз ин рӯ, роҷеъ ба фаъолияти чунин ташкилотҳо дар соли зикршуда хулоса баровардан имкон надорад.

Доир ба қисмати хароҷоти ТҒТ-и дар ҷадвали 1.12 овардашуда қайд кардан зарур аст, ки дар ин қисмат низ афзоиши назаррас ба назар мерасад. Чунин раванд аз вусъати фаъолияти ташкилотҳо, хусусан фаъолияти иҷтимоӣ вобаста мебошад. Бахши назарраси хароҷот ба музди меҳнати кормандон ва ҷалби мутахассисон рост меояд, дар ҳоле ки хароҷот барои таҷҳизот, семинарҳо, хизматрасониҳои иҷора ва дигар хизматрасониҳо низ ба таври пайваста афзоиш ёфтааст. Дар маҷмуъ, сохтори хороҷот нишон медиҳад, ки ТҒТ маблағҳои худро бештар дар самтҳои рушди инсонӣ ва баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳо, инчунин густариши инфрасохтори иҷтимоӣ равона месозанд.

## Ҷадвали 1.12. - Нишондиҳандаҳои молиявии ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Ташкилотҳо | Даромади асосӣ (воридоти молиявӣ), сомонӣ | | Хароҷотҳои молиявӣ, сомонӣ | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аз хисоби грантхо | Дигар манбаъхо | Субгрантҳои додашуда | Музди меҳнати кормандон | Пардохт барои ҷалби мутахассисон | Андозҳо (аз даромад, иҷтимоӣ ва ғ.) | Хариди таҷҳизот ва даромадҳои ғайримоддӣ | Хароҷотҳо ва хизматрасониҳо барои корхона | Хароҷот барои алоқа | Нашри китоб ва дигар маводҳо | Хароҷотҳо барои сафари хизматӣ | Хизматрасониҳои иҷоравӣ ва коммуналӣ | Гузаронидани конфронсҳо ва семинарҳо | Хароҷоти бонкӣ | Дигар хароҷотҳои маъмурӣ |
| **Фаъолият дар соли 2019** | 5951201 | 1668748 | 693646,4 | 1953111 | 294582,2 | 1132484 | 534148,8 | 285628,9 | 56903,13 | 69345,23 | 157070,4 | 101293,7 | 695699,6 | 37717,99 | 868570,1 |
| **Фаъолият дар соли 2020** | 6424934 | 3769543 | 488661,3 | 1489284 | 446892,1 | 615002,3 | 2096251 | 146416,4 | 53264,24 | 72747,11 | 109117,1 | 135945 | 384525,3 | 25473,73 | 835142,9 |
| **Фаъолият дар соли 2021** | 13463196 | 2418679 | 750705,4 | 3499342 | 623602,8 | 1499275 | 812763,6 | 345717,3 | 187040,3 | 80393,2 | 325020,4 | 214197,8 | 923215,2 | 34028,82 | 3401856 |
| **Фаъолият дар соли 2022** | 863668,83 | 353703,3 | 39612,83 | 373045 | 42806,78 | 156097,75 | 86653,91 | 199343,6 | 6146,33 | 27332,25 | 103961,16 | 23212,50 | 284843,83 | 20131,56 | 234519,33 |
| **Фаъолият дар соли 2023*** | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| **Фаъолият дар соли 2024** | 5406138 | 1381955 | 34373,84 | 2271000 | 363212,6 | 888920 | 533919,7 | 192449,9 | 44465,36 | 15175,52 | 370622,3 | 265680 | 1433788 | 15389,66 | 502866,2 |
| **Ҷамъ** | 32109138 | 9592628 | 2007000 | 9585782 | 1771096 | 4291779 | 4063737 | 1169556 | 347819,4 | 264993,3 | 1065791 | 740329 | 3722072 | 132741,8 | 5842955 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [43]*

*(*-маълумот доир ба вазъи молиявии ТҒТ-и интихобшуда дар соли 2023 дастрас нест)*

Да маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки фаъолияти молиявии чунин ташкилотҳо дорои хусусияти даврагӣ мебошад ва ба тағйирёбии шароити иқтисодӣ ва дастрасии манбаъҳои молиявӣ вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, зарурати такмили механизмҳои диверсификатсияи даромадҳо ва баланд бардоштани самарнокии истифодаи захираҳоро тақозо менамояд. Чунин раванд нишон медиҳад, ки фаъолияти ТҒТ дар Тоҷикистон бояд ба самти баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ ва устувории таъсири иҷтимоӣ сафарбар карда шаванд.

**Ҷадвали 1.13. - Таҳлили муқоисавии консепсияҳои ҷанбаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодӣ**

| Консепсияҳо | Ғояи асосӣ | Ҷанбаҳои иҷтимоӣ | Алоқа бо амнияти иқтисодӣ | Нақши ТҒТ |
|---|---|---|---|---|
| **Консепсияи иҷтимоию иқтисодӣ** | Суботи иқтисодӣ бе устувории иҷтимоӣ ғайриимкон аст | Сатҳи зиндагӣ, шуғл, камбизоатӣ, сармояи инсонӣ | Ноустувории иҷтимоӣ → паст шудани ҷолибияти сармоягузорӣ ва афзоиши хатарҳои бухронӣ | Дастгирии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, рушди сармояи инсонӣ |
| **Консепсияи институтсионалӣ** | Институтҳои муассир – асоси амният мебошанд | Дастрасӣ ба адолат, иштирок дар идоракунӣ, эътимод ба институтҳо | Институтҳои эътимоднок → кам кардани хароҷоти транзаксионӣ ва хатарҳои коррупсионӣ | Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мониторинги сиёсати оммавӣ |
| **Консепсияи амнияти инсонӣ** | Амнияти фардӣ (инсон) аз амнияти давлатӣ муҳимтар аст | Амнияти даромад, меҳнат, саломатӣ, муҳити зист, гендерӣ, маориф | Устувории афрод → коҳиш додани осебпазирии иҷтимоӣ ва сенарияҳои хатарнок (шадид) | Таъмини хизматрасониҳои асосӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ташаббусҳои башардӯстона |
| **Консепсияи рушди устувор** | Иқтисод, ҷомеа ва экология - низоми ягона, ҳамчун асоси иқтисоди сабз | Фарогирӣ, дастрасии баробар, ҳифзи иҷтимоӣ, паст кардани нобаробарӣ | Устувории иҷтимоӣ → суботи дарозмуддати иқтисодӣ ва коҳиши хатар | Татбиқи (воридсозии) Ҳадафҳои рушди устувор, лоиҳаҳо бо тарзи ҳаёти устувор, омӯзиш ва мутобиқсозии аҳолӣ |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Фаҳмиши муосири амнияти иқтисодӣ аз нишондиҳандаҳои холиси макроиқтисодӣ берун рафта, бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили асосии суботи давлат тамаркуз мекунад. Таҳлили назариявии консепсияҳои асосӣ – консепсияи иҷтимоию иқтисодӣ, институтсионалӣ, амнияти инсонӣ ва

рушди устувор тасдиқ мекунанд, ки ноил шудан ба амнияти пойдор ва устувори иқтисодӣ бе ба ҳисоб гирифтани ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои иҷтимоӣ ғайриимкон аст (ҷадвали 1.13).

Аз таҳлили ҷадвали 1.13 ба хулоса омадан мумкин аст, ки чор консепсияи зикршуда дар ҳамбастагӣ заминаи таъмини ҷанбаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодиро ташкил дода, тавассути баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, шуғл ва сармояи инсонӣ, таҳкими институтҳои боэътимод, ҳифзи амнияти инфиродӣ ва мутобиқсозии рушди иқтисодӣ бо ҳадафҳои устувор, ба коҳиш додани хатарҳои таҳкими суботи дарозмуддат ва пойдори иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

**Хулосаи боби якум**. Дар боби якуми рисола асосҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи рушди ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта, хусусиятҳои иқтисодии ТҒТ ҳамчун низоми махсуси соҳибкории иҷтимоӣ, низоми (системаи) идоракунии чунин ташкилотҳо дар кишварҳои гуногун, самтҳои фаъолияти чунин ташкилотҳо нисбат ба қишри осебпазири ҷомеа, ҳамзамон таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии чунин ташкилотҳо бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ баррасӣ гардидааст. Қайд гардидааст, ки низоми (системаи) идоракунии ТҒТ тавассути дастгирии давлатӣ ва мақомоти он ба сифати воситаи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ баромад мекунад.

Омӯзишу баррасии таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф дар самти фаъолияти ТҒТ нишон медиҳад, ки чунин ташкилотҳо дар кишварҳои дорои сиёсати иҷтимоии рушдёфта фаъолона тавсеа ёфта истодаанд. Ҳамзамон, қайд шудааст, ки сабабҳои пайдоиш ва инкишофи ТҒТ ин мавҷудияти «нокомии бозор», маҳдуд будани захираҳо ва нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа буда метавонанд. Муайян карда шудааст, ки шароити муосири ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки самтҳои асосии такмили низоми идоракунии ТҒТ, махсусан дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёт, аз ҷумла ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, мусоидат ба муҳоҷирати меҳнатии муташаккил, ҳамгиро намудани занон ба фазои иқтисодӣ ва ҳалли масоили марбут ба экология ва иқтисоди сабз бознигарӣ ва мукаммал гарданд.

Ҳамзамон, таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти чунин ташкилотҳо нишон медиҳад, ки ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ бо мақсади ҷалби қишрҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеа ба фазои иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунанд.

Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии рушди ТҒТ ва хусусиятҳои фаъолияти он, моро ба хулосае меорад, ки низоми (системаи) идоракунии фаъолияти ТҒТ яке аз воситаҳои муассири ба фазои иқтисодии самаранок ҷалб намудани аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ва дар ин замина мусоидат ба таҳкими амнияти иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

Мавриди зикр аст, ки ҳамаи гуфтаҳои боби мазкур бо ҳам мантиқан алоқаманд буда, андешаи ягона мушоҳида мегардад: ноустувории иҷтимоӣ, нобаробарӣ, камбизоатӣ ва маргинализатсияи аҳолӣ на танҳо хатари дохилиро ба вуҷуд меоранд, балки иқтидори дарозмуддати иқтисодиро коҳиш дода, ҷолибияти сармоягузориро паст ва иқтисодиёти ғайрирасмиро тақвият мебахшад ва сарбориро ба институтҳои давлатӣ афзоиш медиҳанд. Дар навбати худ, рушди сармояи инсонӣ ва иштироки самараноки аҳолӣ дар равандҳои ҷамъиятию иқтисодӣ ба ташаккули эътимод, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва устувории иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Дар ин равандҳои зикршуда ТҒТ нақши калидиро иҷро намуда, вазифаи рафъи хатарҳои иҷтимоӣ, ифодакунандаи манфиатҳои табақаҳои осебпазири аҳолӣ, шароит фароҳам овардан барои баланд бардоштани фарогирӣ ва дастрасии баробар ба имкониятҳоро иҷро мекунанд. Ҳамин тариқ, чунин ташкилотҳо на танҳо вазифаҳои башардӯстона ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро амалӣ мегардонанд, балки дар системаи таъмини амнияти иқтисодӣ, хусусан дар кишварҳое, ки бо захираҳои маҳдуд ва мушкилоти институтсионалӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, ба субъекти муҳим табдил меёбанд.

Аз ин рӯ, таҳияи консептуалии асосҳои иҷтимоии амнияти иқтисодӣ барои таҳлили эмпирикии минбаъдаи ТҒТ дар низоми амнияти иқтисодӣ заминаи назариявиро ба вуҷуд меорад. Ин раванд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мушкилоти иҷтимоӣ бо масоили субот, рушди устувор ва рушди сармояи инсонӣ алоқамандии зич дорад, муҳим мебошад.

# БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТИИ ТАМОЮЛИ ИҶТИМОИДОШТА ВА АҲАММИЯТИ ОНҲО ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини шуғл ва суботи иқтисодии маъюбон

Дар солҳои аввали пас аз соҳиб шудан ба истиқлоли давлатӣ, омилҳои мураккаб ва манфӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ, гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ, амалӣ намуданиислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маҳдудияти захираҳои молиявӣ, ноустувории асъори миллӣ ва камбуди кадрҳои соҳибихтисос ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсир карданд, ки дар натиҷа, сатҳи бекорӣ ва сифати зиндагӣ коҳиш ёфта, муҳоҷирати аҳолӣ ҳамчун раванди ҷиддӣ ба миён омад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилоти муҳимми иҷтимоӣ ҳамгироии маъюбон ба фазои иқтисодии кишвар мебошад. Осебпазирии ин гурӯҳи аҳолӣ ба маҳдудиятҳои дастрасӣ ба бозори меҳнат, сатҳи нокифояи дастгирии иҷтимоӣ ва паст будани қобилияти мутобиқшавӣ ба талаботи ҷойҳои корӣ алоқаманд аст.  Дар чунин шароит нақши ТҒТ дар эҷод ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, ҳамчунин таъмини суботи иқтисодии маъюбон ҳамчун омили калидӣ арзёбӣ карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [4]. Ин меъёр дар СМР барои то давраи соли 2030 [17], ки соли 2016 қабул гардидааст, низ инъикос ёфтааст. Ҳадафи стратегияи мазкур баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодиёт, аз ҷумла таъмини бехатарии энергетикӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои энергия, саноатикунонӣ, рушди инфрасохтори иртиботӣ ва беҳтар намудани шуғлнокии аҳолӣ мебошад. Дар ин замина, Ҳукумати кишвар пайваста чораҳои амалии заруриро барои таҳия ва татбиқи барномаҳо ва консепсияҳои марбут ба беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ амалӣ менамояд.

Мавриди зикр аст, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти ТҒТ дар кор бо маъюбон ҳам бо қонунгузории миллӣ ва ҳам бо конвенсияҳои байналмилалӣ асос ёфта, ҳуҷҷатҳои асосие, ки дар сатҳи байналмилалӣ ба ин самт рабт доранд, чунинанд:

1. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон аз 13-уми декабри соли 2006 – ҳуқуқи маъюбонро ба меҳнат, таҳсилот, иштирок дар ҷомеа ва дастрасӣ ба инфрасохтор эътироф мекунад. Ҳуҷҷати мазкурро аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон низ эътироф намуда, имзо гузоштааст.
2. Ҳадафҳои рушди устувори СММ (2015-2030) – истиноди мустақимро оид ба зарурати тавсеаи имкониятҳо барои шахсони дорои маъюбият дар бар мегирад (аз ҷумла: ҲРУ 4 – таҳсилоти босифат; ҲРУ 8 – кори сазовор ва рушди иқтисодӣ; ҲРУ 10 – коҳиши нобаробарӣ; ҲРУ 11 – шаҳрҳо ва ҷамоатҳои устувор).
3. Эъломияи ТБМ оид ба принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат – ҳуқуқ ба шуғли ғайри табъизро муқаррар мекунад.

Дар сатҳи миллӣ қонунгузорӣ заминаи фаъолияти ТҒТ ва ҳифзи ҳуқуқи маъюбонро ташкил медиҳад, аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ»;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»;
4. Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025;
5. Имтиёзҳои андозию маъмурӣ барои ТҒТ, ки дар соҳаи иҷтимоӣ фаъолият мекунанд.

Илова бар ин, як қатор кишварҳо механизмҳои хариди иҷтимоӣ ва дастгирии грантиро ба ТҒТ пешбинӣ намудаанд, ки норасоиҳои низоми кумаки давлатиро ҷуброн мекунанд.

Сатҳи шуғл дар байни ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд дар миқёси ҷаҳон дар соли 2023 нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ хеле паст боқӣ мемонад. Тибқи арзёбиҳои созмонҳои байналмилалӣ, махсусан ТБМ, маъбон

тақрибан аз шаш як ҳиссаи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳанд (тақрибан 1,3 млрд нафар аз 8,2 млрд), ки ин нишондиҳанда мавқеи назарраси онҳоро дар сохтори демографӣ таъкид менамояд. Бо вуҷуди ин, гурӯҳи мазкур то ҳол ба сатҳи баланди табъиз, маҳдудияти дастрасӣ ва имконоти иқтисодӣ ва фарогирии нокифоя дар бозори меҳнат рӯ ба рӯ мегардад. Ба ҳисоби миёна, иштирок дар қувваи корӣ миёни маъюбон 25 банди фоизӣ аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ пасттар буда, сатҳи бекории онҳо, баръакс, ба таври устувор 7,5 банди фоизӣ баландтар арзёбӣ мешавад [57]. Дар кишварҳои рушдёбанда бошад, ин вазъ бо чунин нишондиҳандаҳо тавсиф меёбад (ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. - Сатҳи шуғли маъюбон дар кишварҳои рушдёбанда дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои байналмилалӣ**

| Минтақа\кишвар | Сатҳи шуғли маъюбон % | Тафовут бо аҳолии солим |
|---|---|---|
| **Россия** | 27% | 52,3 банди фоизӣ |
| **Қазоқистон** | 39% | 25-30 банди фоизӣ |
| **Иттиҳоди Аврупо** | 51.3% | 24,4 банди фоизӣ |
| **СҲИР** | 44,0% | 25+ банди фоизӣ |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [15, 18, 21, 31]*

Тибқи маълумоти ТБМ дар соли 2023, сатҳи шуғл дар байни маъюбон дар саросари ҷаҳон тақрибан 40%-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки барои ашхоси солим ин нишондиҳанда аз 70% зиёдтар мебошад. Дар кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш, вазъ боз ҳам душвортар буда, сатҳи шуғли маъюбон аксаран аз 25-30% зиёд нест [47, 94].

Сатҳи камбизоатӣ дар байни маъюбон аз сатҳи миёнаи аҳолӣ баланд аст. Тибқи таҳлилҳои Бонки ҷаҳонӣ, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ сатҳи камбизоатӣ миёни ашхоси дорои маъюбият ба андозаи назаррас баланд боқӣ монда, беш аз нисфи онҳо зери хатти фақр зиндагӣ мекунанд. Ин нишондиҳанда мувофиқи таҳқиқотҳои созмонҳои байналмилалӣ, аз сатҳи камбизоатӣ дар байни дигар қишрҳои аҳолӣ бо ҳисоби миёна 20-30 фоиз баланд буда, фарқияти густурдаи некуаҳволиро дар байни гурӯҳи осебпазир инъикос менамояд [24].

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи иҷтимоию иқтисодии ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда мешавад:

- сатҳи баланди бекорӣ ва иштироки паст дар иқтисодиёти расмӣ;
- дастрасии нокифояи инфрасохтор. Бисёр муассисаҳо ва ҷойҳои кор ба талаботи ашхоси маъюб мувофиқ нестанд;
- ташаккули сусти барномаҳои дастгирӣ. Сатҳи пасти маблағгузории ТҒТ ҳамзамон дастрасии маҳдуд ба грантҳо ва субсидияҳои давлатӣ;
- тафовути минтақавию шаҳрӣ. Дар пойтахт ва шаҳрҳо шароити ҳамгирой нисбат ба деҳот, ки имконоти иқтисодӣ ва инфрасохтор маҳдуд аст, беҳтар аст.

Тавре дар боби аввали рисола зикр шудааст, ҳарчанд дар самти соҳибкории иҷтимоӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида қабул шудааст, аммо дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодии кишвар муайян намудани шакли хоҷагидорие, ки дар амал тавонад принсипҳо ва механизмҳои соҳибкории иҷтимоиро пурра инъикос намояд, то ҳол мушкилӣ ҷой дорад. Бинобар ин, фаъолияти ТҒТ-и муосирро метавон ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ арзёбӣ намуд. Доир ба ин масъала қонуни нав қабулшуда, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» дар моддаи 15 ва 16 чунин муқаррар кардааст: «Корхонаи иҷтимоӣ метавонад аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳама гуна шакли ташкилию ҳуқуқии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад» [7]. Ҳамзамон, дар моддаи 16-и қонуни мазкур оид ба хусусиятҳои амалисозии соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ чунин муқаррар кардааст: «Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ба қайд гирифта шудаанд, метавонанд фаъолияти соҳибкории иҷтимоиро амалӣ созанд ва мақоми корхонаи иҷтимоиро ба даст оранд» [7].

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, аксарияти ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нестанд, зеро аз як тараф, онҳо донишу малакаи кофии пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ надоранд, аз

тарафи дигар, дар бахши ТҒТ механизми возеҳи пешбурди ин фаъолият мавҷуд нест.

Айни замон аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба якчанд категорияи шаҳрвандон, аз ҷумла нафақахӯрон, маъюбон, ҷавонони то 18-сола, занон ва муҳоҷирон ҷудо кард. Вобаста ба мавзуи таҳқиқот занон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва маъюбонро, ки ба таҳқиқоти мо рабт доранд, метавон ҳамчун табақаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир арзёбӣ кард.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, маъюбӣ ин қобилияти пурраи корӣ надоштани шахс бинобар сабабҳои ҷисмонию тиббӣ мебошад. Ба фазои иқтисодӣ ҷалб нашудани ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд ҳам барои шахс ва ҳам дар маҷмуъ барои иқтисодиёт таъсир мерасонад.

Бо кор таъмин намудани маъюбон дар чанд даҳсолаи охир ба ҳайси масъалаҳои калидии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ эътироф шуда, аз солҳои 1960-ум инҷониб ташаккули консепсияи маъюбӣ ба зарурати фароҳам овардани имконоти шуғл ва худмашғулии ин қишри ҷомеа ҳамчун воситаи ҳамгироии иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо асос ёфтааст.

Тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ доир ба маъюбӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи маъюбон нисбат ба дигар давлатҳои ИДМ кам ба назар мерасад (ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Шумораи маъюбон дар кишварҳои ИДМ ба ҳолати соли 2023**

| Кишвар | Шумораи маъбон | Шумораи тахминӣ аз аҳолӣ % |
|---|---|---|
| **Россия** | 10-93 млн. | 7,5% |
| **Қазоқистон** | 725-750 ҳаз. | 3,6-3,8% |
| **Узбекистон** | 845 ҳаз. | То 13,5 % |
| **Тоҷикистон** | 160 ҳаз. | 1,6 % |
| **Қирғизистон** | 217 ҳаз. | 3,1 % |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [32, 37, 84, 92, 96]*

Таҳқиқотҳои муосир иртиботи фаъолияти ТҒТ-ро ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ба равандҳои таҳкими шуғлнокии маъюбон таъкид

намуда, истифодаи меҳнати ин гурӯҳи аҳолиро ҳамчун қувваи кории кироя арзёбӣ менамоянд.

Вобаста ба ин, динамикаи вазъи маъюбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳем.

**Ҷадвали 2.3. - Маъюбоне, ки дар мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд**

| Солҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи умумии маъюбон** | 145844 | 149709 | 145473 | 157779 | 159146 | 162830 | 167108 | 114,57 |
| **Маъюбон ба 1000 нафар аҳолӣ** | 16,0 | 16,0 | 15,3 | 16,1 | 15,9 | 15,8 | 15,9 | 99,37 |
| **Кӯдакон – маъюбони то 18 сола** | 27329 | 28627 | 28871 | 31810 | 32382 | 33074 | 34034 | 124,53 |
| **Кӯдакон – маъюбон ба 10000 кӯдак** | 76,0 | 78,0 | 76,8 | 78,4 | 74,7 | 78,5 | 76,2 | 100,26 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [107 С. 172]*

Вобаста ба маълумоти дар ҷадвали 2.3 метавон хулоса кард, ки нишондиҳандаҳои марбут ба маъюбӣ дар кишвар тамоюли афзоиш доранд, ки ин аз зарурати таҳкими чораҳои дастгирии иҷтимоии ин гурӯҳи осебпазир шаҳодат медиҳад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ талош менамояд сиёсати қонунгузорӣ ва асноди меъёрию ҳуқуқиро мутобиқ ба талаботи санадҳои байналмилалӣ таҳия ва такмил диҳад. Татбиқи чунин санадҳо ҳамчун воситаи муассири амаликунии сиёсати иҷтимоӣ бароммад карда, метавонад дар раванди ҳалли масоили мавҷудаи иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ таъсири мусбат расонад.

Дар шароити кунунӣ яке аз нишондиҳандаҳои беҳбудии иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳо ин сатҳи шуғлнокии табақаи осебпазири ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи бо кор таъмин намудани ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд ва умуман, гурӯҳи осебпазири аҳолӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи хоссаро

касб менамояд. Ин масъала пайваста дар маркази диққати Ҳукумати кишвар, хусусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Бо дарназардошти ин ҳолат, фаъолияти ТҒТ метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муассири ҳалли масоили иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, хусусан шахсони дорои маъюбият арзёбӣ гардад.

Дар солҳои 70-уми асри гузашта, дар замони фаъол будани низоми шуравӣ, корхонаҳои иҷтимоӣ дар шакли ТҒТ бо ҳадафи ҳамгироии шахсони дорои имконоти маҳдуд ба фаъолияти иқтисодию меҳнатӣ таъсис ёфта, вазифаҳои махсусро иҷро мекарданд, аз ҷумла:

- омӯзишӣ ва такмили ихтисос, аз ҷумла омодасозии касбӣ ва роҳнамоии меҳнатии маъюбон;
- фаъолияти истеҳсолӣ, ки истеҳсоли молу хизматрасониҳоро дар бар мегирифт, аз ҷумла маҳсулоти барқарорсозӣ (барои маъюбон), маҳсулоти бофандагӣ - дӯзандагӣ бо мақсади дарёфти даромад;
- таъмини шуғлнокӣ барои гурӯҳи аҳолии дорои маъюбӣ ва дигар қишрҳои осебпазир.

Дар шароити муосир ин вазифаҳоро дар Тоҷикистон соҳибкории иҷтимоӣ, аз ҷумла ТҒТ тавассути татбиқи якчанд механизмҳои асосии таъсиси ҷойҳои корӣ барои ашхоси дорои маъюбӣ иҷро мекунанд:

Ташкили корхонаҳои иҷтимоӣ - ташкилотҳои махсусгардонидашуда, ки мақсади он ҳамгироии маъюбон ба хизматрасонию истеҳсолот бо дарназардошти имкониятҳои маҳдуди ҷисмонии онҳо мебошад. Чунин корхонаҳо аксаран дар соҳаҳои ҳунарҳои мардумӣ, кишоварзӣ, коркарди маҳсулот ва хизматрасонии маишӣ фаъолият мекунанд.

Барномаҳои омӯзишию мутобиқшавӣ - омода намудани маъюбон ба фаъолияти меҳнатӣ тавассути курсҳои омӯзишӣ - касбӣ, такмили ихтисос ва дастгирии психилогиро фаро мегирад. Бояд қайд намуд, ки чунин барномаҳо ба такмили ихтисос ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат мусоидат мекунанд.

Маблағгузории хурд ва дастгирии грантӣ - пешниҳоди сармояи ибтидоӣ барои таъсиси соҳибкории хурд аз ҷониби маъюбон мебошад. ТҒТ ҳамчун миёнарав байни донорҳо ва соҳибкорон баромад намуда, монеаҳои молиявиро коҳиш медиҳанд.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ҳамкориро миёни мақомоти маҳаллӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ ва татбиқи барномаҳои фарогири дастгирии шуғл дар бар мегирад, ба сифати яке аз механизмҳои муҳимми ҳалли масоили иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташкилоту корхонаҳое, ки қаблан дар асоси принсипи «иҷтимоӣ» фаъолият менамуданд, дар шароити муосир бештар дар шакли ТҒТ фаъолият бурда, истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ, сохтмонӣ, маҳсулоти чопӣ-полиграфӣ, инчунин ба намудҳои мухталифи хизматрасонӣ ихтисос меёбанд.

Тавре дар боби аввал дарҷ шудааст, ТҒТ ташкилотҳое мебошанд, ки даромадро ҳадафи асосии фаъолияти худ ҳисоб намекунанд. Масалан, дар кори таҳқиқотии М.М. Азимова чунин омадааст: «…дар аксар мавридҳо, неъматҳои софи ҷамъиятӣ объекти мубодила ё ашёи хариду фурӯш буда наметавонанд. Аммо, ҳамзамон, дар низоми иқтисодӣ транзаксияҳои тиҷоратӣ ё аҳдҳо оид ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва мутаносибан гирифтани фоида вуҷуд доранд. Дар ин маврид фоида ҳамчун сабаби асосии водоркунандаи фаъолияти сохторҳои давлатӣ баррасӣ карда намешавад ва фоидаи бадастомада танҳо барои рушди ин ташкилотҳо истифода мешавад. Аз ин рӯ, аксарияти корхонаҳои бахши давлатиро ташкилоти ғайритиҷоратӣ меноманд» [171]. Чунин ҳолат зарурати ба гурӯҳи ТҒТ дохил намудани баъзе субъектҳои хоҷагидориро ба миён меорад, ки моҳияти иҷтимоӣ ва мақсади ҷамъиятии фаъолияти онҳоро таъкид менамояд. Масалан, дар асоси замимаи 1 ташкилотҳоеро, ки дар заминаи чунин раванд ва принсипи иҷтимоӣ фаъолият карда, ашхоси дорои маъюбиро ба фазои иқтисодӣ ҳамгиро намудаанд, нишон медиҳем (ҷадвали 2.4).

**Ҷадвали 2.4.-Шумораи маъюбоне, ки тавассути баъзе ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор ҷалб шудаанд**

| Ташкилотҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаи ғайридавлатии «Маркази иҷтимоӣ-тавонбахши нобиноёни шаҳри Хуҷанд | 48 | 46 | 40 | 40 | 40 | 41 | 41 | 85,41 |
| Муассисаи таълимии истеҳсолии нобиноёни шаҳри Исфара | 10 | 8 | 9 | 21 | 21 | 24 | 13 | 130,00 |
| Муассисаи ғайридавлатии «Маркази иҷтимоӣ-тавонбахши нобиноёни шаҳри Конибодом | 24 | 20 | 23 | 24 | 24 | 24 | 27 | 112,50 |
| Корхонаи таълимӣ-истеҳсолии нобиноёни шаҳри Истаравшан | 11 | 10 | 9 | 10 | 9 | 9 | 9 | 81,81 |
| Корхонаи таълимӣ-истеҳсолии нобиноёни дар ноҳияи Ҷ.Расулов | 2 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 300,00 |
| Маркази иҷтимоӣ-тавонбахши нобиноёни шаҳри Бохтар | 9 | 10 | 9 | 9 | 9 | 9 | 9 | 100,00 |
| Маркази таълимӣ – истеҳсолии  нобиноёни шаҳри Кулоб | 8 | 8 | 8 | 9 | 8 | 8 | 8 | 100,00 |
| Муассисаи таълимии нобиноёни шаҳри Вахдат | 24 | 23 | 17 | 16 | 23 | 18 | 17 | 70,83 |
| Муассисаи таълиимии нобиноёни шаҳри Ҳисор | 25 | 23 | 21 | 19 | 15 | 11 | 11 | 44,00 |
| Муассисаи таълимӣ-иҷтимоии ношунавоёни №1 шаҳри Душанбе | 33 | 28 | 23 | 19 | 44 | 28 | 26 | 78,78 |
| Муассисаи таълимӣ-иҷтимоии ношунавоёни №2 шаҳри Душанбе | 37 | 34 | 27 | 36 | 28 | 22 | 23 | 62,16 |
| ***Ҳамагӣ*** | **231** | **216** | **192** | **209** | **227** | **200** | **190** | ***82,25*** |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти дархостӣ аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 17-уми декабри соли 2025, №3-175)*

Тазаккур бояд дод, ки аксари чунин ташкилотҳо ба истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ, симтур, хиштҳои навъи гуногун, дару тирезаҳои чубӣ ва алюминӣ ихтисос ёфтаанд, аммо самаранокии фаъолияти онҳо нисбатан паст арзёбӣ мегардад. Ин ҳолат аз як қатор омилҳои маҳдудкунанда сарчашма мегирад, аз ҷумла набудани механизмҳои кофии ҳавасмандгардонии давлатӣ ва маҳаллӣ,

сатҳи нисбатан пасти музди меҳнат, нокифоягии таҷҳизоти технологии муосир, инчунин маҳдуд будани малакаи истифодаи он аз ҷониби кормандон.

Вобаста ба ин, дар такя ба рақамҳои замимаи 1-и диссертатсия ҳаҷми истеҳсолии чунин ташкилотҳоро таносубан ба як корманд нишон медиҳем (ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5.-Ҳаҷми истеҳсолии баъзе ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таносубан ба як корманд (ҳазор сомонӣ)**

| Ташкилотҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаи ғайридавлатии «Маркази иҷтимоӣ-тавонбахши нобиноёни шаҳри Хуҷанд | 4268 | 5530 | 3225 | 4227 | 4997 | 6958 | 4095 | 95,94 |
| Муассисаи таълимии истеҳсолии нобиноёни шаҳри Исфара | 19050 | 35300 | 24366 | 2619 | 5147 | 8616 | 18353 | 96,34 |
| Муассисаи ғайридавлатии «Маркази иҷтимоӣ-тавонбахши нобиноёни шаҳри Конибодом | 8533 | 4825 | 7693 | 13137 | 11387 | 16345 | 9751 | 114,27 |
| Корхонаи таълимӣ-истеҳсолии нобиноёни шаҳри Истаравшан | 10863 | 12130 | 14600 | 6130 | 16388 | 17255 | 9200 | 84,69 |
| Корхонаи таълимӣ-истеҳсолии нобиноёни дар ноҳияи Ҷ.Расулов | 9800 | 4233 | 4833 | 5116 | 5216 | 6100 | 6200 | 63,26 |
| Маркази иҷтимоӣ-тавонбахши нобиноёни шаҳри Бохтар | 14966 | 7850 | 17544 | 16466 | 23144 | 23333 | 23444 | 156,64 |
| Маркази таълимӣ – истеҳсолии нобиноёни шаҳри Кулоб | 18925 | 20400 | 22625 | 20388 | 28077 | 38675 | 48850 | 257,75 |
| Муассисаи таълимии нобиноёни шаҳри Вахдат | 14870 | 27269 | 18058 | 11362 | 7078 | 42222 | 31711 | 213,25 |
| Муассисаи таълиимии нобиноёни шаҳри Ҳисор | 11600 | 12817 | 9233 | 15368 | 14400 | 27445 | 29336 | 252,89 |
| Муассисаи таълимӣ-иҷтимоии ношунавоёни №1 шаҳри Душанбе | 6348 | 11075 | 2656 | 2094 | 12745 | 12817 | 5869 | 92,45 |
| Муассисаи таълимӣ-иҷтимоии ношунавоёни №2 шаҳри Душанбе | 3359 | 3697 | 2200 | 2055 | 1967 | 2877 | 3165 | 94,22 |
| Ҳамагӣ | 122582 | 145126 | 127033 | 98962 | 130546 | 202643 | 189974 | 154,97 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти дархостӣ аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 17-уми декабри соли 2025, №3-175)*

Дар асоси таҳлилҳои ҷадвали мазкур қайд кардан мумкин аст, ки вазъи истеҳсолии ТҒТ дар такя бо ашхоси дорои маъюбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои гуногун тамоюли ноустувор дошта, ҷалби ашхоси аз ҷиҳати

иҷтимоӣ осебпазир дар баъзе аз ин ташкилотҳо коҳиш ёфтааст. Аз ин лиҳоз, мукаммалгардонии низоми идоракунии ТҒТ дар самтҳои фаъолияти иҷтимоии осебпазир метавонад дар инкишофи ТҒТ ҳамчун яке аз шаклҳои соҳибкории иҷтимоӣ барои паст кардани сатҳи бекории маъюбон мусоидат намояд.

Бо дарназардошти зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти чунин ташкилотҳо, тағйири шакли ташкилии онҳо ба шакли ТҒТ ҳамчун навъи соҳибкории иҷтимоӣ ё корхонаи иҷтимоӣ аз ҷиҳати институтсионалӣ ва иқтисодӣ мақсаднок буда, метавонад заминаи мусоид барои рушди устувор ва афзоиши натиҷабахши онҳо фароҳам оварад.

Қайд кардан зарур аст, ки таъмини шуғли маъюбон ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ таъсири комплексӣ мерасонад, аз ҷумла:

- паст шудани шиддат ва маргинализатсияи иҷтимоӣ. Таъмини шуғли маъюбон барои ҳамгироии ин табақаи аҳолӣ ба ҷомеа мусоидат намуда, мақоми иҷтимоии онҳоро баланд мебардорад ва хатари маргинализатсияро коҳиш медиҳад;
- афзоиши пардохтҳои андозӣ ва фаъолнокии иқтисодӣ. Ҷалби маъюбон ба фазои иқтисодӣ заминаи андозсупорандагонро васеъ намуда, ба афзоиши ММД мусоидат мекунад;
- коҳиш додани хароҷоти кумаки иҷтимоӣ. Шуғлнокии маъюбон вобастагии онҳоро аз дастгирии давлат коҳиш дода, гаронии буҷетро сабук мегардонад;
- таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо ва минтақаҳо. Даромади устувори маъюбон устувории молиявии оилаҳоро афзун намуда, сатҳи камбизоатиро коҳиш медиҳад ва вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро беҳтар мегардонад.

Нақши ТҒТ дар таъмини шуғл ба маъюбон ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи баландбардории амнияти иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Соҳибкории иҷтимоӣ механизми устувори ҳамгироии гурӯҳҳои осебпазирро ба низоми иқтисодӣ, кам кардани хатарҳои иҷтимоӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти миллиро ба вуҷуд меорад.

Бояд қайд кард, ки тибқи натиҷаҳои таҳлилҳои охирони мутахассисони ватанӣ [108], як қатор омилҳои маҳдудкунанда дар самти бо фаъолияти меҳнатӣ ҷалб намудани ашхоси дорои маъюбӣ муайян гардидаанд. Ба чунин омилҳо:

- набудани ҷойҳои кории мувофиқ ба имконоти ин гурӯҳи аҳолӣ;
- маҳдудияти ҷисмонӣ, ки мустақиман аз дараҷаи маъюбӣ вобастаанд;
- сатҳи нокифояи тахассусу малакаи касбӣ;
- паст будани талабот дар бозори меҳнат барои маъюбон;
- хоҳиш надоштани корфармоён ҷиҳати ҷалби ашхоси дорои маъюбӣ ба фаъолияти меҳнатӣ;
- нокифоя будани инфрасохтори иҷтимоӣ ва нақлиётӣ;
- хоҳиш надоштани худи ашхоси дорои маъюбӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ва ғайра мансуб мебошанд.

Айни замон як қатор иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои расидан ба ҳадафҳои оинномавии худ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, баъзе аз онҳо молу хизматҳои гуногун истеҳсол карда, аз фурӯши онҳо даромад мегиранд. Масалан, фаъолияти ташкилоти «Ирода» нишон медиҳад, ки ташкилот тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои полиграфӣ, кейтерингӣ, курсҳои омӯзишӣ на танҳо даромад мегирад, балки зиёа аз 275 нафар шахсони дорои аутизмро ҳамчун омӯзанда ва корманд фаро гирифта, имконоти иҷтимоию иқтисодии онҳоро густариш медиҳад.

Зикр кардан зарур аст, ки барои тақвияти иштироки шахсони дорои маъюбӣ дар бозори меҳнат механизми кафолатҳо ва имтиёзҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар муқаррар шудааст. Танзими ҳуқуқии ин раванд дар доираи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26-уми июли соли 2016) амалӣ гардида, дар он меъёрҳои махсус барои чунин ашхос, ҳамчунин барои волидони кӯдакони маъюб пешбинӣ шудаанд. Бо мақсади таъмин намудани шароити ҳуқуқии мавофиқ ва танзими муносибатҳои меҳнатии ин гурӯҳи аҳолӣ, дар сохтори Кодекс боби махсус (боби 24) ҷой дода шуда, маҷмуи

кафолатҳо, тартибот ва ҳусусиятҳои танзимро дар заминаи фаъолияти меҳнатии ин ашхос муайян менамояд.

Тибқи кодекси мазкур нисбати корфармоёне, ки ашхоси дорои имконияти маҳдудро ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб менамоянд, дар моддаи 303 чунин муқаррар намудааст: «муқаррар намудани имтиёзҳо ва афзалиятҳои иловагӣ ба ташкилотҳо, корфармоёне (моликоне), ки ҷойҳои кории иловагӣ ташкил намуда, аз меҳнати маъюбон, занон, ҷавонон, аз ҷумла наврасон истифода менамоянд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1897)» [3].

Тазаккур бояд дод, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон грантҳо, амвол, аъзоҳаққӣ, хайрҳо ва маблағҳоеро, ки дар ТҒТ истифода мешаванд, аз пардохти андоз аз даромад озод мекунад.

Ин тадбирҳо баҳри ҳавасмандгардонии корфармоён дар ҷалби васеи ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири ҷомеа мусоидат намуда, масоили иҷтимоии амнияти иқтисодии кишварро таъмин менамояд.

Тавре дар боло қайд намудем, зимни пурсишҳо [108] муайян шудааст, ки мушкилоти зерин ҷиҳати шуғлнокии маъюбон монеа мешаванд (расми 2.1.).




***Расми 2.1. - Мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти кории ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд***

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [108].*

Вобаста ба маълумоти расми 2.1, мушкилии асосӣ дар бокортаъминнамоии маъюбон, пеш аз ҳама, набудани ҷойҳои кории холӣ, маҳдудият аз рӯйи маъюбӣ ва набудани тахассус мебошад.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки сатҳи баланди бокортаъминнамоии ашхоси дорои маъюбӣ дар хадамоти шуғл бо муассисаҳои мутобиқсозии меҳнатӣ ва барқарорсозии касбӣ вобаста мебошад. Дар давлатҳои аврупоӣ ва ИМА муассисаҳои барқарорсозии самтҳояшон гуногун, аз ҷумла барқарорсозӣ-иҷтимоӣ, касбӣ, тиббӣ, роҳнамоии касбӣ, машваратӣ, истеҳсолӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳо васеъ паҳн шудаанд.

Мушкилоти мавҷуда дар таъмини шуғлнокии шахсони дорои маъюбӣ бештар аз маҷмуи омилҳои субъективӣ ва объективӣ ба ин гурӯҳ хос сарчашма мегиранд. Дар чунин шароит, давлати ба иҷтимоиёт нигаронидашуда уҳдадор мегардад дастрасии баробарро ба тамоми табақаҳои ҷомеа, махсусан қишри осебпазири аҳолӣ муттасил таъмин намояд.

Новобаста аз мавҷудияти баррномаҳои дастгирии шуғлнокии шахсони дорои маъюбӣ, онҳо имкони пурра ба кор ҷалб ва нигоҳдории ҷойҳои кориро надошта, дар натиҷаи таъсири онҳо дар самти ҳаллӣ мушкилоти шуғлнокӣ маҳдуд боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, барномаҳои давлатӣ бояд афзалиятро ба корхонаҳое, ки барои зиёда аз 50-100 ҷойи корӣ ба маъюбон пешниҳод менамоянд, бештар кунанд.

Мавриди зикр аст, ки барои таҳкими фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ва мусоидат ба ҷалби маъюбон ба фаъолияти меҳнатӣ чораҳои зерин мусоидат менамоянд:

- такмили асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва вазъи қонунгузорӣ марбут ба ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкорӣ;
- муайян намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои рушди ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар самти ба фаъолияти меҳнатӣ фаро гирифтани ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд;
- таъсиси фондҳо ҷиҳати дастгирии ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар самти шуғлнокии маъюбон;
- додани моликияти давлатӣ ҷиҳати фаъолияти истеҳсолии ин шакли соҳибкорӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, нақши ТҒТ ҳамчун яке аз шаклҳои соҳибкории иҷтимоӣ дар ҳалли масоили иҷтимоии амнияти иқтисодӣ муҳим баҳогузорӣ шуда, тавассути ба муомилоти иқтисодӣ ворид намудани захираю механизмҳои пештар истифоданашуда ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёт ба таври муассир ба рушди сармояи иҷтимоӣ, паст кардани бекорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳамгироии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ мусоидат намуда, татбиқи барномаҳои ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконоти бештар барои рушду самаранокии фаъолияти иҷтимоӣ фароҳам меорад.

Қайд кардан зарур аст, ки ТҒТ дар фароҳам овардани муҳити устувори иқтисодӣ барои ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд, иҷрои доираи вазифаҳое, ки ба рафъи монеаҳо ва таъмини рушди фарогир нигаронида шудаанд, нақши муҳим иҷро мекунанд:

- дастгирии иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ. ТҒТ хизматрасониҳое пешниҳод мекунанд, ки ба маъюбон дар мубориза бо мушкилоти рӯзмарра - кумаки равонӣ, тавонбахшӣ, дастрасӣ ба захираҳои машваратию омӯзиш ва ғайра мусоидат менамоянд;
- омӯзиши касбӣ ва такмили малака. Омодагӣ ба кор ва такмили ихтисос ба рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат мусоидат мекунад;
- ҳамгироии иқтисодӣ. Кумак дар таъмини шуғл, дастгирии ташаббусҳои соҳибкорӣ, кумакҳои машваратию молиявӣ.

Вазифаҳои мазкур бо ҳам алоқаманд буда, самараи синергетикӣ эҷод менамоянд ва ба ТҒТ имкон медиҳанд, ки ҳамчун механизми дастгирии комплексӣ ва рушди устувори кишвар баромад намоянд.

Мавриди зикр аст, ки мушкилоти имрӯзаи ба маъюбон рӯ ба рӯ шаванда аз ТҒТ талаб мекунад, аз ташаббусҳои пароканда ба равиши ситемавӣ ва устувор гузаранд. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо

стратегияҳои рушд дар заминаи инноватсия, иттилоот ва иштироки фаъоли худи ашхоси дорои маъюбӣ таҳия кардан зарур аст.

Аз нигоҳи мо, дар ин самт ҷанбаҳои зерини рушдро метавон муайян кард, аз ҷумла:

- таҳкими институтсионалии ТҒТ. Таъсиси сохторҳои касбии идоракунӣ, сармоягузорӣ ба омӯзиши кадрҳо, татбиқи низоми банақшагирӣ ва арзёбӣ;
- васеъ кардани дастрасии ҷуғрофӣ. Интиқоли ташаббусҳои муваффақ ба манотиқи дурдаст ва деҳот, ки дар онҳо сатҳи дастгирии ашхоси дорои маъюбӣ паст аст;
- таҳияи қарорҳои рақамӣ. Таҳияи платформаҳои онлайнӣ барои омӯзиши фосилавӣ, машваратӣ, пешбурди соҳибкорӣ ва ҷустуҷӯи кор;
- ҳамгирои равиши гендерӣ ва синну сол. Ба назар гирифтани ниёзҳои занон, ҷавонон ва пиронсолони маъюб дар барномаҳо ва хизматрасониҳо;
- ҷалби бевоситаи маъюбон ба идоракунӣ. Ворид намудани маъюбон ба идоракунӣ, тарҳрезӣ ва арзёбии барномаҳо, аҳаммият ва самаранокии онҳоро баланд менамояд.

Ҳамин тариқ, рушди ҷанбаҳои зикршуда ба ТҒТ имкон медиҳанд самаранокии таъсири худро баланд бардошта, ҳамчун иштирокчии фаъол дар таъмини ҷузъҳои иҷтимоии амнияти иқтисодии давлат баромад намоянд.

## 2.2. Низоми (системаи) идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии беруна ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ

Муҳоҷирати меҳнатии беруна яке аз падидаҳои калидии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад, ки на танҳо ба шаклгирии бозори меҳнат ва ҷараёнҳои пулӣ таъсиррасон буда метавонад, балки раванди рушди устувории иҷтимоию иқтисодиро низ муайян менамояд. Омӯзиши падидаи мазкур барои таҳлили таъсири он ба амнияти иқтисодӣ, суботи

иҷтимоӣ ва самаранокии сиёсати иҷтимоӣ дар кишвар аҳаммияти амалию назариявӣ дорад.

Тибқи маълумоти расмӣ ҳамасола беш аз 652 ҳазор [58] шаҳрванди кишвар ҷиҳати дарёфти кор ба хориҷа, хусусан ба Россия ва дигар кишварҳои ИДМ ҳиҷрат мекунанд. Сарфи назар аз саҳми мусбати муҳоҷирони меҳнатӣ дар шакли интиқоли маблағ, ин раванд бо хатарҳои зиёд - аз хуруҷи неруи меҳнатию зеҳнӣ то ноустувории иҷтимоӣ дар дохили кишвар ҳамроҳӣ мекунад. Дар ин замина, нақши ТҒТ аҳаммияти хосса пайдо мекунад, зеро онҳо дар идоракунии равандҳои муҳоҷират, дастгирии муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо, инчунин пешгирии оқибатҳои номатлуб фаъолона ширкат меварзанд.

Муҳоҷирати меҳнатии беруна ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ мушкилоти мураккаби байнисоҳавӣ буда, иқтисодиёт, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқ, менеҷмент, инчунин амнияти миллию иқтисодиро фаро мегирад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ноустувории бозорҳои миллии меҳнат аҳаммияти ТҒТ, ки ба иштирокчиёни асосии идоракунии равандҳои муҳоҷират табдил меёбанд, меафзояд. Бинобар ин, ҷиҳати омӯзиши нақш ва механизмҳои таъсиррасонии онҳо ба амнияти иқтисодӣ равиши комплексӣ лозим аст.

Дар шароити ташаккул ва инкишофи муносибатҳои бозорӣ масъалаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷамъият ин бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат ба шумор меравад.

Дар даҳсолаи охир Тоҷикистон ба дастоварҳои устувор дар коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ноил гардида, муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ҳамчун омили калидӣ дар пешрафти иқтисодиёт эътироф мешавад. Ин раванд барои кишварҳо манбаи алтернативии даромадро фароҳам меорад, ки боиси коҳиши бекорӣ ва тақвияти захираҳои асъорӣ мегардад. Тибқи маълумот соли 2024 воридоти пулӣ аз ҳисоби шаҳрвандони берун аз кишвар қарордошта (муҳоҷирони меҳнатӣ, бизнес ва ғ.) ба кишвар 5,8 млрд доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 27% (4,6 млрд доллари ИМА дар соли 2023) зиёдтар мебошад [46].

Зимни таҳлили равандҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна дар заминаи амнияти иқтисодии давлат бояд ба ду ҷанба таваҷҷуҳ зоҳир намуд:

- самараи мусбат: коҳиши сатҳи бекорӣ, даромадҳои асъорӣ, воридоти маҳорату малака ва дигар ҷанбаҳои мусбат.
- самараи манфӣ: сарбории демографӣ, хуруҷи кадрҳо, вобастагӣ аз даромади беруна, рушди бахши ғайрирасмӣ ва дигар таъсироти манфӣ.

Дар ин маврид ТҒТ ҳамчун механизми коҳиш додани хатарҳои муҳоҷират тавассути баланд бардоштани ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва қонунигардонии равандҳои муҳоҷират, инчунин дастгирии реинтегратсияи муҳоҷирон ба ҳаёти ҷамъиятӣ амал мекунанд. Ҳамин тариқ, фаъолияти ТҒТ ба коҳиш додани сатҳи осебпазирии иқтисодии давлат бевосита таъсир мерасонад.

Дар бартараф намудани мушкилоти вобаста ба муҳоҷирати меҳнатии беруна ТҒТ-и муосир бештар фаъолият менамояд ва онҳо бештар дар шакли мусоидат ба пайдо намудани ҷойи корӣ, мусоидат ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҳамчунин кумак дар самти дуруст намудани ҳуҷҷатҳо доир ба будубоши онҳо дар кишварҳои хориҷӣ зоҳир мегардад. Чунки таҷрибаи хориҷии фаъолияти ТҒТ исбот намудааст, ки чунин ташкилотҳо бештар ба фаъолияте машғул мешаванд, ки хусусияти иҷтимоӣ доранд ва дар шароити «нокомии бозор», давлатҳо имконияти пурра фаро гирифтани чунин мушкилоти иҷтимоиро надоранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои дар ҷадвали 2.6 овардашуда дар самти ҳалли мушкилоти аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, хусусан муҳоҷирон мусоидат намуда, ҷиҳати паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа нақши худро мегузоранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳадафҳои ТҒТ-и мазкур бештар дар мусоидат ба таъмини эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, ҷустуҷӯи ҷойи корӣ, машваратдиҳӣ, семинарҳо ҷиҳати беҳбудии сифати зиндагии аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, донишҷӯён, маъюбон, оилаҳои ниёзманд тавассути барномаҳои таълимӣ ва сафарбаркунии ҷомеа зоҳир мегардад. Намунаи чунин ташкилотҳо

дар кишвар зиёд буда, зимни дастгирии давлатӣ метавонанд дар самти мусоидат ба ҳалли мушкилоти гуногуни табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ мусоидат намоянд.

**Ҷадвали 2.6. - Номгӯи ТҒТ-е, ки дар ҷумҳурӣ доир ба масоили гуногуни табақаи осебпазир корбарӣ менамоянд**

| Ташкилотҳо | Шакли хизматрасонӣ | Гурӯҳи мақсаднок |
|---|---|---|
| **«Сапеда»** | машварат/маълумот; таҳсилот, тренингҳо/курсҳо/семинарҳо; арзёбӣ ва таҳлили лоихаҳо; дастгирии техникӣ; кумаки иҷтимоӣ; кумак дар пайдо кардани кор; кумаки психологӣ | занон, муҳоҷирон, ҷавонон, кудакони маъюб |
| **«Шифо»** | машварат/маълумот; таҳсилот: тренингҳо/курсҳо/семинарҳо; арзёбӣ ва таҳлили лоихаҳо; дастгирии техникӣ; кумаки иҷтимоӣ; кумак дар пайдо кардани кор; кумаки ҳуқуқӣ ва ғ. | гурӯҳҳои осебпазир аҳолӣ |
| **«Илҳом»** | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо / курсҳо / семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), арзёбӣ ва таҳлили лоиҳаҳо ва барномаҳо, кумаки иҷтимоӣ, кумак дар пайдо кардани кор, ёрии ҳуқуқӣ | сокинони деҳот ва мақомоти маҳаллӣ |
| **«Садоқат»** | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо / курсҳо / семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), чорабиниҳои хайрия, кумаки иҷтимоӣ, кумак дар пайдо намудани кор, ёрии ҳуқуқӣ, тиббию иҷтимоӣ ва психологӣ | ҷавонон, занону бачагон, муҳоҷирон, маъюбон |
| **«Ташкилоти байналмилалии хайрия «Парвин»»** | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо/курсҳо/семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), кумак дар пайдо кардани кор | ҳамаи табақаҳои аҳолӣ |
| **«Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон»** | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо / курсҳо / семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), кумаки техникӣ, кумак дар пайдо кардани кор, ёрии ҳуқуқӣ ва тиббию иҷтимоӣ | ҳунармандон ва аҳолии камбизоат |
| **«Иқтисодиёт ва маориф»** | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо / курсҳо / семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), арзёбӣ ва таҳлили лоиҳаҳо ва барномаҳо | аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **«САФИ»** | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо / курсҳо / семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), чорабиниҳои хайриявӣ, кумак дар пайдо кардани кор, ёрии тиббию иҷтимоӣ | занону духтарон, ҷавонон, муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо, беморони сил, маъюбон |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [49]*

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии кишвар дар соли 2023 аз Тоҷикистон 652014 нафар шаҳрванд ҷиҳати пайдо кардани кор ба хориҷа ҳиҷрат кардаанд, ки нисбат ба соли 2022 16% камтар аст (775578 дар соли 2022). Тибқи маълумот дар соли 2023 барои кор ба хориҷи кишвар 554804 мард, яъне нисбат ба соли 2022 15% камтар ва 97210 зан, яъне нисбат ба соли 2022 20% камтар  ҳиҷрат намудаанд. Гуфта шудааст, ки аз шумораи умумии муҳоҷироне, ки ба хориҷа ҳиҷрат намудаанд, 627028 нафар ба Федератсияи Россия, 18418 нафар ба Қазоқистон ва 6 568 нафар ба дигар кишварҳо рост меоянд. Бозгашти муҳоҷирон дар ин давра 590710 нафарро ташкил дод, ки нисбати соли 2022 7% бештар аст [58].

Вобаста ба ин, фаъолияти ТҒТ дар самти омӯзонидани фарҳанги муҳоҷират ва забономӯзӣ ба аҳолии манотиқи деҳот бояд бештар карда шавад ва ҷиҳати самаранок фаъолият намудани онҳо дар ин самт аз тарафи давлат имтиёзҳои гуногун, аз ҷумла дастгирии молиявӣ, моддӣ, дастгирии институтсионалӣ ва инчунин мусоидат ба ташкили соҳибкории иҷтимоӣ дар ТҒТ ба манфиати кор аст.

Мисоли баъзе давлатҳо нишон медиҳад, ки таъсиси ҷойҳои корӣ ба афзоиши табиии аҳолӣ хос буда, нокифоягии имкониятҳои шуғлнокӣ барои аҳолии қобили меҳнат на танҳо барои кишвари мо, балки барои кишварҳои дигар, ки дорои нишондиҳандаи баланди сатҳи таваллуд мебошанд, низ хосанд.

Вобаста ба ин, шумораи афроди бекори расман ба қайд гирифташударо дар кишвар ҷадвали 2.7 нишон медиҳад.

Мутобиқи маълумоти дар ҷадвали мазкур овардашуда шумораи афроди бекори дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда дар соли 2024 нисбат ба соли қаблӣ гарчанде камтар бошад ҳам, новобаста аз ин, андешидани чораҳои зарурӣ дар ин самт ба манфиати кор аст. Вобаста ба ин, фаъолияти ТҒТ метавонад дар шакли омӯзонидани фарҳанги соҳибкорӣ, фарҳанги истифодаи замин ва дигар шаклҳои фаъолият ҷиҳати беҳтар шудани вазъи

аҳолии кишвар, ки бо сабабҳои гуногун имконияти мустақилона пайдо кардани ҷойи кориро надоранд, зоҳир гардад.

**Ҷадвали 2.7. - Шумораи бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда дар вилоятҳо, ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, (ҳаз. нафар)**

| Солҳо/минтақаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 4,9 | 5,1 | 4,5 | 4,7 | 5,5 | 3,7 | 2,2 | 44,89 |
| Суғд | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 | 7,8 | 7,9 | 81,44 |
| Хатлон | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 15,0 | 16,2 | 17,2 | 14,5 | 90,62 |
| Душанбе | 2,5 | 2,7 | 3,3 | 4,9 | 4,0 | 5,9 | 7,0 | 280,00 |
| НТҶ | 16,6 | 16,6 | 17,6 | 17,5 | 21,1 | 19,8 | 16,7 | 100,60 |
| Ҳамагӣ | 49,7 | 47,5 | 49,0 | 49,9 | 54,6 | 54,4 | 48,3 | 97,18 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [107 С. 95-96]*

Вобаста ба алоқаҳои таърихии замони шуравӣ, забон, шабакаҳои муҳоҷирон, фарқияти назаррас дар музди меҳнат ва реҷаи бидуни раводид Федератсияи Россияро ҳамчун кишвари маъмул барои будубоши муҳоҷирони тоҷик муаррифӣ намуда, мувофиқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 96,1% муҳоҷирони тоҷик ба ин кишвар ҳиҷрат намудаанд [58]. Аз рӯйи таҳлилҳои дар боло овардашуда қайд кардан мумкин аст, ки қисми зиёди муҳоҷиронро ҷавонон ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти зарурати диверсификатсиякунонии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ин масъала на танҳо ба омӯхтани забони русӣ, балки забонҳои дигар низ тааллуқ дорад. Бинобар ин, хулоса кардан мумкин аст, ки ТҒТ ҳамчун «корхонаи иҷтимоӣ» ба фаъолияти машваратдиҳӣ, ки бештар дар нигоҳ доштани сатҳи забондонии муҳоҷирон инъикос меёбад, машғул шавад.

Миқёси ҷараёни муҳоҷират бо хусусиятҳои иқтисодӣ ва демографӣ муайян карда шуда, Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ ва таносуби захираҳои меҳнатии муҳоҷират ба аҳолӣ, ҷои аввалро ишғол намуда, дар фазои пасошуравӣ яке аз минтақаҳои дорои қувваи кории барзиёд (шуғлнокӣ 53%, барзиёдии қувваи корӣ 46,6%, сохтори

шуғли аҳолӣ 72,9% асосан дар соҳаи кишоварзӣ) шинохта шудааст [36]. Иқтидори кории аҳолӣ нисфи аҳолии кишварро, ки ҷавонон ташкил медиҳанд, дар бар мегирад. Вобаста ба ин, Тоҷикистон пайваста ба феҳристи кишварҳое, ки иқтисоди онҳо дар марҳалаи муосири рушд аз дараҷаи муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста мебошад, шомил мегардад.

Ба ақидаи профессор Л.Ҳ. Саидмуродзода, «аз нуқтаи назари иқтисоди байналмилалӣ ҳаракати барзиёди қувваи корӣ (ҳамчун омили истеҳсолот) байни давлатҳо, сарфи назар аз сабабҳои баамалоӣ, оқибатҳои ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ ва барои сиёсати беруниқтисодии давлат аҳаммияти хосса дорад. Предмети таҳлили иқтисодиёти байналмилалӣ бештар муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад, ки ба фарқияти байнидавлатӣ дар ҷамъоварӣ ва истифодаи сармояи инсонӣ асос ёфтааст. Барои таҳлили сабабҳои муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ ҳамон усулҳое истифода бурда мешаванд, ки дар таҳлили ҳаракати байналмилалии сармоя истифода бурда мешаванд» [111].

Айни замон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ барои кори ихтиёрӣ ба дигар давлатҳо ҳиҷрат менамоянд, аз як ҷониб, саҳми худро мустақиман дар рушди ММД-и давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон гузошта, дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ аз кишварҳои хориҷ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд.

Гузашта аз ин, маблағҳои интиқолӣ аксаран барои истеъмолоти ҷорӣ сарф карда мешаванд, на барои сармоягузорӣ, ки ин дар дохили кишвари аслии муҳоҷирон устувории иқтисодиро ба вуҷуд намеоварад.

Тибқи таҳлилҳо муҳоҷироне, ки дар хориҷи кишвар кору фаъолият мекунанд, мутаассифона, тахассуси аниқ надоранд, бинобар ин, зарурати ташкили корҳои машваратӣ ва бозомӯзии онҳо пеш меояд. Маҳз дар ҳамин соҳа, ки соҳибкорони муқаррарӣ машғул нестанд, фаъолияти ТҒТ пурзӯр шуда метавонад.

Афзоиши шумораи муҳоҷирони баргардонидаи тоҷик дар пасманзари муноқишаи низомии миёни Федератсияи Россия ва Украина, ҳамзамон ворид

намудани як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба будубоши муҳоҷирон дар қаламрави Федератсияи Россия сурат мегирад. Дар ин самт нақши ТҒТ дар корҳои фаҳмондадиҳӣ ва бозомӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ бояд бештар гардад.

Дар ин бобат, бояд зикр намуд, ки ТҒТ ҳамчун шакли фаъолияти иҷтимоӣ метавонад муҳоҷирони баргаштаро ба фаъолияти самараноки иқтисодӣ тавассути соҳибкорӣ, пайдо кардани тахассус, истифодаи самараноки замин ва ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ бо дастгирии корҳои машваратию маълумотдиҳӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҷалб намояд.

Маълумоти солҳои охир нишон медиҳанд, ки фоизи аҳолии машғули иқтисодиёт нисбат ба захираҳои меҳнатӣ паст буда, ҳамасола тамоюли коҳиши он мушоҳида мегардад ва зарурати андешидани чораҳои пешгирикунанда, коркарди методологӣ ва такмили механизми бозори меҳнатро ҷиҳати ҳалли ин мушкилот ба миён меорад (ҷадвали 2.8).

**Ҷадвали 2.8. - Захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби миёна дар як сол, ҳаз. нафар)**

| Солҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо %; +/- б.ф. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ | 5427 | 5521 | 5585 | 5653 | 5754 | 5862 | 5982 | 110,22 |
| Шуғлнокии қувваи корӣ | 2426 | 2463 | 2506 | 2534 | 2545 | 2625 | 2748 | 113,27 |
| Шуғлнокии аҳолӣ (бо %) | 44,7 | 44,6 | 44,8 | 44,8 | 44,2 | 44,7 | 45,9 | +1,2 б.ф. |
| Қувваи кории истифоданашуда | 2949 | 3007 | 3068 | 3066 | 3154 | 3187 | 3185 | 108,01 |
| Таносуби қувваи кории истифоданашуда ба захираҳои меҳнатӣ (бо %) | 54,3 | 54,4 | 54,5 | 54,2 | 54,8 | 54,36 | 53,24 | -1,06 б.ф. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [107. С.81]*

Таҳлили ҷадвали 2.8 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2018-2024 дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти динамикӣ дошта, тамоюли афзоиши умумии нишондиҳандаҳои асосии захираҳои меҳнатӣ ва шуғлнокии қувваи корӣ мушоҳида мегардад. Ҳамагӣ захираҳои меҳнатӣ аз 5 427 нафар дар соли 2018 то 5 982 нафар дар соли 2024 зиёд шуда, суръати афзоиш тақрибан 10,22%-ро ташкил медиҳад. Дар ҳамин ҳол, ҳаҷми шуғлнокии қувваи корӣ аз 2426 нафар то 2748 нафар афзоиш ёфта, дар соли 2024 нисбат ба соли базавӣ ба андозаи 13,27% зиёд шудааст, ки ин нишондиҳандаи ҷалби тадриҷан бештари қувваи корӣ ба бозори меҳнат мебошад.

Бо вуҷуди ин, сатҳи шуғлнокии аҳолӣ тағйироти назаррас надошта, аз 44,7% дар соли 2018 то 45,9% дар соли 2024 ё ба андозаи 1,2 банди фоизӣ рушд кардааст, ки пурра ба шуғл ҷалб нашудани захираҳои меҳнатиро нишон медиҳад. Дар ҳамин давра, ҳаҷми қувваи кории истифоданашуда аз 2949 нафар ба 3185 нафар афзоиш ёфта, суръаи афзоиши он ба 8,01% баробар гардидааст. Таносуби қувваи кории истифоданашуда ба захираҳои меҳнатӣ бо каме коҳиш (1,06 банди фоизӣ), то 53,24% баробар гардида, нишон медиҳад, ки самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ нисбатан беҳтар шудааст.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои мазкур гувоҳӣ медиҳанд, ки новобаста аз афзоиши умумии захираҳои меҳнатӣ, мушкилоти марбут ба таъмин ва самаранок истифода бурдани қувваи корӣ дар кишвар ҳанӯз ҳам боқӣ монда, шиддатнокӣ дар бозори меҳнат ба чашм мерасад. Вобаста ба ин, шиддатро дар бозори меҳнат метавон бо роҳи мукаммалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ коҳиш дода, бо ин роҳ имкони баланд бардоштани самаранокии идоракунии муносибатҳои муҳоҷирати байни давлатҳо, ки ба захираҳои меҳнатӣ ниёз доранд, давлатҳои дорои қувваи кории барзиёдро бояд таъмин кард. Дар ин самт нақш ва мавқеи ТҒТ-ро баланд арзёбӣ кардан мумкин аст. Чунончи, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, маҳз чунин ташкилотҳо дар интихоб ва таҳияи лоиҳаи қонунҳои ба талаботи вазъи муосир ҷавобгӯ фаъолияти самаранок нишон медиҳанд.

Дар кори таҳқиқотии А.Ҷ. Гадоев қайд гардидааст, ки «муҳаққиқони ватанӣ академикҳо Р.К. Раҳимов, Н.Қ. Қаюмов ва д.и.и., профессор Н.Х. Хоналиев қувваи кории кам истифодашударо ҳамчун омили изофаи қувваи корӣ дар минтақа, бахусус дар деҳот тавсиф мекунанд ва чунин мешуморанд, ки иқтидори асосии захираҳои меҳнатии босуръат афзоянда дар минтақа бо дигаргуниҳои сохторӣ дар бозори меҳнат вобаста мебошад» [173].

Дар шароити муосир ҷиҳати зудтар ва сари вақт танзим намудани бозори меҳнат ва таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ зарур аст заминаҳои назариявӣ ва методологие, ки ба рушди муносибатҳои иҷтимоии байни субъектҳои иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст, ташаккул дода шаванд.

Дар натиҷа, фаъолияти ТҒТ дар самти муҳоҷират ба амнияти иқтисодии давлат таъсири бевосита мерасонад, аз ҷумла:

- коҳиши шуғли ғайрирасмӣ - боиси зиёд шудани интиқоли маблағҳои расмӣ мегардад;
- баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ - ба субот дар кишварҳои қабулкунанда ва паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ мусоидат мекунад;
- реинтегратсия - сарбории буҷетро тавассути шуғл ва рушди соҳибкорӣ кам мекунад;
- мубориза бо хариду фурӯши одамон - хатарҳои криминалиро коҳиш медиҳад;
- таъсиси пойгоҳи иттилоотӣ - ба қабули қарорҳо дар асоси далелҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, ТҒТ дар идоракунии ҳамаҷонибаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ташаккули механизмҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ нақши иловагӣ не, балки нақши низомсозро иҷро мекунанд.

Таҳлилҳои дар солҳои 2018-2024 гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз ҳиҷрат дар соҳаҳои гуногун машғул мебошанд (расми 2.2).

Вобаста ба нишондиҳандаҳои дар расми 2.2 овардашуда қайд кардан мумкин аст, ки афроди ба муҳоҷирати меҳнатӣ бештар ҳиҷраткарда бекорон

ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, корҳои машваратӣ, омӯзиши забонҳо, ҳамкориҳои байнидавлатӣ, мутобиқсозии иҷтимоӣ, ёрии ҳуқуқию иттилоотӣ ва тахассуснок намудани чунин шахсҳо, ки самти муосири фаъолияти ТҒТ мебошад, ба манфиати кор аст.




***Расми 2.2. - Шуғлнокии муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (%)***

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [62].*

Набудани шуғли муносиб барои хатмкардаҳои донишгоҳҳои кишвар ва паст будани сатҳи дониши онҳо мушкилоти иловагиро ҷиҳати шуғлнокии онҳо ба вуҷуд оварда, ҷавонони синну соли гуногун иҷборан барои пайдо намудани кори муносиб ба хориҷа ҳиҷрат менамоянд.

Дар ин замина, мавҷҳои зерини таъсири ТҒТ-ро ба амнияти иқтисодии кишвар дар заминаи равандҳои муҳоҷират муайян намудан мумкин аст.

Пеш аз ҳама, ин коҳиши хатари шуғли ғайриқонунӣ дар хориҷа мебошад. ТҒТ тавассути омодагии пеш аз сафар ва машварати ҳуқуқӣ ба муҳоҷирон дар гирифтани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, бастани шартномаҳои меҳнатӣ ва пешгирӣ аз кор дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт кумак мерасонанд. Дар робита бо амнияти иқтисодӣ, чунин раванд ба афзоиши ҳаҷми интиқоли пулии расмӣ тавассути инфрасохтори бонкии кишвар ба таҳкими устувории молиявӣ ва баландшавии эътибори байналмилалии давлати содиркунандаи қувваи корӣ мусоидат мекунад. Ва ин, дар навбати худ, тавозуни пардохтро муътадил гардонида, манбаи андози кишварро зиёд мекунад.

Дуюм, ин баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ ва молиявии муҳоҷирон тавассути тренингҳо, семинарҳо ва курсҳои онлайн барои

муҳоҷирон, ки аз ҷониби ТҒТ гузаронида мешавад, боиси паст шудани сатҳи вобастагии молиявии муҳоҷирон, дастрасӣ ба қарзҳои хурд, афзоиши пасандозҳои дохилӣ ва сармоягузорӣ дар кишвари тавлидшуда мегардад. Ин фаъолияти ТҒТ ба нигоҳ доштани суботи институтсионалии зарурӣ барои фаъолияти иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи омӯзишу баррасии таҳлилҳои ташкилотҳои байналмилалӣ метавон ба хулоса омад, ки таъсири фаъолияти ТҒТ ба амнияти иқтисодӣ дар заминаи равандҳои муҳоҷират, метавонад чунин бошад (ҷадвали 2.9).

**Ҷадвали 2.9. - Таъсири фаъолияти ТҒТ ба амнияти иқтисодӣ дар заминаи равандҳои муҳоҷират**

| Нишондиҳанда | Бе иштироки ТҒТ | Бо иштироки ТҒТ |
|---|---|---|
| **Ҳиссаи интиқоли расмӣ (бо % аз ҳисоби умумӣ)** | 40-50% | 75-85% |
| **Муҳоҷирати такрорӣ (дар давоми 2 сол)** | 65-70% | 35-45% |
| **Сатҳи шуғли муҳоҷирони баргашта** | <30% | <60% |
| **Ҳиссаи муҳоҷироне, ки омӯзишро гузаштаанд** | <15% | 50-65% |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [95]*

Маълумоти мазкур нишон медиҳад, ки иштироки фаъолонаи ТҒТ ба расмигардонии равандҳо, қонунишавии шуғл ва паст шудани фишор ба иқтисодиёт мусоидат мекунанд. ТҒТ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии беруна ба нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодии кишварҳои аслии муҳоҷирон таъсири назаррас дошта, тавассути коҳиш додани шуғли ғайриқонунӣ, баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ, мусоидат ба реинтегратсия ва рушди институтсионалӣ ҳамчун муътадилгардонандаи низоми иҷтимоию иқтисодӣ амал мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки рушди низоми дастгирии чунин ташкилотҳо, тавсеаи ваколатҳои онҳо, инчунин маблағгузории устувор бояд ҳамчун сармоягузорӣ ба суботи макроиқтисодӣ ва василаи ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор баррасӣ карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки дар кишварҳои Ғарб миёнаравони шуғл тавассути биржаҳои меҳнатии давлатӣ ва хусусӣ фаъолият намуда, биржаҳои давлатӣ аслан ройгон хизматрасонӣ менамоянд ва фаъолияти онҳо ихтиёрӣ буда, бинобар ин, на ҳама вақт самаранокии зиёд доранд. Айни замон дар Ғарб хусусигардонӣ ва тиҷоратикунонии миёнаравони шуғл бошиддат идома дошта, ҳамчун шакли соҳибкорӣ фаъолият менамоянд. Рекрутинг ҳамчун шакли соҳибкорӣ ба пайдо кардани ҷойҳои корӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва умуман, ашхоси корҷӯянда машғул буда, солҳои 50-уми асри гузашта дар ИМА пайдо шудааст.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ чунин ҳамкории ТҒТ-ро, яъне мусоидат дар пайдо намудани ҷойи кор, бо ширкатҳои рекрутингӣ метавон ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ арзёбӣ намуд, чунки тавассути фаъолияти мазкур бештар ба афроди ниёзманд хизматрасонӣ менамоянд.

Муҳоҷирони меҳнатие, ки ба давлатҳои гуногун ҳиҷрат менамоянд, ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ мегарданд, хатоии асосии онҳо ин шинохта натавонистани қаллобон ва нодуруст ҷамъоварӣ кардани ҳуҷҷатҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Риоя нагардидани қонунҳои муҳоҷират дар хориҷи кишвар оқибатҳои манфӣ дошта, боиси ҷарима, ҳабс, ихроҷ (депортатсия) ва манъ кардани вуруд ба давлат мегардад. Дар ҳалли чунин мушкилот ТҒТ тавассути фаъолияти машваратдиҳӣ, омӯзиши фарҳанги муҳоҷират нақши муассир дошта метавонад. Ҳамкории чунин ташкилотҳо бо агентиҳои рекрутингӣ дар ин самт метавонад барои ҷилавгирӣ аз қаллобӣ ва шуғли ғайрирасмии муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат намоянд.

Имрӯзҳо дар хориҷа, хусусан корхонаву ширкатҳои соҳаҳои мухталиф аз хизматрасонии агентиҳои рекрутингӣ васеъ истифода менамоянд. Вобаста ба таҷрибаи хориҷӣ истифодаи хизматрасониҳои рекрутингӣ яке аз аломатҳои хоси рушди фарҳанги тиҷоратии ширкат ба ҳисоб меравад. Шумораи ширкатҳое, ки аз хадамоти рекрутингӣ истифода менамоянд, мунтазам афзоиш меёбад, дар солҳои таҳқиқотӣ (2018-2024) даҳгонаи беҳтарини

ширкатҳои рекрутингии дар миқёси ҷаҳон эътирофшударо дар ҷадвали 2.10 нишон медиҳем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ширкатҳои зикршуда дар пайдо кардани кор барои тахассусмандони соҳаҳои гуногун, машваратдиҳӣ, бастани шартномаҳои байни корфармоён ва умуман, миёнарав дар бозори меҳнат барои пайдо кардани кор ба корҷӯён, хусусан муҳоҷирони меҳнатӣ ниёз доранд, ки инро дар навбати худ, роҳи қонеъ гардонидани талаботи онҳо аз тарафи ТҒТ тавассути бастани шартномаҳо ҷиҳати пешниҳоди маълумоти зарурӣ дар бозори хизматрасонӣ эътироф кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.10. - Даҳгонаи беҳтарин агентиҳои шуғл (ширкатҳои рекрутингӣ) дар хориҷа**

| Ширкати рекрутингӣ | Фаъолият |
|---|---|
| **BVS Rabota** | Хизматрасонӣ дар бозори меҳнати беруна, хусусан кишварҳои Аврупо, гирифтани раводиди Шенген, омода намудани иҷозатномаҳои корӣ, кумаки машваратӣ |
| **Gremi Personal** | Ширкати Полша буда, бо зиёда аз 600 агентӣ ҳамкорӣ дошта, асосан барои таъмини ҷойҳои корӣ ба ашхоси беихтисос таъсис дода шудааст |
| **Union Job** | Миёнарав дар бозори меҳнат буда, асосан барои интихоб ва таъмини ҷои кор дар Олмон вобаста мебошад. Ҳамзамон, барои гирифтани раводид, иҷозатномаҳо ва интиқоли маблағҳо низ мусоидат менамояд |
| **Gold Work** | Ҷалби мутахассисон ба корфармоёни Иттиҳоди Аврупо вобаста ба тахассунокӣ |
| **Eurogroup** | Яке аз машҳуртарин ширкати рекрутингии дар Украина эътирофшуда ба пайдо кардани ҷои кор дар хориҷа, кумакҳои машваратӣ, гирифтани раводид, иҷозатномаҳо ва даъватномаҳо аз корфармоён ҳисоб меёбад |
| **Work Life** | Ширкати байналмилалии Полша аз соли 2016 расман фаъолияташро оғоз намуда, ба пайдо кардани корфармоён, бастани шартномаҳо бо онҳо ҷиҳати ба кор таъмин намудани корҷӯён фаъол мебошад |
| **East West Link** | Ширкати Полша буда, зиёда аз 13 сол дар бозори меҳнат фаъол мебошад. Дар ин муддат зиёда аз 100 ҳазор нафарро ба кор таъмин намудааст |
| **Humanffy** | Ширкати консалтингии Словакия буда, аз соли 2005 дар бозори меҳнат фаъол аст. Тавассути коргарони кироя аз Украина, Россия, Белоруссия дар рушди тиҷорати кишварҳои Аврупо кумаки тахассусӣ (машваратӣ) мерасонад |
| **UAB Rinama** | Ширкати миёнарави Литва дар бозори меҳнат буда, барои ба кор таъмин намудани шаҳрвандони кишварҳои ИДМ дар хориҷа кумак мерасонад. Ҳамзамон, ба додани машварат оид ба интихоби ҷои кор, гирифтани иҷозатнома, суғуртаи тиббӣ, банд (фармоиш) кардани манзил ва чиптаҳо |
| **Pentax Oy** | Агентии Финландия ба ҷалби кадрҳо барои ширкатҳои сохтмонӣ вобаста ба таҷриба ва тахассуснокии онҳо таъсис дода шудааст |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [56]*

Дарвоқеъ, имрӯзҳо метавон ширкатҳои рекрутингиро яке аз соҳаҳои хизматрасонии зудинкишофёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон арзёбӣ намуда, новобаста аз мураккабии бозори меҳнат, ҳамеша ниёз ба кормандони тахассуснок ва зинаи поёнӣ боқӣ мемонад ва ин ифодагари он аст, ки талабот ба хизматрасониҳои рекрутингӣ мунтазам меафзояд.

Дар шароити муосир технологияҳои рақамӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти ТҒТ табдил меёбанд. Дар байни унсурҳои инноватсионии идоракунӣ метавон, эҷоди платформаҳои онлайнӣ барои муҳоҷирон (машваратҳо, базаи ҷойҳои холӣ, санҷиши шартномаҳо ва ғ.); замимаҳои мобилӣ бо маълумот оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳо; ботҳои иттилоотӣ дар Telegram и WhatsApp; системаҳои электронии идоракунии ҳуҷҷатҳо ва CRM барои баҳисобгирии муштариён, краудфандинг ва ҳисоботдиҳии электрониро ҷудо кард. Бояд қайд кард, ки рақамикунонӣ имкони дастрасии бештар, кам кардани хароҷот ва шаффофиятро фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун қувваи кории пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон эътирофи хосса пайдо карда, бо вуҷуди ин, равандҳои муосири муҳоҷират боиси оқибатҳои мураккаб ва зиддият ҳам барои давлат ва ҳам барои шаҳрвандони алоҳида гардидааст.

Зимни таҳлилҳо муайян гардид, ки қисми зиёди ТҒТ ба фаъолияти омӯзишӣ-машваратдиҳӣ машғуланд ва ин фаъолият метавонад дар самти тахассуснок намудани аҳолӣ мусоидат кунад. Чунки дар асоси диаграммаи 2.1 маълум шуд, ки қисми зиёди муҳоҷирон ин аҳолии «бекор» мебошанд ва дар заминаи ба роҳ мондани чунин фаъолият метавон аҳолии қобили меҳнат, хусусан калонсолонро соҳибтахассус намуд ва ҳамзамон, чунин фаъолият барои ТҒТ имкон медиҳад, ки ҳамчун соҳибкори иҷтимоӣ баромад намояд.

Мавқеи ташкилотҳои зерин дар омӯзонидани фарҳанги соҳибкорӣ барои ба вуҷуд овардани табақаи миёнаи аҳолӣ мусоидат намуда, фаъолияти он ба рушди умумииқтисодии давлат таъсири мусбат мерасонад.

Муқоисаи таҷрибаи кишварҳои гуногун дар соҳаи иштироки ТҒТ дар идоракунии равандҳои муҳоҷирати беруна имкон медиҳад таъсири онҳо ба

нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ бо асоснокии илмӣ арзёбӣ гардад. Дар шароити афзоиши ҷараёнҳои байналмилалии қувваи корӣ ва зиёдшавии осебпазирии иқтисодиёти давлатҳои рӯ ба рушд, арзёбии моделҳои амалкунанда, механизмҳои иштирок ва сатҳи ҳамкориҳои ТҒТ бо мақомоти давлатӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Масалан, таҳлили муқоисавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Филиппин ҳамчун кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ бо сатҳи гуногуни рушди механизмҳои танзими муҳоҷират бо иштироки ТҒТ чунин вазъиятро нишон медиҳад (ҷадвали 2.11).

**Ҷадвали 2.11. - Ҷадвали муқоисавии самаранокии ТҒТ дар соҳаи муҳоҷират**

| Меъёри арзёбӣ | Тоҷикистон | Қирғизистон | Филиппин |
|---|---|---|---|
| **Эътирофи институтсионалии ТҒТ** | Миёна (ҳамкории қисмӣ), иштирок дар лоиҳаҳо, ҷалб намудан дар таҳияи дастурҳо | Миёна-баланд (меморандумҳои расмӣ), ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ қонуни соли 2024 назорати маблағгузории хориҷиро тақвият бахшид | Баланд: ТҒТ дар сиёсати муҳоҷират бо ширкатҳои рекрутингӣ ва OWWA ҳамгиро шудаанд |
| **Маблағгузории фаъолияти ТҒТ** | Аксаран аз ҷониби донорҳо | Донорҳо ва барномаҳои алоҳидаи давлатӣ | Омехта: буҷети давлатӣ, фондҳои диаспора, донорҳои байналмилалӣ |
| **Иштирок дар таҳияи сиёсат** | Сатҳи машваратӣ: иштирок тавассути гурӯҳҳои корӣ | Қисман: иштирок дар муҳокимаи қонунҳо ва барномаҳои муҳоҷират | Фаъол: ТҒТ ба гурӯҳҳои корӣ шомиланд ва ба сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ таъсир мерасонанд |
| **Системаи реинтегратсияи муҳоҷирон** | Ташаббусҳои маҳаллӣ: лоиҳаҳои пилотии дастгирии занон, оилаҳои муҳоҷирон, бизнеси хурд, кумаки психологӣ | Лоиҳаҳои кооперативӣ: омӯзиши бизнес, устувории ҷамъият пас аз COVID-19 | Низоми миллӣ: барномаҳои OWWA оид ба қарзҳои хурд ва омӯзиши бизнес |
| **Истифодаи ҳалли рақамӣ** | Сатҳи ибтидоӣ: телефони боварӣ, сомонаҳо | Инкишофёфта: веб-порталҳо, чат-ботҳо, барномаҳои мобилӣ | Экосистемаҳои рақамии мукаммал: (e-OFW system) |
| **Арзёбии боварии муҳоҷирон ба ТҒТ** | Миёна: ҳудуди 40-55% | Аз миёна болотар: ҳудуди 60-70% | Баланд: аз 75% боло |
| **Таъсир ба амнияти иқтисодӣ** | Маҳдуд: лоиҳаҳои аниқ | Миёна: дастгирии шуғл, кам кардани хатарҳо | Стратегӣ: системаи устувори интиқол ва дастгирӣ |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиш ва баррасии адабиёти [63, 72, 73, 74, 75, 77, 78, 81, 82, 89, 91]*

Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки ТҒТ дар кишвари мо, асосан, ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон ва тарбияи ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. Фаъолият дар ин самт дар пур намудани холиҳои институтсионалӣ, хусусан дар соҳаҳои иттилоотрасонӣ, машваратҳои ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳо мебошад. Аммо, бо вуҷуди ин, таъсири онҳо ба амнияти иқтисодӣ бо набудани барномаҳои васеъмиқёси реинтегратсия, ҳамоҳангии номукаммал бо давлат ва маблағгузории номунтазам маҳдуд мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити муосир ва равандҳои муҳоҷират фаъолияти ТҒТ дар кишвар хусусияти лоиҳавӣ дорад. Ҳамин тариқ, фаъолияти ТҒТ дар роҳи мусоидат ба муҳоҷирати меҳнатии беруна дар намуди фаъолиятҳои зерин: мусоидат ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, машваратдиҳӣ, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати тахассуснок намудан, мукаммалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, бастани шартномаҳо бо ширкатҳои рекрутингӣ, омӯзиши фарҳанги фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун хусусиятҳои фаъолияти иҷтимоии онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодӣ маънидод карда мешаванд.

### 2.3. Саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар баланд бардоштани мақоми иқтисодии занон ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо

Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мушкилоти осебпазирии занон, махсусан, дар муҳити деҳот, ҳамчун масъалаи мубрами давлатии рушд баррасӣ карда мешавад. Таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки дастрасии маҳдуди занон ба захираҳои иқтисодӣ, имконоти таҳсилотӣ ва бозори меҳнат муҳити вобастагии иқтисодиро ба миён оварда, сатҳи умумии амнияти иқтисодии оилаҳо ва минтақаҳоро коҳиш медиҳад.

Дар чунин шароит ТҒТ ҳамчун воситаи муҳимми фаъолсозии иқтидори иқтисодии занон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ баромад мекунад.

Таъсиси ҷойҳои корӣ шарти зарурии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин асос, кишварҳои ҷаҳон, новобаста аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ, ба ин масъала, хусусан масоили

шуғлнокии ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир дучор гардида, ТҒТ-е, ки имрӯзҳо ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ баромад мекунанд, метавонанд ҷиҳати рафъи чунин мушкилот мусоидат намоянд.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт кишвар, бо вуҷуди болоравии сатҳи шуғлнокӣ, коҳиши бекорӣ ва афзоиши даромадҳои воқеии аҳолӣ, масъалаи камбизоатӣ ҳамчун мушкилии иҷтимоию иқтисодӣ ҳанӯз ҳам эҳсос гардида, ҷалби нокифояи занон ба фазои иқтисодӣ метавонад чун омили маҳдудкунандаи устувории молиявӣ ва амнияти иқтисодии оилаҳо баромад кунад.

Вазъи зикршуда ба афзоиши табиии аҳолӣ вобаста буда, афзоиши аҳолӣ ва қувваи корӣ, инчунин суст инкишоф ёфтан ва набудани ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо кор ва шуғлнокӣ масъалаи мубрам ҳисоб меёбад.

Пас аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон нақш ва мақоми занон дар бозори меҳнат куллан дигар шуда, ба ин раванд гузаштан ба иқтисоди бозорӣ, душвориҳои иҷтимоию иқтисодии бо буҳрони ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он таъсири калон расонид.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат дар Паёмҳои хеш оид ба мақоми зан дар ҷомеа ва шуғлнокии онҳо ибрози андеша намуда, дар Паёми соли 2022 чунин қайд намуданд, «Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд» [11].

Ҳамзамон, роҷеъ ба фаъолияти занон дар бахшҳои гуногун ва дар фазои иқтисодӣ иштирок намудани занон, Пешвои миллат дар Паёми худ, ки 28-уми декабри соли 2024 ба халқи Тоҷикистон ироа гардид, чунин иброз доштанд: «...вале бояд гуфт, ки мақому манзалати занону бонувон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ воқеан боло рафтааст. Ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро

бонувону занон ташкил медиҳанд. Имрӯз беш аз 110 ҳазор бонувону занони кишвар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд» [12].

Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз талошҳои Ҳукумати кишвар ҷиҳати ба муҳити иқтисодӣ ҷалб намудани занон, ҳанӯз ҳам занони бекори дар ҳадамоти шуғл ба қайд гирифташуда вуҷуд доранд (ҷадвали 2.12).

**Ҷадвали 2.12. - Шумораи занони бекори дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда дар вилоятҳо, ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҳаз. нафар**

| Солҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 2,8 | 2,9 | 2,3 | 2,7 | 3,1 | 2,5 | 1,2 | 42,85 |
| Суғд | 4,9 | 4,0 | 4,3 | 4,0 | 4,2 | 3,7 | 4,4 | 89,79 |
| Хатлон | 9,5 | 7,5 | 6,4 | 6,5 | 7,3 | 7,2 | 5,9 | 62,10 |
| Душанбе | 1,2 | 1,2 | 1,4 | 2,5 | 2,3 | 4,0 | 3,2 | 266,66 |
| НТҶ | 7,2 | 7,0 | 7,5 | 8,1 | 9,9 | 9,1 | 7,7 | 106,94 |
| Ҳамагӣ | 25,5 | 22,6 | 21,9 | 23,8 | 26,8 | 26,7 | 22,4 | 87,84 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [107 С. 95-96]*

Таҳлили ҷадвали 2.12 тамоюли бақайдгирии занони бекорро дар мақомоти шуғли аҳолӣ дар солҳои 2018-2024 нишон медиҳад, ки хусусияти тағйирёбанда дошта, ба сатҳи минтақаҳо вобаста мебошад. Шумораи занони бекор дар ВМКБ аз 2,8 ҳазор нафар дар соли 2018 то 1,2 ҳазор нафар дар соли 2024 коҳиш ёфта, нисбат  ба соли 2018 ба андозаи 57,15% кам шудааст, ки нишонаи коҳиши назарраси бекорӣ дар минтақа мебошад. Дар вилояти Суғд низ ба ин тамоюл мувофиқат шуда, шумораи занони бекор аз 4,9 ҳазор нафари соли 2018 то 4,4 ҳазор нафар дар соли 2024  ё ба андозаи 10,21 дарсад кам шудааст. Дар вилояти Хатлон бошад, пас аз коҳиш ва тағйирот сол ба сол, нишондиҳандаи мазкур ба 5,9 ҳазор нафар расида, дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 ба андозаи 37,9% коҳиш ёфтааст.

Дар шаҳри Душанбе ва НТҶ тамоюли афзоиш мушоҳида шуда, шумораи занони бекор дар Душанбе аз 1,2 ҳазор нафар дар соли 2018 ба 3,2 ҳазор нафар дар соли 2024 расида, таносуби соли 2024 ба соли 2018  зиёда аз 2,6 маротиба (266,6%)-ро нишон медиҳад. Дар НТҶ шумораи занони бекор аз 7,2 ҳазор

нафар то 7,7 ҳазор нафар зиёд шуда, нисбат ба соли базавӣ 6,94% афзоишро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, шумораи занони бекор дар кишвар дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 ба 22,4 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли базавӣ 12,16% камтар мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи занони бекор дар кишвар нисбат ба солҳои қаблӣ тамоюли пастшавӣ дорад. Ин раванд далолат бар он дорад, ки солҳои охир нисбати ба фазои иқтисодӣ ҷалб намудани занон чораҳои зарурӣ андешида шуда, ба заноне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, имтиёзҳои гуногун дода мешавад. Новобаста аз ин, ҷиҳати боз ҳам бештар фаро гирифтани занон ба фазои иқтисодии ҷомеа, бояд фаъолияти ТҒТ дар заминаи мукаммалгардонии низоми идоракунии чунин ташкилотҳо, аз ҷумла дастгирии молиявӣ, буҷетӣ, институтсионалӣ ва инчунин мусоидат ба ташкили соҳибкории иҷтимоӣ дар ТҒТ васеъ карда шавад.

Илова бар ин, яке аз вазифаҳои марказии ТҒТ дар Тоҷикистон, иҷрои барномаҳои машваратию омӯзишӣ барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, омодагии касбӣ ва маҳорати роҳбарӣ дар байни занон мебошад. Масалан, барномаҳое, ки бо дастгирии донорҳои байналмилалӣ (ЮНИФЕМ, UNDP, GIZ) амалӣ карда мешаванд, аз курсҳои соҳибкорӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, агробизнес ва ҳунармандӣ; омӯзиши технологияҳои рақамӣ ва тиҷорати онлайн; рушди «soft skills», яъне маданияти пешбурди кор барои худмашғулӣ ва эҷоди ташаббусҳои тиҷоратӣ иборат мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки марказҳои омӯзишии сайёр дар манотиқи дурдаст нақши хосса дошта, имкон медиҳанд, ки занони ба захираҳои шаҳрӣ дастрасӣ надошта, ба таҳсил ҷалб карда шаванд. Дар чунин замина, инкишоф додани сатҳи маълумотнокии занон ҳамчун омили калидии густариши имконоти иқтисодӣ баромад намуда, ба ташаккули манбаъҳои устувори даромад ва дар натиҷа, ба таҳкими устувории молиявии оилаҳо таъсири мусбат мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои иқтисодӣ ҳамгиро намудани занон, хусусан соҳибкории онҳо дар асоси қонунҳои соҳавӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан фармон «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа», стратегияву барномаҳои давлатӣ, инчунин роҳнамоӣ ва тавсияҳои ташкилоти ғайритиҷоратии Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон роҳандозӣ ва пеш бурда мешавад. Ташкилоти мазкур соли 1995 таъсис ёфта, тавассути 23 филиали мавҷудаи худ, ки дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ ҷойгиранд, тренингҳо доир ба омӯзиши малакаи соҳибкорӣ, курсҳои касбомӯзӣ ва дигар намудҳои барномаҳои омӯзиширо ҷиҳати ба занон омӯзонидани малакаи соҳибкорӣ мегузаронад.

Ҳамзамон, ташкилотҳои дигар низ дар самти паст кардани мушкилоти иҷтимоии табақаи осебпазири иҷтимоӣ, хусусан занон корбарӣ мекунанд, ки дар ҷадвали 2.13 вобаста ба шаклҳои хизматрасонӣ нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.13. - ТҒТ-е, ки дар ҷумҳурӣ доир ба масоили гуногуни табақаи осебпазир, аз ҷумла занон корбарӣ менамоянд**

| Ташкилотҳо | Шакли хизматрасонӣ | Гурӯҳи мақсаднок |
|---|---|---|
| «Сапеда» | машварат/маълумот; таҳсилот, тренингҳо/ курсҳо/семинарҳо; арзёбӣ ва таҳлили лоиҳаҳо; дастгирии техникӣ; кумаки иҷтимоӣ; кумак дар пайдо кардани кор; кумаки психологӣ; | занон, муҳоҷирон, ҷавонон, кӯдакони маъюб |
| «МИР – Маркази Имконият баҳри Рушд» | машварат/маълумот; таҳсилот, тренингҳо/ курсҳо/семинарҳо; арзёбӣ ва таҳлили лоиҳаҳо; дастгирии техникӣ; кумаки иҷтимоӣ; кумак дар пайдо кардани кор; кумаки ҳуқуқӣ ва ғайра | занон, ҷавонон ва наврасон |
| «Занони деҳот» | машварат/маълумот; таҳсилот, тренингҳо/ курсҳо/семинарҳо; иқдомҳои хайриявӣ; кумак дар пайдо кардани кор ва ғайра | занон ва ҷавонон |
| «Орзуи Ҷавон» | машварат/маълумот, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), дастгирии техникӣ, кумак дар пайдо кардани кор, ёрии ҳуқуқӣ | занон, ҷавонон, маъюбон |
| «Моҳи мунир» | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо / курсҳо / семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), кумак дар пайдо кардани кор, кумаки ҳуқуқӣ, кумаки психологӣ | занон, ҷавонон, қурбониёни хушунати хонаводагӣ |
| «Нисо» | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо / курсҳо / семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), чорабиниҳои хайриявӣ | занон, кӯдакон, ҷавонон, оилаҳои ниёзманд |

*Идомаи ҷадвали 2.13.*

| Ташкилотҳо | Шакли хизматрасонӣ | Гурӯҳи мақсаднок |
|---|---|---|
| «Занон ва ҷомеаи асри 21» | машварат/маълумот, таҳсилот, тренингҳо / курсҳо / семинарҳо, ташкили чорабиниҳо (мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо), арзёбӣ ва таҳлили лоиҳаҳо ва барномаҳо, дастгирии техникӣ, чорабиниҳои хайриявӣ, кумак дар пайдо кардани кор, ёрии ҳуқуқӣ- психологӣ | оилаҳои камбизоат, ҷавонони маъюб, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [49]*

Қайд кардан зарур аст, ки ҳадафи ташкилотҳои мазкур бештар дар хусусияти иҷтимоӣ, аз ҷумла дар мусоидат дар таъмини эҳтиёҷоти иҷтимоию фарҳангию маънавӣ, аз ҷумла беҳбуди саломатии занон ва сафарбаркунии онҳо дар ҷомеа зоҳир мегардад.

Дар натиҷаи чораҳои андешидаи Ҳукумати кишвар фаъолияти ТҒТ дар масъалаи ҷалби занон ба фазои иқтисодии ҷомеа рӯз то рӯз беҳтар мегардад.

Яке аз дастовардҳои асосии Тоҷикистон дар самти баробарии гендерӣ татбиқи Деклоратсияи Пекин ва Чаҳорчӯбаи амалиёт (1995) ин таҳияи сиёсат ва қабули қонунҳои соҳавӣ дар ҷодаи баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани мақом ва ҳуқуқи зан дар ҷомеа мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши вазъи бозори меҳнат, аз ҷумла масъалаи шуғл ва мушкилоти бекорӣ пайваста таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Вобаста ба ин, дар СМР барои давраи то соли 2030 яке аз масъалаҳои афзалиятдошта, тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ, паст намудани нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ дар ҳамаи шаклҳои онҳо, инчунин устувории экологӣ қайд шудаанд.

Таҷрибаи хориҷии фаъолияти ТҒТ собит месозад, ки барномаҳои дастгирӣ дар самти соҳибкорӣ ҳамчун механизми ба бозори меҳнат баромадани занон, гирифтани маълумот ва пайдо кардани малака оид ба соҳибкорӣ баромад менамоянд. Дар ин раванд нақши ТҒТ дар фаъолияти омӯзишӣ-маълумотдиҳӣ, омӯзонидани малакаи соҳибкорӣ, таъмини маълумот оид ба вазъи бозори меҳнат ва ғайра зоҳир шуда, дар шароити имрӯза мусбат арзёбӣ мегардад.

Аз таҷрибаи байналмилалӣ бармеояд, ки аксари усулҳои такмили низоми идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир, аз ҷумла ҷалби занон ба фаъолияти иқтисоди бозоргонӣ аз он иборат аст, ки онҳо бештар ба самтҳои иҷтимоии иқтисодиёт майл доранд.

Таҳқиқотчиёни хориҷӣ Л.Ҷонатан ва М.Ҳарт қайд мекунанд, ки занон аксар вақт кормандони иҷтимоӣ шуда, фаъолият менамоянд, зеро музди маоши паст имкони қонеъ кардани талаботи мардонро надорад [167]. Ин вазъият занонро ҳамчун як қишри осебпазири ҷомеа нишон медиҳад ва зарурати такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар самти дастгирии фаъолияти занон ҳамчун қишри осебпазири ҷомеа талаб менамояд.

Вобаста ба таҷрибаи байналмилалӣ, шуғли расмии занон бештар дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таҳсилоти гуногун, фарҳанг ва тандурустӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо дар ҷомеа ба назар мерасад. Дар баъзе давлатҳои ҷаҳон ҳиссаи корхонаҳое, ки ба онҳо занон роҳбарӣ менамоянд, 50-60%-ро ташкил медиҳанд. Дар Олмон ва ИМА 50-52%, дар Италия-60%, дар Ҷопон-55%-и ҳаҷми ММД аз ҳисоби ширкатҳое, ки занон роҳбарӣ менамоянд, таъмин карда мешавад [157].

Ҷиҳати ҷалби васеи занон ба бахши соҳибкорӣ дар сатҳи давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, нақш ва мақоми зан дар рушди ҷомеа, хусусан дар соҳаи соҳибкории хурд, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода мешавад. Ҳамин тариқ, ҳамасола зимни вохурӣ ва мулоқоташон бо соҳибкорони кишвар як қатор масоили марбут ба рафъи монеаҳо дар рушди соҳибкорӣ ва дастгирии давлатии онҳо матраҳ мегардад.

Масалан, соли 2022 дар Паёми солонаи хеш Сарвари давлат чунин қайд карданд: «Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб

40 фоиз мебошанд. Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас расонида истодаанд. Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,4 баробар зиёд мебошад. Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил кардааст. Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани фаъол гардидани занону бонувон дар иқтисодиёти кишвар мебошанд» [11].

Аз гуфтаҳои Пешвои миллат бараъло мушоҳида намудан мумкин аст, ки яке аз роҳҳои мукаммалгардонии низоми идоракунии фаъолияти ТҒТ дар самти дастгирии занон ин ташкили фазои мусоид нисбати соҳибкории занону бонувон дар Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин, ҷиҳати густариш ёфтани соҳибкории занон ва ба фаъолияти меҳнатӣ бештар ҷалб намудани онҳо чораҳои зарурӣ дар сатҳи давлатӣ, пеш аз ҳама, бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ карда мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки соҳибкории занон дар Тоҷикистон бо як қатор монеаҳои системавӣ аз ҷумла дастрасии маҳдуд ба воситаҳои молиявӣ, паст будани сатҳи қонундонӣ ва ҳуқуқ, маҳдудияти фарҳангӣ ва дастгирии заиф аз ҷониби оилаҳо рӯ ба рӯ мегардад. Дар чунин шароит ТҒТ ҳамчун миёнарав байни занон ва институтҳои дастгирӣ баромад мекунанд. Чунин ташкилотҳо барои гирифтани қарзҳои хурд ва грантҳо, таҳияи бизнес-нақша, ёрии ҳуқуқӣ, ташкили кооперативҳо ва иттиҳодияхои истеҳсолии занон (коргоҳи дӯзандагӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ғ.) мусоидат менамоянд.

Ҳамрадиф бо ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фаъолгардонии нақши занон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ пайваста тадбирҳои саривақтӣ меандешад. Аз ҷумла, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-

2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №167 аз 30 апрели соли 2021 қабул шудааст, ба беҳтар намудани вазъи занон, рушди шуғл ва соҳибкорӣ, бардоштани сатҳи таҳсилот ва пешгирии зӯроварӣ равона гардидааст.

Дар ин замина, нақши занон дар ҳаёти гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон назаррас буда, қариб дар тамоми сохторҳои иқтисодиёт фаъолият намуда, марҳила ба марҳила баробарии гендерӣ тақвият бахшида мешавад. Далели ин гуфтаҳо дар ҷадвали 2.14, ки тибқи таҳлилҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардидаанд, нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.14. - Шумораи занҳои кироякор аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ (ҳаз. нафар)**

| Намуди фаъолият | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 236,4 | 254,4 | 262,9 | 276,3 | 275,9 | 277,3 | 276,9 | 117,13 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 1,3 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 1,2 | 1,1 | 1,1 | 84,61 |
| Саноати коркард | 15,1 | 15,3 | 14,8 | 15,3 | 15,7 | 17,0 | 17,3 | 114,56 |
| Дастрасии таъмини қувваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво | 2,3 | 1,6 | 1,7 | 1,7 | 1,8 | 1,8 | 1,9 | 82,60 |
| Таъминоти обтозакунӣ, тақсимоти ашёи дуюмдараҷа | 3,7* | 3,8 | 4,1 | 3,7 | 3,5 | 3,5 | 3,5 | 94,59 |
| Сохтмон | 3,7 | 4,0 | 3,8 | 3,3 | 3,3 | 3,5 | 3,7 | - |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводи истифодаи шахсӣ | 5,5 | 5,4 | 5,7 | 5,5 | 5,7 | 6,3 | 6,5 | 118,18 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 2,5 | 2,5 | 2,2 | 2,6 | 2,9 | 3,5 | 4,0 | 160,00 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 6,5 | 4,4 | 4,1 | 4,3 | 4,7 | 4,6 | 4,7 | 72,30 |

*Идомаи ҷадвали 2.14.*

| Намуди фаъолият | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маълумот ва коммуникатсияҳо | 3,5* | 3,7 | 3,8 | 3,3 | 3,3 | 3,5 | 3,4 | 97,14 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 5,7 | 7,2 | 7,4 | 6,9 | 6,9 | 7,4 | 8,1 | 142,10 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 7,3 | 1,5 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,3 | 17,80 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 5,4* | 4,8 | 4,9 | 6,1 | 6,0 | 6,2 | 6,4 | 118,51 |
| Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон | 1,2* | 1,5 | 1,3 | 0,9 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 108,33 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 15,1 | 14,1 | 14,8 | 15,3 | 15,4 | 15,3 | 15,9 | 105,29 |
| Маориф | 137,1 | 141,9 | 146,4 | 152,5 | 154,1 | 153,6 | 161,4 | 117,72 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 77,5 | 78,3 | 78,5 | 81,5 | 80,6 | 81,1 | 82,8 | 106,83 |
| Санъат, вақтхушӣ ва истироҳат | 4,8* | 4,6 | 4,6 | 5,1 | 4,9 | 5,3 | 5,5 | 114,58 |
| Дигар фаъолияти хизматрасонӣ | 3,6* | 3,8 | 3,7 | 3,5 | 3,7 | 3,6 | 3,6 | 100,0 |
| Фаъолияти ташкилотҳои экстерриториалӣ | 0,03* | 0,03 | 0,03 | 0,03 | 0,03 | 0,1 | 0,2 | 666,6 |
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул | 538,5 | 554,23 | 567,23 | 590,23 | 592,13 | 597,2 | 609,5 | 113,18 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [107 С. 91-92]*

*(*-ҳисоби муаллиф бинобар сабаби набудани маълумотҳои оморӣ ва дигар шудани шакли ҳисоботҳои оморӣ)*

Таҳлили ҷадвали 2.14 нишон медиҳанд, ки шумораи занони кироякор дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2018-2024 тамоюли афзоиш дошта, аз 538,5 ҳазор то 609,5 ҳазор нафар (113,18%) расидааст. Бештари занон дар соҳаҳои маориф (161,4 ҳазор), тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ (82,8 ҳазор) ва кишоварзӣ (276,9 ҳазор) фаъолият мекунанд. Дар баробари ин, афзоиши назаррас дар меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо (160%), фаъолияти

молиявӣ ва суғуртавӣ (142,10%) ва фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ (118,51%) мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки соҳаҳои амалиёт бо амволи ғайриманқул (82,2%), нақлиёт ва хоҷагии анбор (27,7%) ва дастрасӣ ба қувваи барқ, газ ва буғ (17,4%) коҳиш ёфтаанд. Ин нишон медиҳад, ки иштирок ва мавқеи занон бештар ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ тамаркуз дорад.

Бо дарназардошти урфу одат ва суннатҳои миллӣ дар кишвари мо занон нисбат ба дигар кишварҳои ҷаҳон камтар ба фаъолияти меҳнатӣ, хусусан тиҷорат машғул мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки занон ба қишри осебпазири ҷомеаи мо дохил мегарданд ва ба дастгирии давлатӣ ниёз пайдо мекунанд. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки барои ҳалли ин масъала бештар ТҒТ ҷалб карда мешаванд.

Мувофиқи маълумот ҳамагӣ 11,2%-и шахсони хуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда аз ҷониби занон роҳбарӣ карда мешаванд [59]. Бинобар ин, дар ин самт нақши ТҒТ дар соҳибкасб намудани занон, соҳибӣ ба замин ва малакаи соҳибкорӣ, аз ҷумла худмашғулӣ бояд бештар зоҳир гардад. Дар мавриди он ки соҳибкории занон чиро ифода мекунад ва зарурати таҳкими қонунгузорӣ вуҷуд дорад ё не фикрҳои мухталиф вуҷуд доранд. Аз ин лиҳоз, зарурати шарҳи қонунии соҳибкории занон ва фаҳмондани он дар байни занон ва оммаи халқ лозим аст, ки ин яке аз самтҳои фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки дар шароити кунунии кишварҳои ҷаҳон, ки дар ҳолати ноустувории иқтисодию иҷтимоӣ қарор доранд, «бекории пинҳонӣ» вуҷуд дорад, ки он дар омори расмӣ инъикос наёфтааст ва ин пеш аз ҳама, ба бекории занон ва қишри осебпазири ҷомеа тааллуқ дорад.

Бинобар ин, нақши ТҒТ дар омӯзонидани фарҳанги соҳибкорӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна дар байни занон таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин тариқ, тавре ки дар хулосаи боби аввал қайд гардид, дар умум, фаъолияти ТҒТ дар роҳи мусоидат ба машваратдиҳӣ ба занон ҳамчун табақаи осебпазири ҷомеа, тахассуснок намудани онҳо, мукаммалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба баробарии гендерӣ, ҳамчун хусусиятҳои фаъолияти

соҳибкории иҷтимоии ТҒТ дар рушди сармояи иҷтимоии кишвар, паст кардани дараҷаи бекорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ тавассути дастгирии занон бо мақсади ҷалби бештари онҳо ба фаъолияти самаранок дар ҷомеа эътироф карда мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст, ки амнияти иқтисодии оила мафҳуми бисёрҷанба буда, устувории даромад, дастрасӣ ба имтиёзҳои иҷтимоӣ, ҳимоя аз таҳдидҳои иқтисодӣ ва қобилияти такрористеҳсоли сармояи инсониро фаро мегирад. Занони аз нигоҳи иқтисодӣ мустақил ба истеҳсолот ё фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд, метавонанд на танҳо эҳтиёҷоти оилаи худро таъмин намоянд, балки барои таҳсил ва саломатии кӯдакон ҳамчун маблағгузор баромад намоянд, ки ин баояндаи ҷомеа таъсири пайдарпайи мусбат мерасонад. Вобаста ба ин, дар заминаи омӯзишу баррасии натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳисоботи ташкилотҳои байналмилалӣ, ки таъсири мусбати ТҒТ-ро ба амнияти иқтисодии оилаҳо дар кишварҳои ҷаҳон тасдиқ мекунанд нишон медиҳем (ҷадвали 2.15).

**Ҷадвали 2.15. - Нишондиҳандаҳои муқоисавии оилаҳо пеш ва баъд аз иштирок дар барномаҳои ТҒТ (нишондиҳандаи миёна)**

| Нишондиҳанда | Пеш аз иштирок дар барнома | Баъд аз иштирок дар барнома |
|---|---|---|
| Даромади миёнаи моҳонаи оила, долл. ИМА | 220 | 360 |
| Хароҷоти таҳсили кӯдакон, долл. ИМА | 25 | 48 |
| Сатҳи амнияти озуқаворӣ, бо % | 0,61 | 0,85 |
| Иштироки занон дар қабули қарорҳои молиявӣ, бо % | 41 | 78 |
| Ҳиссаи пасандозҳои худии занон, бо % | 17 | 49 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф адр асоси омӯзиш ва баррасии адабиёти [25, 26, 27, 28, 31, 33, 41, 51]*

Чунин дигаргуниҳо на танҳо афзоиши даромад, балки тағйироти сохториро дар модели оилавии тақсимоти захираҳо ва масъулият низ инъикос мекунанд. Зимни таҳлили комплексии таъсири ТҒТ дар фаъолгардонии иқтисодии занон ва таҳкими амнияти оилаҳо аз равиши байнисоҳавӣ истифода

бурда мешавад, ки унсурҳои сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, омӯзиши гендерӣ ва таҳлили институтсионалиро муттаҳид мекунад.

Мавриди зикр аст, ки қисми зиёди аҳолии кишвар, яъне 73% [83]- и аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва дар ин замина, шумораи зиёди занон низ дар деҳот зиндагӣ намуда, имконияти иштирокро дар бозори меҳнат надоранд. Бинобар ин, барои фаъолияти самараноки ТҒТ корҳои машваратдиҳӣ ба занони деҳот, тахассуснок намудани онҳо, имтиёзҳои андозӣ, дастгирии молиявӣ ва ғайримолиявӣ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ фаъолият намудани ТҒТ лозим мебошад.

**Ҷадвали 2.16. - Соҳибкорони инфиродии фаъолияткунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2024, аз ҷумла занон**

| Нишондиҳанда | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ соҳибкорони инфиродӣ** | 284714 | 295563 | 304041 | 307878 | 307262 | 316463 | 330274 | 116,0 |
| **аз ҷумла занҳо** | 64164 | 73043 | 73870 | 75511 | 76360 | 89574 | 105262 | 164,05 |
| **Соҳибкорони инфиродӣ тибқи шаҳодатнома** | 33572 | 34604 | 37264 | 36637 | 35749 | 35669 | 37225 | 110,88 |
| **аз ҷумла занҳо** | 6043 | 6388 | 6508 | 6708 | 6847 | 6956 | 14628 | 242,06 |
| **Соҳибкорони инфиродӣ тибқи патент** | 101368 | 105338 | 105401 | 104241 | 99405 | 46966 | 51697 | 50,99 |
| **аз ҷумла занҳо** | 20911 | 28286 | 28901 | 30092 | 30586 | 25108 | 17944 | 85,81 |
| **Соҳибкорони инфиродӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ** | 149774 | 155621 | 161376 | 167000 | 172108 | 176524 | 179858 | 120,08 |
| **аз ҷумла занҳо** | 37210 | 38369 | 38461 | 38711 | 38927 | 39007 | 51853 | 139,35 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [102 С. 214, 103 С.222, 104 С. 230, 105 С. 232, 106 С. 232, 107 С. 114, 112 С.360.]*

Тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.16 бармеояд, дар солҳои 2018-2024 дар Тоҷикистон тамоюли афзоиши мӯътадил ва устувори соҳибкории инфиродӣ мушоҳида мегардад. Шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ дар ин давра аз 284,7 ҳазор нафар то 330,3 ҳазор нафар расида, суръати афзоиш 16%-ро ташкил додааст. Бояд қайд кард, ки ин раванд аз беҳтар гардидани муҳити институтсионалӣ, густариши имкониятҳои худмашғулӣ ва баланд

шудани нақши соҳибкории хурд дар таъмини шуғли аҳолӣ дарак медиҳад. Мавриди зикр аст, ки афзоиши мазкур бо зиёдшавии иштироки занон дар фазои иқтисодӣ вобаста буда, шумораи онҳо дар давраи таҳқиқшаванда 64,05% афзоиш ёфтааст. Дар натиҷа, ҳиссаи занон дар сохтори умумии соҳибкорони инфиродӣ бо таври назаррас афзоиш ёфта, тамоюли мусбати баробаршавии гендерӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ба назар мерасад.

Таҳлили сохтори хуқуқии соҳибкории инфиродӣ нишон медиҳад, ки тағйироти сохторӣ хусусияти дифференсиалӣ доранд. Аз ҷумла, шумораи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 ба андозаи 10,88% зиёд шуда, дар ин замина шумораи занон дар ин гурӯҳ беш аз 142,06 % зиёд гардидааст, ки аз афзалият пайдо намудани шаклҳои нисбатан расмӣ ва устувори фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Баръакс, шумораи соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолиятдошта қариб ду баробар коҳиш ёфта, дар ин замина коҳиши шумораи занон низ дар ин гурӯҳ мушоҳида мегардад, ки мо ин равандро ҳамчун натиҷаи тағйирёбии низоми танзими давлатӣ ва гузариши тадриҷии субъектҳо ба дигар шаклҳои ҳуқуқӣ арзёбӣ менамоем.

Дар бахши соҳибкорони инфиродӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ афзоиши муътадили шумораи умумӣ (20,08%) ба назар мерасад, аммо суръати афзоиши шумораи занон нисбатан пасттар буда, ин ҳолат мавҷудияти маҳдудиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва институтсионалиро дар рушди соҳибкории занон дар соҳаи аграрӣ инъикос менамояд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба густариш ва оммавӣ гардонидани соҳибкории занон омилҳои зерин мусоидат мекунанд:

- шарҳи қонунӣ ва таҳияи консепсияи соҳибкории занон ва таҳияи меъёрҳои дастгирии соҳибкории занон;
- таҳияи роҳнамо оид ба муайян намудани меъёрҳои лоиҳаҳои соҳибкории занон ва таъсиси фондҳои махсуси дастгирии соҳибкории занон;
- бунёди инфрасохтор доир ба дастгирии соҳибкорзанони серфарзанд ва ё модарҳои танҳо;

➢ таҳияи барномаҳои махсуси омӯзишӣ барои фаъол гардидани стартапҳо;

➢ таъсиси шуъбаи махсус оид ба рушди соҳибкории занон дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорзанон бо ҷалби тамоми ҷонибҳои манфиатдор ва ҷудо намудани маблағ аз буҷет ҷиҳати иҷрои ин барнома;

➢ мустаҳкам намудан ва инкишоф додани низоми таъминоти молиявию қарзии занони соҳибкор тавассути қарзҳои хурд ва имтиёзнок.

Қайд кардан зарур аст, ки ТҒТ ҷиҳати татбиқи нуктаҳои зикршуда ҳамчун омилҳои густаришдиҳандаи соҳибкории занон ва умуман, ҷалби васеи занон ба фазои иқтисодии ҷомеа кумакрасон хоҳанд буд. Чунки яке аз самтҳои муосири фаъолияти чунин ташкилотҳо ин мусоидат дар таҳияи қонунҳо, пешниҳоди тавсияҳои методӣ, муайян кардани меъёрҳо дар самти соҳибкории занон, мусоидат ба ҷалби грантҳо ва ғайра буда метавонанд. Чунин раванд дар таҷрибаи хориҷии фаъолияти ин гуна ташкилотҳо, хусусан дар Кореяи Ҷанубӣ бараъло мушоҳида мегардад.

Ҳамин тариқ, ҷалби бештари занон ба фазои иқтисодӣ, ба як қатор оқибатҳои мусбати макроиқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши иқтидори меҳнатӣ, кам шудани вобастагӣ аз кумаки беруна ва интиқоли маблағҳо, зиёд шудани манбаи андоз аз ҳисоби афзоиши шумораи соҳибкорони хурд ва кам кардани сарбории иҷтимоӣ ба буҷети давлат таъсири мусбат мерасонад. Мавриди зикр аст, ки ҳама ин ба таҳкими амнияти иқтисодии давлат мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, иштироки фаъоли занон дар фазои иқтисодӣ ба таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, коҳиши хушунати хонаводагӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ҳамаи ин ба нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ, аз ҷумла суботи молиявии минтақаҳо, коҳиши сатҳи бекорӣ ва болоравии рақобатпазирии иқтисодиёт таъсири бевосита мерасонад.

Ҳамин тариқ, саҳми ТҒТ дар беҳбудии вазъи иқтисодии занон дар Тоҷикистон омили муҳимми таъмини рушди устувор ва таҳкими амнияти

иқтисодӣ мебошад. Тавассути ташаббусҳои маърифатию омӯзишӣ, соҳибкорӣ ва иҷтимоӣ ТҒТ занонро ба фазои иқтисодӣ ҳамгиро намуда, таҳкими оилаҳо, рушди минтақаҳоро тақвият мебахшад. Бояд қайд кард, ки ҷиҳати тавсеаи ин таъсир, рушди минбаъдаи шарикии чунин ташкилотҳо, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин эътирофи саҳми ТҒТ дар низоми амнияти иқтисодӣ зарур аст.

Бояд қайд кард, ки соҳибкорӣ дар деҳотҷойҳо, асосан, дар шакли тиҷорати хурд (сеххҳои хурди дӯзандагӣ, дорухонаҳо, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра) амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар соҳибкории занонро метавон дар соҳаҳои пахтакорӣ, ғаллакорӣ, зироатҳои полезӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, мурғпарварӣ, сабзавоткорӣ, гулпарварӣ ва ғайра густариш дод. Дар ин бобат, нақши ТҒТ дар омӯзонидани фарҳанги муосири истифодаи замин дар мисоли ташкили боғҳои интенсивӣ, гармхонаҳо, парвариши дарахтони нодир ва ғайра аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Ҳамзамон, зарур аст, ки ТҒТ ба таҳияи механизм ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ барои баланд бардоштани намояндагӣ ва иштироки занони соҳибкор дар муколамаи байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ бо мақсади ҳалли масоили бо ҳам алоқаманд доир ба рушди иқтисодӣ дар кишвар сафарбар карда шаванд. Дар чунин механизм ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба оилаҳои камбизоат ва серфарзанд бояд диққати асосӣ дода шавад. Инчунин, имтиёзҳои қарздиҳӣ, таъсиси корхонаҳои хурд ҷиҳати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии маишӣ ва ғайра ҳавасманд кардан лозим аст.

Ҷорӣ намудани механизмҳои дастгирии занони соҳибкор ва татбиқи лоиҳаҳо бояд ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти ТҒТ дар доираи соҳибкории иҷтимоӣ баррасӣ гардад, ки ба рушди ташаббусҳои соҳибкорӣ ва фароҳам овардани имконоти пешрафт барои занон дар кишвар равона шудааст. Раванди мазкур барои оғоз намудани фаъолият ва ба зинаҳои нав расидани занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Фаъолияти самараноки ТҒТ ба таконҳои гуногун тобовар буда, тағйироти макроиқтисодӣ низ ба чунин ташкилотҳо таъсири манфии камтар

мерасонанд, ҳатто дар ҳолати таназзули иқтисодӣ ба афзоиши шуғлнокӣ метавонанд мусоидат намоянд. ТҒТ дар самти ба фаъолияти меҳнатӣ бештар ҷалб намудани занон бо роҳи густариши соҳибкории занон ҳамчун механизми калидӣ дар самти паст кардани мушкилоти иҷтимоии ҷомеа баромад намуда, ба рафъи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии оила, беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии қишрҳои гуногуни осебпазири ҷомеа, аз ҷумла занон ва таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст, ки саҳми ТҒТ дар баландбардории мақоми зан ва таҳкими амнияти иқтисодии оила бисёрҷанба, ҳамаҷониба ва дигаргунсозанда мебошад. Чунин таъсирот на танҳо ба некуаҳволии шахсӣ, балки ба устувории иҷтимию иқтисодии ҷомеа низ мусоидат мекунад. Ҷиҳати тақвияти нақши чунин ташкилотҳо, фаъолияти мунтазам ва устувории ТҒТ, рушди ҳамкории байнисоҳавӣ, такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва васеъ намудани захираҳои молиявӣ зарур аст.

### 2.4. Нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва рушди иқтисоди сабз ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодии Тоҷикистон

Тараққиёти иқтисодиёт, ки асосан тавассути афзоиши истеҳсолот ва истеъмол шакл мегирад, ҳамзамон бо беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири муҳити зистро низ муайян менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳлили муносибати байни рушди иқтисодӣ ва устувории экологӣ ба сифати омили муҳим дар омӯзиши амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, рушди иқтисоди сабз ҳамчун модели устувор имкон медиҳад, ки афзоиши истеҳсолот бо камтар зарар ворид намудан ба муҳити атроф ҳамоҳанг карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки модели иқтисоди сабз масъулиятнокии инсонро ба табиат бештар гардонида, сифати зиндагии аҳолиро дар базаи технологияҳои сабз нигоҳ дошта, мувозинати рушди иқтисодӣ ва муҳити зистро таъмин менамояд.

Ҷиҳати ифода намудани иқтисодиёти сабз то кунун ду аксиома вуҷуд дорад:

- захираҳои Замин маҳдуд мебошанд, яъне афзоиши истеъмолот дер ё зуд онҳоро ба итмом мерасонад;
- тамоми равандҳо дар Замин бо ҳам алоқамандии зич доранд.

Дар шароити кунунӣ ҷомеа моҳияти ибораи «иқтисоди сабз»-ро бо маъноҳои гуногун дарк менамояд. «Гурӯҳи якум чунин мешуморад, ки ин соҳаи нави иқтисодиёт буда, табиати муҳити зистро беҳтар мекунад. Ҷониби дуюм ин ифодаро ҳамчун технологияи нав ва як навъ экосистема дарк мекунад, ки барои кумак ва фоида ба табиат пешбинӣ шудааст. Гурӯҳи сеюм бар ин назар аст, ки ин марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосии он истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошад. Умуман, иқтисоди сабз ба технологияҳои тоза ё сабз асос ёфтааст» [22].

Аз сабаби он ки ҳалли чунин масъалаҳо ба тафаккури инсон вобаста аст, ТҒТ метавонад ҳамчун шакли хоҷагидории ба тағйироти иқлим тобоваранда, ки ба омӯзиши маданияти экологӣ, истифодаи оқилонаи замин ва ҳамзамон фаъолияти коркарди дубораи партовҳо ва ғайра машғул аст, баромад намояд. Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, ки ҳифзи муҳити зист ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон, бинобар осебпазирии экосистемаҳои кишвар, мизони баланди вобастагӣ аз захираҳои табиӣ, бадшавии таркиби хок, норасоии об ва оқибатҳои тағйирёбии иқлим аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Амнияти экологӣ бо устувории иқтисодӣ пайвасти мустақим дошта, бадшавии муҳити зист ҳосилнокӣ ва сатҳи зиндагиро коҳиш дода, камбизоатӣ ва муҳоҷиратро метавонад ба миён оварад. Дар чунин шароит, ТҒТ ҳамчун субъекти фаъол дар самти рушди муҳити зист ва пешбурди иқтисоди сабз нақши стратегӣ дошта, ба устувории низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад.

Роҷеъ ба ин, зарурати коркарди модели нави иқтисодӣ, яъне иқтисоди сабз ба афзудани хатарҳои экологӣ ва ифлосшавии муҳити зист вобаста буда, бархе аз коршиносон иқтисодиёти сабзро тарзи хоҷагидорие эътироф

мекунанд, ки ба афзоиши сифати зиндагии аҳолӣ ва хатари кам ба муҳити зист равона шудааст.

Имрӯзҳо иқтисоди сабз ҳамчун модели муосири рушди устувор эътироф шуда, самтҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро ҳамгиро менамояд ва барои рушди дарозмуддати ҷомеа ва таҳкими устуворании иҷтимоию иқтисодӣ замина фароҳам меорад. Бинобар ин, қайд кардан мумкин аст, ки саҳми ТҒТ дар тарғибу ташвиқи зиндагонии инсон дар шароити иқтисоди сабз ниҳоят баланд мебошад. Зеро дар «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» омадааст, ки ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди сабз дар марҳилаи аввал маҳз ба корҳои тарғибу ташвиқи рушди иқтисоди сабз дар ҷомеа бояд равона карда шавад. Ин кор на танҳо ба фаъолияти муассисаҳои таълимии кишвар вобаста аст, балки ба фаъолияти ТҒТ низ taaллуқ дорад. Вобаста ба ин, бобати бехатар нигоҳ доштани муҳити зист моддаи 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» чунин муқаррар кардааст: «Шаҳрвандон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳуқуқ доранд:

- иттиҳодияҳо ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратии фаъолияташон вобаста ба ҳифзи муҳити зистро таъсис диҳанд» [8].

Ҳамзамон, мутобиқи моддаи 13-и қонуни мазкур: «Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳуқуқ доранд, ки:

- мувофиқи тартиби муқарраргардида дар таҳия, таблиғ ва татбиқи барномаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист иштирок намоянд, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳимоя кунанд, дар асоси ихтиёрӣ шаҳрвандонро ба фаъолияти соҳаи ҳифзи муҳити зист ҷалб намоянд;

- аз ҳисоби маблағи худ ва маблағи ҷалбгардида фаъолияти вобаста ба соҳаи ҳифзи муҳити зист, барқарорсозии захираҳои табиӣ, таъмини амнияти экологиро иҷро ва таблиғ кунанд» [8].

Ба андешаи мо, ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор аз фаъолияти бевоситаи ТҒТ дар ҷомеа вобастагӣ дошта, фаъолияти онҳоро ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ бояд фаро гирад.

ТҒТ дар Тоҷикистон лоиҳаҳои гуногуни соҳаи муҳити зистро амалӣ мекунанд, аз ҷумла:

- барқарор намудани заминҳо ва чарогоҳҳои харобшуда;
- рушди системаи устувори истифодаи об;
- ҳифзи гуногунрангии биологӣ;
- корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ва мактаббачагон.

Масалан, ташкилотҳо (Гурӯҳи ҳифзи табиат, Ассотсиатсияи занон дар соаҳаи илм, Шурои экологии ҷамъиятӣ, Маркази экологии Помир, Бунёди Кӯҳистон, Маркази экологии ҷавонони Душанбе ва ғайраҳо) [38] дар ҳамкорӣ бо аҳолӣ ба ҷамъоварии партовҳои пластика ва дигар партовҳо, ба кишоварзон омӯзонидани тарзи дурусти истифодаи замин, инчунин омӯзондани маданияти экологӣ машғул мебошанд. Чунин раванд ба беҳбудии муҳити зист, таъсиси ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории экологӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди ҳадафҳои иқтисоди сабз нақши муҳим дошта, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро дар баромадҳои дохилию хориҷии худ пайваста таъкид менамоянд, аз ҷумла дар Конференсияи СММ “Рио+20” оид ба рушди устувор дар Рио-де-Жанейро чунин қайд намуданд: «Истифодаи самаранок ва эҳтиёткоронаи захираҳои табиӣ, ки таркиби асосии иқтисодиёти сабз мебошад, инкишофи соҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи экосистемаҳо, ташкили механизмҳои дурусти идоракунӣ ва дастгирии муҳити бозорӣ чун як қисми самти ислоҳот дар Тоҷикистон баромад мекунад, ба мақсадҳои рушди устувор мутобиқи Деклоратсияи Ҳазорсолаи СММ нигаронида шудааст» [20].

Пешвои миллат дар Паёмҳои хеш роҷеъ ба ташаккули рушди сармояи инсонӣ ва «иқтисоди сабз» пайваста қайд менамоянд. Аз ҷумла, дар Паёми соли 2023, ки ба мардуми кишвар ироа гардида буд, чунин қайд намуданд: «Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи

масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем. Бинобар ин, бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд» [10].

Вобаста ба мубрамияти иқтисоди сабз, 30 сентябри соли 2022 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 482 оид ба қабули «Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» [16] интишор гардид, ки ҷиҳати рушди минбаъдаи ин модели муосири иқтисодӣ, яъне, иқтисоди сабз, ҳамчун роҳнамо баромад менамояд.

Ҳадафи стратегияи мазкур гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ, истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоя, ҷорӣ намудани технологияҳои муосиру инноватсионӣ, ҳамзамон таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи иқтисоди сабз мебошад.

Стратегияи мазкур ба таъмини рушди устувор ва мувозинати экологӣ, инчунин баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии Тоҷикистон мусоидат менамояд, ки бевосита ба таъмини амнияти иқтисодӣ вобастагӣ дорад.

Ҷиҳати татбиқи стратегияи мазкур 21,6 млрд сомонӣ пешбинӣ шуда, дар доираи маблағҳои буҷетӣ, бахши хусусӣ ва маблағҳои ғайридавлатӣ, инчунин бо ҷалби шарикони рушд амалӣ карда мешавад. Мутобиқи Стратегияи мазкур ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда нақши ТҒТ қайд шудааст, чунончи таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, яке аз самтҳои мубрами фаъолияти ТҒТ имрӯзҳо ин муайян кардани меъёрҳои мусоидат ба рушди иқтисоди сабз мебошад.

Стратегияи мазкур барои 15 соли оянда бо дарназардошти принсипҳои умумии иқтисоди сабз таҳия шуда, нақшаи чорабиниҳои он дар се марҳила, ҳар кадоми онҳо 5 солро фаро мегирад, амалӣ карда мешавад (расми 2.3).

Принсипҳои зикршуда рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар кишварҳо дар самти тавсеи иқтисоди сабз, таҳкими содирот, ҷалби захираҳои молиявӣ, инчунин сармоягузориҳои сабз тақвият мебахшад. Чӣ хеле ки дар боби якум қайд гардид, чунин принсип ба принсипҳои фаъолияти

ТҒТ дар самти яке аз масъалаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодӣ, яъне таъмини амнияти экологӣ алоқаманд мебошанд.




***Расми 2.3. - Принсипҳои иқтисоди сабз***
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [16]*

Тавре муҳаққиқи ватанӣ Ҳ.Р. Раҳимзода (Исайнов Ҳ.Р.) қайд менамояд: «..дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкониятҳои эҳтимолии гузариш ба «иқтисоди сабз», пеш аз, ҳама ба омодагии кишвар ҷиҳати анҷом додани ислоҳоти зарурӣ дар низоми идоракунии иқтисодӣ ва фароҳамсозии шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ҷорӣ намудани унсурҳои «сабз» дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ марбутанд» [145]. Дар ин самт нақши ТҒТ дар густариши маданияти экологӣ, истифодаи самараноки замин ва дигар фаъолияти марбут ба тавсеаи иқтисодӣ сабз афзоиш ёфта, ба таҳкими амнияти экологӣ замина мегузорад.

Амнияти экологӣ асоси устувории дарозмуддати иқтисодиро ташкил дода, идоракунии самараноки об, ҳифзи ҷангал ва пешгирӣ аз биёбоншавӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва коҳиши хатари офатҳои экологӣ бевосита таъсир мерасонад. Дар ин масир ТҒТ ҳамчун миёнарав байни аҳолӣ, давлат ва донорҳо амал карда, татбиқи барномаҳои мутобиқшавиро дар сатҳи маҳаллӣ таъмин намуда, ба ин васила:

- коҳиши хатарҳои экологиро барои бахши кишоварзӣ, ки асоси шуғли аҳолии кишварро ташкил медиҳад;

- ба пешгирии муноқишаҳо дар самти дастрасӣ ба захираҳо мусоидат менамояд;
- талафоти иқтисодӣ ва пешгирии таназзули экосистемаҳоро таъмин мекунад.

Дар баробари ин, низоми нави маърифатнокии экологӣ ташаккул меёбад, ки дар он аҳолӣ сарватҳои табииро на ҳамчун захираи истифодашаванда, балки чун асоси некуаҳволии оянда эътироф мекунанд.

Ҳамрадиф бо ин, тавре ки муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, тавсеаи иқтисоди сабз ба сатҳи шуғлнокии аҳолӣ таъсири худро мерасонад, аз ҷумла қайд шудааст, «… яке аз самтҳои асосии рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди шуғли сабз мебошад. Ҳадафи шуғли сабз дар кишвар барои таъмини маҳсулнокии меҳнат, сатҳи муносиби маош ва шароити бехатарии кор нигаронида шудааст»[165].

Вобаста ба вазъи ҷуғрофӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои нафту гази кофӣ надорад ва захираҳои мавҷудаи ангиштсанг асосан дар минтақаҳои кӯҳӣ ва қисман дастнорас ҷойгир шудаанд. Аз ин рӯ, заминаи муҳимми иқтисодӣ ва экологӣ барои расидан ба иқтисоди сабз ин иқтидори энергетикӣ мебошад, ки дар як сол 527 млрд киловатт/соат пешбинӣ шудааст ва назар ба истеъмоли қувваи барқи имрӯзаи кишварҳои Осиёи Миёна се баробар зиёд аст. Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтидори гидроэнергетикӣ ба як километри квадратӣ ва бар сари аҳолӣ ҷои якумро ишғол менамояд. Аз ин бармеояд, ки истеҳсоли энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба таври объективӣ ба консепсияи иқтисоди сабз мувофиқат менамоянд. Чунин иқтидори истеҳсоли энергияи тоза тақозо менамояд, ки Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ба кор андохтани захираҳои гидроэнергетикӣ ва дар ин замина, таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, баланд бардоштнаи сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ суръат бахшад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни зиёда аз 200 кишвари ҷаҳон аз рӯи партовҳои гази карбон ҷои 150-умро ишғол намуда, ба гурӯҳи кишварҳои дорои партовҳои газҳои гулхонаӣ камтар шомил аст. Партови газҳои гулхонаӣ

ба сари аҳолӣ дар Тоҷикистон ба маротиб камтар буда, дар Осиёи Марказӣ аз рӯи ҳаҷми партовҳо ҷои охиринро ишғол менамояд. Ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби истифодаи энергияи обӣ буда, зиёда аз 95%-и неруи барқро дар кишвар неругоҳҳои барқи обӣ тавлид мекунанд, ки бар хилофи неругоҳҳои ҳароратӣ манбаи партовҳои зараровар нестанд.

Тибқи маълумоти Агентии арзёбии экологии Ҳолланд, Тоҷикистон аз рӯи ҳаҷми камтарини партовҳои газҳои гулхонаӣ дар байни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҷои аввалро ишғол намуда, ҷумҳуриҳои дигари собиқ шуравӣ ба таври зайл раддабандӣ шудаанд: Арманистон, Қирғизистон, Молдова, Гурҷистон, Латвия, Литва, Эстония, Озарбойҷон, Беларус, Туркманистон, Узбекистон, Украина, Қазоқистон ва Россия. Ба ибораи дигар, Россия, Қазоқистон ва Украина бузургтарин ихроҷкунандагони гази $CO_2$ дар фазои пасошуравӣ ҳисоб меёбанд.

**Ҷадвали 2.17. - Партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи ҳиссаҳо), (ингредиентҳо) (ҳаз.тонна/сол)**

| Номгӯи партовҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Таносуби соли 2024 ба соли 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Моддаҳои сахт | 16,4 | 32,5 | 25,2 | 35,6 | 35,2 | 43,1 | 20,3 | 123,78 |
| Газмонанд ва моеъ | 31,9 | 30,8 | 36,3 | 30,9 | 31,2 | 34,9 | 34,4 | 107,83 |
| Ҳамагӣ | 48,3 | 63,3 | 61,5 | 66,5 | 66,4 | 78,0 | 55,0 | 113,87 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [107 С. 207]*

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.17 нишон медиҳад, ки дар солҳои 2018-2024 ҳаҷми умумии партовҳо тамоюли афзоиш дорад, гарчанде ки ҳаҷми партовҳо дар соли 2024 нисбат ба соли 2023 паст мебошад. Ҳаҷми партовҳои моддаҳои сахт дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 ба андозаи 23,78% зиёд мебошад ва партовҳои газмонанд ва моеъ афзоиши сусттар, яъне - 7,83% доранд. Новобаста аз ин тамоюл, зарурати тақвияти назорат ва чораҳои коҳиши партовҳо ва идоракунии самаранокии онҳо дар заминаи фаъолияти ТҒТ метавонад ҷиҳати кам кардани чунин хатарҳо ва паст кардани осебпазирии муҳити зист мусоидат намояд.

Гузариш ба иқтисоди сабз ташаккули модели устувори идоракунии истеҳсолот ва истеъмолро фаро мегирад, ки на танҳо ба механизми сарфаи энергия, балки ба низоми самараноки идоракунии партовҳо ва танзими онҳо асос меёбад. Вобаста ба ин, яке аз самтҳои муосири фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ин экология ва масоили марбут ба он буда, меҳвари асосии онро коркарди партовҳо ташкил медиҳад ва зарур аст, ки имтиёзҳои давлатии молиявию ғайримолиявӣ барои дастгирии ТҒТ пешбинӣ шаванд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ давлатҳои тараққикарда имрӯзҳо аз 40% то 60%-и партовҳои худро дубора коркард мекунанд.

Дар шароити муосир мушкилоти коркарди партовҳо на танҳо мушкилоти экологӣ, балки муаммои иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ ҳисоб ёфта, ба ғайр аз бехатарии экологӣ, мо бояд мувофиқи мақсад будани онро аз нуқтаи назари иқтисодӣ низ дарк намоем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, инчунин беҳтар намудани ҳолати санитарию экологӣ устуворона қадам мемонад.

Дар Тоҷикистон нобудсозӣ ва ҷамъоварии партовҳо, бинобар сабаби пурра фаъолият накардани корхонаҳои коркарди партовҳо ва инфрасохтори номукаммал, масъалаи актуалӣ мебошад. Бинобар ин, партовҳо ба мушкилие табдил ёфтаанд, ки ба амнияти экологӣ ва саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Имрӯзҳо дар Тоҷикистон инфрасохтори ҷамъоварӣ ва коркарди захираҳои дуюмдараҷа суст инкишоф ёфта, омори баҳисобгирии ҳаҷму хелҳои ашёи хоми дуюмдараҷа ва ҳаракати онҳо ба қадри қофӣ назорат карда намешавад. Айни замон ҷамъоварии навъҳои алоҳидаи партовҳо (металлпораҳо, маводи полимерӣ ва пластмасса, макулатура, шиша ва зарфҳои шишагӣ) ғайримуташаккилона дар маконҳои ҷамъоварӣ ва партовгоҳҳои ПСМ, инчунин нуқтаҳои фурӯш ба роҳ монда шудааст. Минбаъд партовҳо ба корхонаҳое, ки маҳорат ва имконияти пурра коркарди онҳоро надоранд,

интиқол дода мешаванд. Ба таври истисно корхонаи «Коғази Тоҷик»-ро, ки соли 2012 дар шаҳри Хуҷанд таъсис ёфта, ба истеҳсоли коғази картонӣ ва навъҳои гуногуни маҳсулоти бастабандӣ машғул аст, зикр кардан мумкин аст. Ҳамзамон, дар шаҳри Душанбе корҳо оид ба лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳри Душанбе» ба итмом расида, дар натиҷа, низоми коркарди партовҳои сахти маишӣ, ҳолати техникии корхонаҳои махсусгардонидашуда беҳтар гардида, маконҳои ҷамъоварӣ ва партовҳои муваққатӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, шароити қабул ва интиқоли партовҳо дар партовгоҳҳои шаҳр беҳтар гардидааст. Корхонаи воҳиди давлатии «Партовгоҳи партовҳои сахти маишии шаҳри Душанбе» амал менамояд, ки фаъолияти истеҳсолиро дар асоси шартнома бо чор ташкилоти махсуси ноҳияҳои шаҳр ба роҳ монда, барои интиқол ва ҷойгиркунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳр хизматрасонӣ менамояд.

Дар шаҳри Турсунзода бошад, корхонаи коркарди партовҳои полиэтиленӣ фаъолият менамояд, корхонаи мазкур дар як шабонарӯз то як тонна партовҳои полиэтилениро коркард менамояд. Аз партовҳои полиэтилении коркардшуда дар ҳаҷмҳои гуногун лӯлаҳои обгузар истеҳсол шуда, ба фурӯш бароварда мешаванд. Тибқи иттилои шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Турсунзода, ин иқдоми пешгирифтаи соҳибкорон барои беҳдошти муҳити зист ва нест намудани партовҳои полиэтиленӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ҷиҳати ҳавасманд намудани сокинон барои ҳар килограмм партовҳои полиэтилении ҷамъовардашуда маблағи муайян пардохт карда мешавад. Ин тамоюл ҳавасмандии алоқамандонро афзун намуда, ба ин васила, амнияти экологӣ таъмин мегардад [29].

Тибқи маълумоти КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истисноии минтақаҳои деҳот, дар Тоҷикистон ҳамасола зиёда аз 1,5-2,0 млн тонна партовҳои сахти маишӣ ба вуҷуд меояд.

Вобаста ба ин, зарурати таъсиси мақомоти махсуси идораи партовҳо дар минтақаҳо ба вуҷуд меояд. Раванди мазкур баҳодиҳии партовҳои истеҳсолии

ҷамъшуда, назорати қабул ва истифодаи минбаъдаи онҳо, амалишавӣ ва маблағгузории барномаҳои мақсадноки нест ва безарар намудани партовҳои хатарнок ва заҳролудро фаро мегирад. Дар ин бобат, давлат метавонад ҷиҳати оқилона муносибат намудан ба партовҳо имтиёзҳои давлатиро ба ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкорӣ дар самти мазкур татбиқ намояд, ки ин раванд дар ҳалли мушкилоти экологӣ-иҷтимоӣ нақши мусбат мегузорад.

Айни замон бо дастгирии БАТР якчанд лоиҳа дар самти иқтисоди сабз, хусусан коркарди партовҳои сахти маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд. Сарчашмаи маблағгузорӣ ва ҳаҷми маблағҳои татбиқи лоиҳаҳои дар самти мазкур рӯи кор омадаро нишон медиҳем.

**Ҷадвали 2.18. - Маълумот оид ба лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ (коркарди партовҳо) (ба ҳолати 1-уми январи соли 2022, бо ҳазор доллар)**

| Номгӯи агентиҳои амалкунанда | Номгӯи лоиҳа | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Маблағи лоиҳа (долл. ИМА) |
|---|---|---|---|
| **МД «Шуъбаи манзилию коммуналӣ ва хоҷагидорӣ»-и шаҳри Норак** | Лоиҳаи «Идоракунии ПСМ-и шаҳри Норак» | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 4 000,0 |
| **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода** | Лоиҳаи «Идоракунии ПСМ-и шаҳри Турсунзода» | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 5 147,0 |
| **КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Хоруғ** | Лоиҳаи «Идоракунии ПСМ-и шаҳри Хоруғ» | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 4 000,0 |
| **КВД коммуналии «Хизматрасонии нақлиёти санита-рӣ»-и шаҳри Хуҷанд** | Лоиҳаи «Идоракунии ПСМ-и шаҳри Хуҷанд, марҳилаи 2» | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 5 910,0 |
| **Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи «Идоракунии ПСМ-и шаҳри Кӯлоб» дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб** | Лоиҳаи «Идоракунии ПСМ-и шаҳри Кӯлоб» | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 4 950,0 |
| **Муассисаи давлатии «Раёсати коммуналӣ, истеҳсолӣ ва истифодаи манзилии шаҳраки Ёвон»** | Лоиҳаи «Идоракунии ПСМ-и ноҳияи Ёвон» | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 4 000,0 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022*

Қайд кардан зарур аст, ки аз оғози лоиҳа то имрӯз ба ҳисоби миёна аз маблағҳои ҷудошуда, дар умум 67,8%-и маблағҳо аз худ карда шудаанд. Дар ин вазъият барои шаффоф ва самаранок истифода бурдани маблағҳои ҷудогардида фаъолияти ТҒТ дар байни аъзоёни ҷомеа оид ба ин масъала ташвиқот бурда мешавад. Зеро назорати ҷамъиятӣ дар ҳалли масъалаҳои экологӣ зарур буда, ТҒТ-ро ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ водор месозад, ки бо роҳҳои ҷалби грантҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ барои ташкили назорати ҷамъиятӣ дар ин самт фаъол бошанд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо ТҒТ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба марҳилаи нави фаъолияти худ қадам монда, дар самти ҳалли масоили экологӣ ва тавсеаи иқтисоди сабз фаъолият менамоянд, аз ҷумла (ҷадвали 2.19).

**Ҷадвали 2.19. - ТҒТ- и тамоюли экологидошта дар Осиёи Марказӣ**

| Кишвар | Самтҳои асосии фаъолият |
|---|---|
| Тоҷикистон | Ташаббусҳои муҳофизати об, мубориза бар зидди биёбоншавӣ |
| Қазоқистон | Идоракунии партовҳо, мутобиқшавии иқлимӣ |
| Қирғизистон | Экотуризм, ҳифзи гуногунии биологӣ |
| Узбекистон | Кишоварзии устувор, тоза намудани ҳаво ва захираҳои обӣ |
| Туркманистон | Сарфаи энергия, кор бо ҷавонон дар самти тарбияи экологӣ |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиш ва баррасии адабиёти [60, 61, 66, 67]*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон партовҳои дар замони соҳибистиқлолӣ ҷамъшуда манбаи азими истеҳсоли молҳои гуногун мебошанд ва то кунун муносибат бо партовҳо ба қадри зарурӣ амалӣ карда намешавад.

Имрӯзҳо ба навъҳо ҷудо намудани партовҳо дар Тоҷикистон бештар афроди бесарпаноҳ ва камбизоат машғуланд, ки мунтазам ба ҷамъоварии ашёҳое машғул мебошанд, ки харидори худро дошта бошанд.

Барои ҳалли мушкилоти партовгоҳҳо бояд на танҳо ҷамъоварӣ ва интиқоли партовҳо дар як минтақаи алоҳида ташкил гардад, ҳамзамон ба таври қонунӣ низоми мусоиди ҳавасмандгардонии аҳолиро, ки мустақилона партовҳои маиширо мебароранд, пешбинӣ карда шавад. Дар ҳалли ин масъала фаъолияти ТҒТ барои омӯзиши маданияти экологӣ ба ҷомеа аҳаммияти

бештар пайдо намуда, сафарбар кардани аъзоёни ҷомеа барои ба навъҳо ҷудо намудани партовҳо тавассути ташкили семинарҳо оид ба ин масъалаҳо зарур аст.

Вобаста ба таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон коркарди дубораи партовҳо ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии давлат таъсири мусбат мерасонад ва давлати пешсаф дар ин самт Ҷопон мебошад, ки оғоз аз соли 1988 дар кишвар шурои махсуси тиҷорати экологӣ фаъолият менамояд.

Шветсия яке аз давлатҳои мутараққӣ дар миқёси ҷаҳон буда, ба партовҳо ҳамчун сарвати табиӣ муносибат менамояд. Партовҳо барои ин кишвар манбаи қувваи барқ ва ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти нав ҳисоб ёфта, ҳарсола аз ин ҳисоб афзоиши ММД бар сари аҳолӣ афзоиш меёбад ва зиёда аз 57 200 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад [40].

Дар Олмон зимни ба навъҳо нодуруст ҷудо кардани партовҳо ҷарима ба андозаи аз 500 то 4 ҳазор евро пешбинӣ шуда, ҳамзамон ба шаҳрвандон барои интиқол ва супоридани партовҳо маблағ пардохт менамоянд, масалан, барои қуттиҳои пластикӣ 0,25 евро пардохт карда мешавад [44]. Дар кишварҳои Аврупо, ки маданияти экологӣ дар асоси фаъолияти самараноки ТҒТ ва давлат таъмин карда мешавад, ҷиҳати оқилона муносибат намудан ба партовҳо ТҒТ на танҳо ба фаъолияти машваратию омӯзишӣ, балки ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ низ фаъолият менамояд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати ҳамрадиф бо дигар давлатҳо муносибат намудан бо партовҳо бояд маърифати экологӣ дар ҷамъият ташаккул ёбад. Инкишофи маърифати экологӣ метавонад ба сифати яке аз механизмҳои рушди ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ баромад намуда, барои дар сатҳи зарурӣ муносибат намудан бо партовҳои навъи гуногун мусоидат менамояд.

Дар Тоҷикистон 70 партовгоҳи калон бо масоҳати 300 гектар фаъол аст, ки  дар онҳо 40% - маводи партофташуда захираи дубора истифодашаванда мебошад [44]. Саҳми ТҒТ дар ин самт метавонад тариқи барномаҳои омӯзишӣ ва фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ дар самти коркарди партовҳо ва рушди маърифати экологӣ амалӣ гардад.

Ҳолати коркард нашудани партовҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ қариб як хел мебошад, дар шаҳри Душанбе ҳаррӯза наздики 600-700 тонна партов ҷамъоварӣ шуда, ба маконҳои махсус интиқол меёбанд. Зиёда аз 150 нафар аҳолӣ аз манотиқи гуногуни кишвар, ҳатто аз давлати ҳамсоя Афғонистон низ омада, ба ҷамъоварии пластика ва металлҳои гуногун машғул мешаванд, ки ҳиссаи онҳо дар коркарди дубораи партовҳо ночиз мебошад [44].

Айни замон дар ҷумҳурӣ 8 нуқтаи  расмии ҷамъоварии партовҳо вуҷуд дошта, ба ҷамъоварии оҳанпора ва пластика машғул мебошанд [44]. Тибқи иттилои Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 корхонаи коркарди партовҳо вуҷуд дошта, онҳо ҳиссаи ночизро дар ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳо ташкил медиҳанд ва пурра ба коркарди партовҳо дар дохили кишвар машғул нестанд. Ҷалби ТҒТ ба ин самт ҷиҳати муташаккилона ба роҳ мондани муносибат ба партовҳо ва истифодаи самараноки онҳо аз дастгирии давлатии ТҒТ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла дастгирии молиявӣ, моддӣ, андозӣ мусоидат ба ташкили соҳибкории иҷтимоӣ дар ТҒТ ва ғайра вобаста мебошад.

Мушкилоти дигар, ин пеш аз ҳама, набудани мутахассисони баландихтисос мебошанд, ки тавонанд бизнес-нақшаи хуб барои ҷалби сармоя ва грантҳо аз давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалиро тартиб дода, дар ин замина, ба ташкили корхонаҳо ва коркарди партовҳо мусоидат намоянд. Дар ин самт, чӣ тавре ки дар боло қайд шудааст, нақши ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар фаъолияти машваратӣ, ҷалби грантҳо аз ташкилотҳои байналмилалӣ, омӯзиши маданияти экологӣ ва соҳибкорӣ ҷоннок мегардад.

Дар низоми иқтисоди сабз зери мафҳуми фаъолияти соҳибкории ТҒТ шакли соҳибкориеро дарк намудан мумкин аст, ки бо мақсадҳои ҳифз ва беҳтар намудани муҳити зист, паст кардани таъсири манфии иқтисоди анъанавӣ ба экология, таъминоти бехатарии экологӣ ва баланд бардоштани фарҳанги экологии аҳолӣ ва ғайра ташкил карда шудааст.

Фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ аз соҳибкории анъанавӣ бо принсипҳои асосӣ фарқ мекунанд, яъне фаъолияти соҳибкории ТҒТ бар пояи принсипҳои «рушди устувор» ташкил ёфта, бо талаботи иқтисоди сабз ҳамоҳангӣ дорад. Ҳамзамон, рушди ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ҷузъи муайянкунандаи раванди «сабзгардонии иқтисодиёт» ҳисоб ёфта, фаъолияти онҳо яке аз унсурҳои рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Бояд зикр намуд, ки сарфи назар аз кӯшишҳои Ҳукумати кишвар, имрӯзҳо дар Тоҷикистон фаъолияти самарабахши ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ба дастгирӣ, танзим ва равандҳои идоракунии институтсионалӣ ниёз дорад.

Фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ намунаи иртиботи мутақобилаи ахлоқ ва иқтисодиёт буда, инкишофи ин шакли соҳибкорӣ ҳамчун замина барои рушди минбаъдаи иқтисоди сабз баромад менамояд. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар самти масоили марбут ба муҳити зист ва экология метавонанд ба фаъолиятҳои зерин машғул шуда, дар натиҷа ба амнияти экологӣ ва иқтисодӣ таъсири мусбат расонад (ҷадвали 2.20).

**Ҷадвали 2.20. - Самтҳои асосии фаъолияти ТҒТ дар лоиҳаҳои экологӣ**

| Самти фаъолият | Навъи фаъолият |
|---|---|
| **Истеҳсоли молу хизматрасонӣ** | Истеҳсоли молҳои бехатар ва аз ҷиҳати экологӣ тоза |
| **Фарҳанги экологӣ** | Баланд бардоштани маданияти экологӣ дар байни аҳолӣ |
| **Сарфаи захираҳо** | Ҷамъоварӣ, ҷудокунӣ ва коркарди дубораи партовҳо |
| **Самаранокии энергия** | Истифодаи манбаъҳои алтернативӣ дар истеҳсоли энергия, ташкили тадбирҳои сарфаи энергия |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Натиҷаи фаъолияти ТҒТ дар ҳалли масоили зикршуда, пеш аз ҳама, бартараф намудани мушкилоти зикршуда буда, он омили муҳимми рушди иқтисоди сабз маҳсуб меёбад.

Фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ метавонанд ба сифати механизми татбиқи сиёсати сабз, беҳтар кардани муҳити зист, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, афзоиши шуғлнокӣ ва пеш аз ҳама, бехатар нигоҳ доштани муҳити зист барои наслҳои оянда бaромад намоянд.

Воқеан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати аз нав сохтани низоми ягонаи идоракунии партовҳо ба миён омада, заминаҳои мавҷудаи ташкилию ҳуқуқӣ нокифоя мебошанд. Меъёрҳои ба қадри кофӣ идора намудани партовҳо тартиб дода нашудаанд, инчунин масъулияти сохтан ва истифодаи низоми комплексӣ низ тақсим нашуда, таъмини рушди муътадил ва фаъолияти инфрасохтори воситаҳо барои маблағгузорӣ дида намешаванд.

Корҳое, ки айни замон дар Тоҷикистон оид ба идоракунии партовҳо анҷом дода мешаванд, ба принсипҳои иқтисоди сабз мавофиқ набуда, он бояд тавассути ҳавасмандгардонӣ ва маблағгузории технологияҳои инноватсионии нобудсозӣ ва коркарди партовҳо аз манбаъҳои гуногун зимни фаъолияти ТҒТ пурра карда шавад. Дар ин самти фаъолият қарзҳои имтиёзнок, имтиёзи иҷораи амволи давлат, инчунин лизинг ҳамчун низоми (системаи) идоракунии фаъолияти ТҒТ бояд пурзӯр карда шавад.

Аз ин лиҳоз, истифодаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар самти соҳибкории иҷтимоӣ ва фаъолияти соҳибкории ТҒТ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбат арзёбӣ шуда, инкишофи ин шакли соҳибкорӣ дар кишвар барои ҳалли қисми муайяни мушкилоти иҷтимоии ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

Бинобар ин, истифодаи васеи манбаъҳои таҷдидшавандаи «энергияи сабз», муносибати дуруст ба партовҳои истеҳсолӣ ва сабзкунонии ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намуда, тавсеаи иқтисоди сабзро таъмин ва барои рушди устувор ва беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии аҳолӣ замина мегузорад.

Ҳамин тариқ, ТҒТ дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва пешбурди иқтисоди сабз дар Тоҷикистон ҷузъи муҳимми рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Фаъолияти онҳо ба:

- таҳкими амнияти экологӣ ҳамчун омили суботи иқтисодӣ;

- рушди шаклҳои нави шуғл ва соҳибкории «сабз»;
- такмил додани идоракунии захираҳои табиӣ;
- паст кардани сатҳи мушкилоти иҷтимоӣ ва камбизоатӣ дар минтақаҳо мусоидат мекунад.

Дастгирӣ ва густариши чунин ташаббусҳо таҳкими ҳамкории давлат, донорҳои байналмилалӣ ва худи ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо намуда, ин барои табдил додани мушкилоти экологӣ ба имкониятҳои рушди устувори иқтисодӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**Хулосаи боби дуюм.** Дар боби мазкур самтҳои фаъолияти ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Новобаста аз дастовардҳои иқтисодӣ дар кишвар то кунун мушкилоти шуғлнокии маъюбон, вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ, ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб намудани занон ва ҳамзамон ҳифзи муҳити зист ва тавсеаи иқтисоди сабз масъалаи актуалӣ боқӣ мемонад. Вобаста ба ин, дар боби мазкур нақш ва аҳаммияти ТҒТ дар ҳалли мушкилоти зикршудаи кишвар нишон дода шудааст. Қайд шудааст, ки низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самтҳои фаъолияти иҷтимоии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва таъмини амнияти иқтисодӣ метавонанд таъсири мусбат расонанд. Муайян шудааст, ки дар низоми таъмини амнияти иқтисодӣ на танҳо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, балки нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ низ мавқеи хосса пайдо мекунанд.

ТҒТ ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди бозории муосир буда, бо хусусиятҳои хоси худ тавассути иштирок дар ҳалли масоили мубрами иҷтимоӣ самаранокии худро дар таҳкими амнияти иқтисодӣ ва устувории иҷтимоию иқтисодӣ тасдиқ намудааст. Чунки ТҒТ хусусияти унвони «ғайритиҷоратӣ»-ро ба худ гирифта, ҳамчун воҳиди институтсионалӣ дар фазои иҷтимоию иқтисодии кишвар баромад карда, дар фазои иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар чун ташкилоти ғайридавлатӣ фаъолият менамоянд.

Дар боби мазкур аҳаммияти ТҒТ дар раванди ҳалли масоили мубрами соҳаҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи

кунунии рушд асоснок гардида, аз ҷумла зарурати ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, муҳоҷирати меҳнатии муташаккил, рушди соҳибкории занон ва ҳалли масоили экологӣ ҳамчун самтҳои асосии фаъолияти ТҒТ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии таъмини амнияти иқтисодӣ тасдиқ карда шудаанд.

Ҳамзамон, зарурати васеънамоии фаъолияти ТҒТ оид ба ҳифзи муҳити зист ва ҳалли масоили экологӣ ҳамчун самти муҳимми рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Чунки ҳифзи муҳити зист масъалаи мубрами инсоният ба ҳисоб рафта, ба соҳаи фаъолияти иҷтимоии осебпазир бевосита дохил мегардад. Асоснок карда шуд, ки самтҳои фаъолияти ТҒТ ин коркарди дубораи партовҳо, экологикунонии ҷараёни истеҳсолот, густариши маърифати экологӣ дар ҷомеа ва ғайра дар самти ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисоди сабз мебошад. Доир ба фаъолияти ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки онҳо метавонанд фаъолияти минбаъдаи худро дар доираи иқтисоди сабз пурзӯр намоянд.

Дар ин замина, нақши ТҒТ-ро дар таъмини амнияти экологӣ ва ташаккули иқтисоди сабз нодида гирифтан ғайриимкон буда, фаъолияти онҳо ба коҳиш додани таҳдидҳои экологӣ, баланд бардоштани сатҳи рушди устувор ва дар ниҳоят, таҳкими амнияти иқтисодии давлат мусоидат мекунад.

# БОБИ 3. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТИИ ТАМОЮЛИ ИҶТИМОИДОШТА

## 3.1. Тавсияҳои методии ташкили системаи арзёбии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар доираи раванди таҳкими амнияти иқтисодӣ

Дар шароити маҳдуд будани захираҳои давлатӣ ТҒТ ҳамчун ангезаи тағйироти мусбат, миёнарав байни ҷомеа, соҳибкорӣ ва давлат баромад менамояд, тақвияти нақши онҳо дастгирии системавӣ ва эътирофи институтсионалиро тақозо дорад.

Низоми муосири идоракунии ТҒТ дар Тоҷикистон бо мушкилоти назаррас рӯ ба рӯ буда, онҳо ҳам маҳдудияти дохилии сохториро дар бар мегиранд ва ҳам аз афзоиши талаботи давлат ба шарикони устувори иҷтимоӣ, ки имкони ҳалли мушкилоти иҷтимоии табақаҳои аҳолиро доранд, маншаъ мегиранд. Дар шароити афзояндаи хатарҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳамзамон чолишҳои беруна, таъмини амнияти иқтисодии кишвар тақвияти нақши ТҒТ-ро ҳамчун унсури муҳимми низоми рушди устувор тақозо менамояд. Вобаста ба ин, такмили механизмҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунӣ вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати давлатию ҷамъиятӣ мегардад. Аммо такмили низоми (системаи) идоракунии фаъолияти ТҒТ дар соҳаи иҷтимоӣ на танҳо масъалаи ташкилӣ, балки вазифаи стратегӣ буда, дар шароити рӯзафзуни мушкилот бевосита ба субот, адолати иҷтимоӣ ва амнияти иқтисодии давлат таъсир мерасонад. Дар ин замина, фаъолияти ТҒТ аҳаммияти стратегӣ пайдо намуда, баръакси дигар институтҳои давлатӣ, ки аксаран дар доираи маҳдудиятҳои қатъии маъмурӣ ва танзимкунанда фаъолият менамоянд, ТҒТ ҳамчун ниҳоди мутобиқшаванда ба ниёзҳои гурӯҳҳои мавриди ҳадаф ҷавобгӯ мебошанд. Дар асоси ин, дар доираи мавзуи таҳқиқотии рисолаи мо масъалаи муҳимми методологӣ ба миён меояд, ки он бо асоснок намудани шомил кардани нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла

вобаста ба фаъолияти ТҒТ дар соҳаи иҷтимоии осебпазир, ба низоми нишондиҳандаҳои ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ алоқаманд аст.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки самтҳои асосии методологӣ дар ин соҳа равишҳои зеринро дар бар мегирад:

Пеш аз ҳама, ин равиши системавие мебошад, ки имкон медиҳад ТҒТ-ро ҳамчун ҷузъи модели умумии дастгирии иҷтимоӣ баррасӣ намоем, ки бо давлат, бизнес ва аҳолӣ ҷиҳати таъмини рушди устувор ва пойдори кишвар ҳамкорӣ мекунад.

Дуюм, равиши институтсионалӣ мебошад, ки меъёрҳо, қоидаҳо ва амалияҳоеро муйян менамояд, ки дар доираи онҳо ТҒТ фаъолият мекунанд, аз ҷумла механизмҳои маблағгузорӣ, муҳити танзимкунанда ва муносибат бо сохторҳои давлатӣ.

Сеюм, ин усули арзёбии таъсир мебошад, ки имкон медиҳад тағйироти воқеии дар ҳаёти қишрҳои осебпазири аҳолӣ баамаломада ва сатҳи амнияти иқтисодиро аз нигоҳи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ чен намоем.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар бисёр давлатҳои ҷаҳон ТҒТ дар татбиқи стратегияҳои миллӣ бевосита иштирок мекунанд ва чунин раванд ба эътирофи омилҳои зерин вобаста аст:

- ТҒТ сармояи инсониро афзоиш медиҳад;
- ба паст намудани табақабандии аҳолӣ мусоидат мекунанд;
- дар рафъи ҳолатҳои бuҳронӣ (пандемияҳо, офатҳои табиӣ, муҳоҷират) ҳамчун канали «қудрати нарм» баромад мекунад;
- ба сафарбар намудани захираҳои беруна (грантҳо, кумаки ҷамъиятҳо (диаспора) ва созмонҳои байналмилалӣ) мусоидат мекунад.

Таҳлили муқоисавии саҳми ТҒТ дар таҳкими амнияти иқтисодии кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки институтҳо новобаста аз тавофути сохтори иқтисодӣ ва сиёсати давлатӣ, дар коҳиши хатарҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тақвияти устувории бозори меҳнат ва рушди неруи инсонӣ нақши муҳим дошта, ба таҳким ва таъмини амнияти иқтисодӣ таъсири мусбат

мерасонанд. Таҳлили дар зербоби 1.3-и диссертатсия гузаронидашуда далели ин гуфтаҳост (ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1. - Таҳлили муқоисавии саҳми ТҒТ дар амнияти иқтисодии баъзе кишварҳо**

| Давлат | Нақши ТҒТ | Иртибот бо амнияти иқтисодӣ |
|---|---|---|
| **ИМА** | Шарикони соҳаи тандурустӣ ва маориф | Кам кардани хароҷоти устувории низом |
| **Олмон** | Операторони инфрасохтори иҷтимоӣ | Устувории иҷтимоӣ, шуғлнокӣ |
| **Ҳиндустон** | Таҳкими фаъолияти соҳибкории занон | Мубориза бо қамбизоатӣ, ободонии деҳот |
| **Тоҷикистон** | Корҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла фаъолият дар соҳаи муҳоҷират ва иқтисоди сабз | Паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди устувори кишвар |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси таҳлилҳои зербоби 1.3 - и диссертатсия*

Дар асоси таҳлилҳои бобҳои якум ва дуюми диссертатсия чор равиши омӯзиши ТҒТ-ро бо мақсади устувории ҷомеа ва амнияти иқтисодӣ ҷудо кардан мумкин аст (ҷадвали 3.2).

**Ҷадвали 3.2. - Равишҳои омӯзиши ТҒТ ҳамчун низоми устуворкунандаи ҷомеа ва таҳкими амнияти иқтисодӣ**

| Равишҳо | | | |
|---|---|---|---|
| **Равиши мақсаднок** | **Равиши иҷтимоӣ** | **Равиши иқтисодӣ** | **Равиши сиёсӣ** |
| дар заминаи он ТҒТ таъсис дода мешаванд, зеро афроди муттаҳид метавонанд манфиатҳои умумӣ ё хусусиро нисбат ба пароканда беҳтар амалӣ намоянд; | даромадҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гирифтани муассисони ТҒТ-ро нишон медиҳад, аз ҷумла мутобиқ намудани фаъолияти худ ба меъёрҳои мавҷудаи ҷомеа нисбат ба соҳаҳое, ки ТҒТ фаъолият мебаранд; | манфиатҳои умумӣ тавассути ТҒТ беҳтар таъмин карда мешаванд, зеро онҳо ҷиҳати пешгирии «нокомии бозор» мусоидат менамоянд; | бо кумаки ТҒТ ҳалли масоили марбут ба гирифтани қувваи иловагӣ қулай аст, зеро шакли тиҷоратии идоракунӣ дар ҷомеа тасдиқ шудааст. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Ҳамин тавр, амнияти иқтисодии давлат ва ҷомеа ба сатҳи суботи иҷтимоӣ алоқамандии зич дорад. Ба андешаи мо, ТҒТ, ки барномаҳоро дар

соҳаи соҳибкорӣ, маориф ва шуғли аҳолӣ амалӣ менамоянд, самараҳои зерини аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳимро таъмин мекунанд (ҷадвали 3.3).

**Ҷадвали 3.3. - Самтҳои арзёбии саҳми ТҒТ дар таъмини амнияти иқтисодӣ**

| Самтҳо | Саҳми ТҒТ дар амнияти иқтисодӣ |
|---|---|
| **Таъсиси ҷойҳои корӣ** | Ҷалби гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ба фаъолияти устувори иқтисодӣ |
| **Диверсификатсияи даромад** | Ташаккули сарчашмаҳои алтернативии даромад дар минтақаҳои камбизоат |
| **Кам кардани вобастагии иҷтимоӣ** | Паст кардани фишор ба низоми имтиёзҳои давлатӣ |
| **Инкишофи малакаи соҳибкорӣ** | Баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва ташаббуҳои аҳолӣ |
| **Рушди иқтисоди сабз** | Таҳкими тараққиёти ҳудудӣ бо роҳи шаклҳои хурди истеҳсолӣ барои ҳифзи муҳити зист |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Мавриди зикр аст, ки нишондиҳандаҳои ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ дар заминаи рисолаи мо, ин меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххасе мебошанд, ки ҳангоми ноилшавӣ ё зиёд шудани онҳо бо шарофати фаъолияти ТҒТ амнияти иқтисодии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир дар сатҳи зарурӣ таъмин карда мешавад. Тавре ки таҳлилҳои бобҳои пешинаи рисолаи мазкур нишон медиҳанд, дар заминаи фаъолияти ТҒТ бо табақаҳои осебпазири аҳолӣ метавон чунин нишондиҳандаҳои ҳадди ақали амнияти иқтисодиро пешниҳод кард.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ ва амалияи ТҒТ дар кор бо маъюбон нишон медиҳад, ки сатҳи ҳадди ақали шуғли маъюбон ва ҷалби онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ бояд на камтар аз 50%-и шумораи маъюбони қобили меҳнат бошанд, ки ба барномаҳои шуғли аҳолӣ тавассути соҳибкории иҷтимоӣ ва ТҒТ дохил карда шудаанд. Тавре ки дар зербоби 2.1-и боби дуюми диссертатсия қайд шудааст, бо кор таъмин намудани маъюбон ба паст шудани нобаробарии иҷтимоӣ ва афзудани мустақилияти иқтисодии онҳо мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти таҳлилҳои зербоби 2.2-и диссертатсия доир ба нишондиҳандаҳои марбут ба сатҳи дастгирии иқтисодии муҳоҷирон ва хонаводаҳои онҳо бояд қайд кард, ки ин параметр ҳамчун ҷузъи таркибии

маҷмуи нишондиҳандаҳои иҷтимоии ҳадди ақали амнияти иқтисодии давлат мавқеи муҳим дорад. Аз ин рӯ, сатҳи фарогирии оилаҳои муҳоҷирон аз барномаҳои дастгирии иҷтимоию молиявии ТҒТ бояд на камтар аз 60%-ро ташкил диҳад. Қайд кардан зарур аст, ки чунин сатҳи фарогирӣ ба коҳиш додани хавфи нобаробарии иҷтимоӣ дар минтақаҳои фиристодани муҳоҷирон мусоидат намуда, дар натиҷа ба таҳкими амнияти иқтисодӣ таъсири мустақим ва устувор мерасонад.

Таҳлили зербоби 2.3 - и рисола, ки ба саҳми ТҒТ дар баланд бардоштани мақоми иқтисодии занон ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо бахшида шудааст, нишон медиҳад, ки дар сохтори нишондиҳандаи иҷтимоии ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ сатҳи иштироки заноне, ки тавассути ТҒТ дастгирӣ ва маълумоти омӯзишӣ-иқтисодӣ мегиранд, бояд на камтар аз 40%-и иштирокчиёни барномаҳои омӯзишӣ, соҳибкорӣ ва ҷамъиятӣ бошад. Маълум гардидааст, ки баланд гардидани мақоми иқтисодии занон ба таҳкими устувории молиявии оилаҳо, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва пастшавии осебпазирии иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодии кишвар баромад мекунад.

Дар баробари ин, таҳлили зербоби 2.4-и дар диссертатсия гузаронидашуда нишон медиҳад, ки нақши ТҒТ дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва тавсеаи иқтисоди сабзро метавон ҳамчун омили амнияти иқтисодии Тоҷикистон эътироф ва ҳамчун индекси рушди иқтисоди сабз, ки аз ҷониби ТҒТ дастгирӣ мешавад, муаррифӣ кард. Дар асоси ташаббусҳои пешбинишуда дар Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон эътироф кард, ки нишондиҳандаи ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ метавонад дар шакли афзоиши солонаи лоиҳаҳои «сабз» дар фаъолияти ТҒТ дар ҳудуди 10-15% бошад. Дар ин маврид, фаъолияти ТҒТ дар ин самт иртиботи мустақимро бо таъмини устувории экологии кишварро нишон дода, вобастагии дарозмуддатро бо амнияти иқтисодии минтақаҳо ва умуман давлат инъикос мекунад.

Ҳамзамон, нишондиҳандаи дигари иҷтимоӣ, ки ба андешаи мо, бояд ба гурӯҳи нишондиҳандаҳои ҳадди ақали амнияти иқтисодии давлат дохил карда шавад, ин нишондиҳандаи самаранокии низоми идоракунӣ дар фаъолияти ТҒТ мебошад. Нишондиҳандаҳои ҳадди ақал дар ин самт бояд ноил шудан ба сатҳи 80% мутобиқат дар фаъолияти ТҒТ ба стандартҳои байналмилалии идоракунӣ ва шаффофият бошад, зеро идоракунии босифат устуворӣ ва самаранокии барномаҳои иҷтимоиро таъмин менамоянд. Доир ба аҳаммияти ин нишондиҳанда дар таъмини ҷанбаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодии кишвар бояд қайд кард, ки дар замони муосир Тоҷикистон ба марҳилаи нави иқтисоди рақамӣ ворид шуда, бо мақсади рушди устувор ва тақвияти сатҳи некуаҳволии аҳолӣ тадбирҳои муҳим барои рақамикунонии соҳаҳои мухталиф амалӣ мегарданд.

Ин раванд, солҳои охир, ба як қатор дастовардҳои муҳим оварда расонид, ки аз онҳо рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла меҳнат, шуғли аҳолӣ, муҳоҷират ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҷойи намоён доранд. Ин иқдомҳо ба такмил додани хизматрасониҳои давлатӣ, шаффофият ва содагардонии фаъолиятҳои сохторҳои давлатӣ мусоидат менамоянд.

Бо дарназардошти ҳадафҳои олии рушди дарозмуддат, Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки сатҳи зиндагии мардумро ба марҳилаи кишварҳои дорои даромади миёна наздик намояд. Дар ин самт, истифодаи васеи имкониятҳои иқтисоди рақамӣ метавонад василаи асосии ноил шудан ба ин мақсадҳо гардад.

Рушди иқтисоди рақамӣ солҳои охир дар кишвар ба як самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дар замони рушди босуръати технологияҳои рақамӣ истифодаи онҳо метавонад ба такмил ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат кунад. Аз ҷумла, пайдоиши мафҳумҳои нави «ҳукумати электронӣ» ва «иқтисоди рақамӣ» нишон медиҳад, ки технологияҳои муосир дар рушди устувор ва самараноки бахшҳои гуногуни ҷомеа нақши мусбат доранд.

Яке аз самтҳои асосии зикршуда дар Паёми Пешвои миллат ин гузариш ба рақамикунонии ҳамаи бахшҳои иқтисоди миллӣ мебошад, ки ба таъмини шаффофият дар муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ ва рушди устувори иқтисоди рақамӣ равона шудааст. Бо ин мақсад, Пешвои миллат пешниҳод карданд, ки солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд, то ки равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ тақвият ёбанд. Дар доираи ин иқдоми саривақтӣ диққати асосӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории рақамӣ ва васеъшавии савдои электронӣ равона мегардад [12].

Дар ҳошияи ин гуфтаҳо ва таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқотӣ ба хулоса омада, метавон гуфт, ки такмили низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар марҳилаи муосир бе истифоди технологияҳои муосири рақамӣ ва ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисодаи рақамӣ дар фаъолияти онҳо ғайриимкон аст.

Бинобар ин, вобаста ба вазъи муосир яке аз шаклҳои мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир ин рақамикунии фаъолияти ТҒТ ба ҳисоб меравад. Ҷорисозии системаҳои CRM ва амсоли онҳо, ки унсури муҳимми иқтисоди рақамӣ мебошанд, имкони самаранок идора намудани лоиҳаҳо, сарфаи захираҳо, ҷамъоварии маълумот ва пешниҳодоти бенефитсиарҳоро фароҳам меорад.

Муҳиммияти рақамикунонии фаъолияти ТҒТ дар кишварҳои пешрафта исбот шуда имкон медиҳад:

- автоматикунонии равандҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, ки хароҷоти маъмуриро коҳиш медиҳад;
- баланд бардоштани шаффофият ва эътимоди ТҒТ тавассути иттилооти дастрас ва ҳисоботҳо;
- беҳтар намудани робита бо шунавандагони мақсаднок, васеъ намудани доираи барномаҳои иҷтимоӣ;

- ➢ беҳтар намудани идораи захираҳо ва мониторинги лоиҳаҳо татбиқ гардад.

Қайд кардан зарур аст, ки рақамикунонӣ барои ТҒТ-е, ки бо гурӯҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир кор мекунанд, муҳим мебошад, зеро дастрасӣ ба хизматрасониҳоро ҳатто дар манотиқи дурдаст таъмин мекунад.

Рақамикунонӣ на танҳо ба беҳтаршавии идоракунӣ, балки таъсири иҷтимоии ТҒТ-ро низ вусъат мебахшад. Истифодаи платформаҳо барои краудфандинг (ҷамъоварии маблағҳо), шабакаҳои иҷтимоӣ ва таҳсилот бо тариқи онлайн имкони ҷалби маблағҳо, иттилоотрасонӣ ба ҷомеа, баланд бардоштани тахассуси кормандон, хусусан ашхоси дорои маъюбиро васеъ менамояд.

Дар кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, технологияҳои рақамӣ ба татбиқи самараноки барномаҳои дастгирии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, рушди таҳсилоти фосилавӣ ва дигар хизматрасониҳо мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки новобаста аз ҷанбаҳои мусбат роҷеъ ба рақамигардонии фаъолияти ТҒТ як қатор мушкилоту монеаҳо низ вуҷуд доранд (ҷадвали 3.4).

**Ҷадвали 3.4. - Мушкилоти рақамикунонии ТҒТ ва роҳҳои ҳалли онҳо**

| Мушкилот | Сабаб | Тавсия барои бартараф намудан |
|---|---|---|
| **Норасоии маблағҳо** | Маҳдуд будани буҷет | Дастгирии давлатӣ, грантҳо |
| **Сатҳи пасти саводнокии рақамӣ** | Нокифоягии омӯзиш | Барномаҳои таълимӣ-омӯзишӣ |
| **Мушкилоти инфрасохтори интернетӣ** | Дурдастӣ, фарогирии суст | Рушди телекоммуникатсия |
| **Хатари амнияти иттилоотӣ** | Норасии чораҳои муҳофизатӣ, ҳамлаҳои киберӣ | Ҷорисозии абзорҳои муҳофизатии рақамӣ |
| **Нокифоягии заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ** | Набудани қоидаҳо, танзимот | Инкишофи ташаббуси қонунгузорӣ |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Дар ин замина SWOT-таҳлили рақамикунонии фаъолияти ТҒТ-ро нишон медиҳем (расми 3.1).




**Расми 3.1. - SWOT-таҳлили рақамикунонии фаъолияти ТҒТ**

Мавриди зикр аст, ки рақамикунии фаъолияти ТҒТ ба идоракунии онҳо таъсири мусбат мерасонад, аз ҷумла:

- сарфа кардани вақт ва хароҷоти молиявии коркарди иттилоот;
- баланд бардоштани саҳеҳӣ ва мукаммалии иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ;
- беҳтар намудани ҳамкориҳо бо ҷонибҳои манфиатдор;
- баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти ТҒТ ва ғайра.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ, зарурати мутобиқсозии равандҳои идоракунии ташкилотҳо, аз ҷумлаи низоми (системаи) идоракунии ТҒТ ба миён меояд. Рақамикунонӣ ҷузъи ҷудонашавандаи рушди стратегӣ гардида, самаранокӣ, шаффофият ва устувории фаъолияти ТҒТ-ро таъмин менамояд.

Рақамикунонӣ воситаи муҳимми такмили низоми идоракунии ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, имкони дастгирии самараноки

қишрҳои осебпазирро фароҳам меорад ва бо баланд бардоштани шаффофият, самаранокӣ ва устувории ТҒТ ба таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлил ва муқоисаи нишондиҳандаҳои асосии амнияти иқтисодии дар адабиёти муосир нишондодашуда имкон медиҳад, ки онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои таҳқиқоти мо мутобиқ гардонида шаванд.

Тавре ки маълум аст, дар адабиёти иқтисодӣ нишондиҳандаҳои зерини асосии амнияти иқтисодӣ муайян карда шудаанд:

1.Нишондиҳандаи суботи иқтисодӣ – ҳамчун параметрҳои ҳадди ақали таъмини амнияти иқтисодӣ таҳлил шуда, он сатҳи таваррум, устувории қурби асъор, сатҳи бекорӣ (махсусан миёни қишри осебпазир), афзоиши ММД бар сари аҳолӣ, ҳиссаи бизнеси хурду миёна дар иқтисодиёт, рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта ва соҳибкорӣ, таъмини даромади муътадили аҳолӣ, ҳамчунин сатҳи татбиқи технологияи муосири рақамӣ ва идоракунии самаранокро дар иқтисодиёт фаро мегирад.

2.Нишондиҳандаи дастрасӣ ва сифати шуғл – ба ҳайси нишондиҳандаи ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ муайян шуда, он коэффитсиенти шуғли аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол, сатҳи бекорӣ (мавсимӣ ва дарозмуддат), ҳиссаи аҳолии машғул дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёт, сатҳи шуғлнокии маъюбон, муҳоҷирон ва занон, ҳамзамон сатҳи камбизоатӣ (мутлақ ва нисбӣ)-ро дар бар мегирад.

3.Нишондиҳандаи таъминоти иҷтимоӣ – ба сифати параметри ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ муайян шуда, сатҳи дастрасӣ ба таҳсилот ва таълими касбӣ, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббию иҷтимоӣ, шохиси рушди инсонӣ ва сатҳи дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолиро фаро мегирад.

4.Нишондиҳандаи бехатарии экологӣ – ҳамчун параметри ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ сатҳи ифлосшавӣ ва ҳифзи муҳити зист, самаранокии ниҳодҳо ва сиёсати давлатӣ дар самти амнияти экологӣ, ҳамчунин ҳиссаи технологияҳо ва лоиҳаҳои «сабз»-ро дар фаъолияти ТҒТ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, бе таҳлили муфассали нишондиҳандаҳои миқдории нишондиҳандаи ҳадди ақал, ки дар адабиёти иқтисодӣ васеъ баррасӣ шудаанд, аз нигоҳи мо, метавон аз ҳамаи ин параметрҳо нишондиҳандаи умумии иҷтимоиро, ки нишондиҳандаи ҳадди ақали амнияти иқтисодиро инъикос мекунанд, ҷудо намоем. Тавре ки маълумоти ҷадвали 3.5 нишон медиҳанд, дар ин гурӯҳ нишондиҳандаи сатҳи дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ мақоми хосса дорад. Мутаассифона, дар Тоҷикистон то имрӯз танҳо Реестри ягонаи оилаҳои камбизоат тартиб дода шудааст, на гурӯҳи аҳолии осебпазир, бинобар ин коэффитсиенти мазкур дар ҷадвал оварда намешавад.

**Ҷадвали 3.5. - Нишондиҳандаҳои умумии иҷтимоии амнияти иқтисодӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Нишондиҳандаи ҳадди ақал | Нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2024) |
|---|---|---|
| **Сатҳи таваррум** | ≤ 5% дар як сол | 3,6% [45] |
| **Сатҳи бекорӣ** | ≤ 6% (аз ҷумла барои гурӯҳҳои осебпазир) | Бинобар сабаби дастрас набудани маълумот оид ба сатҳи бекории маъюбон муайян намудани ин нишондиҳанда ғайриимкон мебошад. Аммо сатҳи бекорӣ дар маҷмуъ ба 1,9% [19] баробар аст |
| **Сатҳи камбизоатӣ** | ≤ 15% | 19% [14] |
| **Коэффитсиенти шуғлнокӣ** | ≥ 70% | Коэффитсиенти шуғлнокӣ = (шуғлнокии аҳолӣ/шумораи аҳолӣ) *100%<br>**Коэффитсиенти шуғлнокӣ = (2625, 3 млн/**10288,3 млн/**) *100%=25,51** |
| **Гурӯҳҳои осебпазир, ки бо дастгирии иҷтимоӣ фаро гирифта шудаанд** | ≥ 60% | Дар асоси татбиқи «Лоиҳаи модернизатсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» соли 2024 дар Тоҷикистон ба 112689 оилаҳои камбизоат дар ҳаҷми 67613400 сомонӣ кумак расонида шудааст [23]. |
| **Индекси рушди инсонӣ** | ≥ 0,7 | 0,691 [55] |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Мавриди зикр аст, ки бо вуҷуди таъсири мусбат доштани ТҒТ дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фаъолияти онҳо бо як қатор монеаҳо рӯ ба рӯ мегардад:

- ноустувории манбаъҳои маблағгузорӣ;
- маҳдуд будани эътирофи ҳуқуқии мақоми соҳибкории иҷтимоӣ;

- сатҳи пасти ҳамкории байнисоҳавӣ;
- суст инкишоф ёфтани системаи арзёбии таъсири иҷтимоию иқтисодии фаъолияти ТҒТ.

Ҳамин тариқ, қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати ба стратегияи таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани ТҒТ зарур аст, ки:

- рушди минбаъдаи заминаи меъёрию ҳуқуқии дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ;
- дохил намудани ТҒТ ба стратегияҳои шуғл ва рушди устувори минтақаҳо;
- таъсиси механизмҳои хариди иҷтимоӣ аз ҷониби давлат;
- рушди марказҳои таълимӣ ва машваратӣ барои худи ТҒТ мавриди амал қарор гиранд.

### 3.2. Такмили усулҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ

Дар солҳои охир аҳаммияти бахши ғайритиҷоратӣ афзоиш ёфта истодааст. Нақши ТҒТ дар замони паҳншавии бuҳрони пандемияи COVID-19 бараъло мушоҳида мешуд. Дар чунин шароит нақши бахши ғайритиҷоратӣ, ки вазифаҳои гуногуни характери иҷтимоидошта, аз ҷумла амалҳои хайриявӣ, омӯзишӣ-тарбиявӣ, фарҳангӣ, тиббӣ ва ғайраро иҷро мекарданд, афзоиш ёфт. Таҳқиқот нишон дод, ки ТҒТ ҳамчун унсури сохтории таҳкими амнияти иқтисодӣ баромад мекунанд. Дар ин замина, метавон қайд кард, ки амнияти иқтисодии давлат устувории низоми иқтисодӣ дар муқобили таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, қобилияти нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ, ба сатҳи минималӣ расонидани камбизоатӣ ва таъмини сатҳи баланди зиндагии мардумро дар назар дорад. Аз ин рӯ, ТҒТ вазифаи муҳимми ҷуброниро иҷро намуда, ба ҳалли мушкилот мусоидат мекунанд:

- бартараф намудани нобаробарии иҷтимоӣ;
- васеъ намудани доираи шуғл барои гурӯҳҳои осебпазир;

- расонидани хизматҳои иҷтимоӣ дар манотиқи дорои инфрасохтори суст.

Ҳамин тариқ, устуворӣ ва самаранокии ТҒТ ба паст шудани нобаробарии иҷтимоӣ, ташаккули эътимод ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар натиҷа, ба низоми (системаи) иҷтимоию иқтисодӣ дар маҷмуъ таъсир мерасонад.

Дар рушди ТҒТ сиёсати иҷтимоии давлатӣ ва дастгирии давлатии онҳо нақши калидиро иҷро менамояд. Дар ин самти сиёсати давлат солҳои охир як қатор мушкилоти ҳалношудае ба миён омадаанд, ки такмили воситаҳои мавҷудаи дастгирии фаъолияти ТҒТ-ро тақозо менамоянд.

Таҳлилҳои дар боби 1 ва 2-и диссертатсияи мазкур гузаронидашуда ба хулоса меоваранд, ки усулҳои дастгирии рушди ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта ба 2 гурӯҳи асосӣ, аз ҷумла:

- дастгирии молиявӣ, буҷетӣ ва андозӣ;
- дастгирии институтсионалии ТҒТ бо мақсади ташкили соҳибкории иҷтимоӣ дар кишвар, ҷудо кардан мумкин аст.

Нисбати гурӯҳи якум таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дастгирии молиявии ТҒТ дар ҷудо намудани субсидияҳо ба буҷетҳои сатҳи гуногун дида мешавад ва барои татбиқи барномаҳои маҳаллию ҷумҳуриявӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мусоидат мекунад. Чунин таҷриба дар давлатҳои рӯ ба инкишоф бештар истифода мегардад ва ҳамоҳангсозии таъмини субсидияҳоро ба минтақаҳо бо дарназардошти фаъолияти ТҒТ Вазорати рушди иқтисод таъйин мекунад. Ин таҷриба барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим буда, нишон медиҳад, ки чунин дастгирӣ тавассути фаъолият дар ду самти зерин таъмин карда мешавад:

Якум, ба ТҒТ дар асоси озмун субсидияҳо аз буҷети марказӣ барои татбиқи барномаҳои таъмини иттилоотӣ, машваратӣ ва дастгирии методӣ ба фаъолияти дигар ТҒТ, кумак ба онҳо дар ҷалби меҳнати ихтиёрӣ, инчунин муайян, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам оид ба татбиқи лоиҳаҳои ТҒТ дода мешавад.

Дуюм, вазорати рушди иқтисод дар асоси озмун аз буҷети марказӣ ба буҷетҳои сатҳҳои поёнӣ барои молиякунонии якҷояи барномаҳои минтақавии дастгирии ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта субсидия пешниҳод мекунад, ки ин маблағҳоро танҳо барои додани субсидия ба ТҒТ-и минтақавӣ сарф кардан мумкин аст.

Дар доираи дастгирии давлатии ТҒТ грантҳо (субсидияҳо аз буҷети марказӣ) дар асоси озмун ба ТҒТ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои аҳаммияти иҷтимоидошта дода мешаванд. Чунин шакли дастгирӣ дар бахши ғайритиҷоратӣ ҳамчун «грантҳои президентӣ» шинохта мешаванд. Ин шакли грантҳо ба ТҒТ ва ТҒҲ, ки дар рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок мекунанд, дода шуда, аз ҷониби Ҳукумати кишвар муайян карда мешаванд.

Яке аз шакли дастгирии молиявии ТҒТ ин субсидияҳо ба онҳо аз ҷониби фондҳои гуногуни дастгирии кӯдакони дар шароити зиндагии душвор қарордошта мебошад.

Дар мамлакати мо дастгирии молиявии ТҒТ барои ташкил ва татбиқи лоиҳаҳо дар самти ба фазои иҷтимоию иқтисодии кишвар ҷалб намудани маъюбон, занон ва умуман, аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, инчунин ҳифзи муҳити зист дар соҳаҳои иқтисодиёт, тавассути додани грантҳои давлатӣ амалӣ мегардад.

Ҳамзамон, хусусияти низоми (системаи) идоракунии фаъолияти ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин додани грантҳои президентӣ барои дастгирии соҳибкории занон мебошад. Яке аз самтҳои сиёсати грантӣ ба таҳкими иқтидори иқтисодии занон равона гардида, ҳадафи он рушди соҳибкории занон, эҷоди ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани фаъолият ва рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат, ҳамзамон таъмини шароити мусоиди шуғл ва касбомӯзии онҳо ҳисоб меёбад.

Дастгирии буҷетӣ самти дигари мусоидат ба самаранок фаъолият намудани ТҒТ маҳсуб меёбад. Чунин шакли дастгирӣ набояд ба таври умумӣ ба маблағгузории ТҒТ равона гардад, балки бояд ҳамчун омили мақсадноки

рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ баромад намояд. Вобаста ба ин, таҳияи барномаҳои махсуси маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатию маҳаллӣ аҳаммияти хосса дорад. Барномаҳои маблағгузорӣ метавонанд самтҳои гуногун, аз ҷумла дастгирии лоиҳаҳои иҷтимоии минтақавӣ, ташкили инфарасохтори зарурии иҷтимоӣ барои фаъолияти ТҒТ, тақвияти ҳамкории ТҒТ бо мақомот дар самти коҳиш додани камбизоатӣ ва дигар равандҳои рушди иҷтимоиро фаро гиранд. Чунин навъ дастгирӣ на танҳо заминаи устувори молиявии рушди ТҒТ-ро фароҳам меоранд, балки ҳамчун омили таъмини самаранокии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат амал намуда, ба таҳкими амнияти иқтисодии кишвар таъсири мусбат мерасонанд.

Ҳамзамон, имтиёзҳои андозӣ низ яке аз самтҳои муҳимми дастгирии молиявии давлат ба ТҒТ мебошад.

Тавре ки таҷрибаи бисёр кишварҳо нишон медиҳад, чунин дастгирӣ ҳам ба худи ТҒТ ва ҳам ба донорҳои эҳтимолии онҳо таъсир мерасонад. Барои мисол, дар кишвари Италия аз ҷониби давлат инструментҳои гуногун, аз ҷумла озод намудани қишри осебпазири ҷомеа аз пардохтҳои суғуртавӣ, инчунин додани қарзи имтиёзнок, субсидияҳои буҷетӣ ва ғайра истифода бурда мешаванд.  Ин механизм дар таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ мушаххастар дида мешавад: қарзҳои имтиёзнок ба ТҒТ ба муҳлати беш аз 5 сол бо 3%-4,5% солона, инчунин грантҳои гуногун ба муҳлати то 2 сол барои пӯшонидани хароҷоти музди меҳнат пешниҳод мешавад. Ҳамзамон, таҷрибаи дигар давлатҳо нишон медиҳад, ки ба ғайр аз кумаки молиявӣ, дигар шаклҳои кумак низ вуҷуд доранд, аз ҷумла машваратҳои касбӣ ва иттилоотонӣ, барномаҳои таълимии гуногун доир ба татбиқи барномаҳо ва стратегияҳои давлатии рушд ва ғайра пешниҳод мегардад.

Дар бобати вазъи андозсупории ТҒТ моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйиру иловаҳо, ки 11.02.2025 ворид карда шудаанд, чунин муқаррар намудааст: «Намудҳои зерини даромадҳои шахсони ҳуқуқӣ андозбандӣ карда намешаванд: муассисаҳо, иттиҳодияҳои динӣ,

ташкилотҳои ғайритиҷоратии хайриявӣ, байниҳукуматӣ ва байнидавлатӣ (байналмилалӣ), ба истиснои даромадҳое, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд. Чунин муассисаҳо ва ташкилотҳо уҳдадоранд ҳисобдории алоҳидаи фаъолияти асосии худ (фаъолияти аз андози даромад озодшуда) ва фаъолияти соҳибкориро пеш баранд;

Корхонаҳо, ба истиснои корхонаҳое, ки ба фаъолияти савдо, миёнаравӣ, таъминотӣ-фурӯш ва захиракунӣ машғуланд, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:
а) на камтар аз 50 фоизи шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд; б) на камтар аз 50 фоизи маблағҳои музди меҳнат ва таъминоти дигари моддӣ, аз ҷумла дар шакли натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст» [1].

Ҳамзамон, дар моддаи 347 Кодекси мазкур нисбат ба шахсони ҳуқуқие, ки маъюбонро ба фазои иқтисодӣ ҷалб менамоянд, чунин муқаррар шудааст: «объектҳои ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ, ки 50 фоизи кормандонашонро маъюбони гурӯҳҳои I ва II ташкил медиҳанд, нисбат ба объектҳои ғайриманқуле, ки бевосита аз ҷониби чунин шахсон барои иҷро намудани вазифаҳои оинномавии худ истифода мешаванд.(ҚҶТ аз 11.02.2025, №2143)» [1].

Муқаррароти муайяншуда баҳри боз ҳам мусоид гардидани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, гузаштан ба технологияҳои рақамӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ замина мегузорад.

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти ТҒТ, аз ҷумла дар самти ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, муҳоҷирати меҳнатии муташаккил, рушди соҳибкории занон ва ҳалли масоили экологӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Ба андешаи мо, усули дигари иловагии дастгирии ТҒТ дар доираи гурӯҳи якуми дастгирӣ ин дастгирии моддӣ дар шакли таъмини бино ва иншоотҳо бояд бошад. Ин шакли дастгирӣ тартиби пешниҳоди биноҳои ғайриистиқоматии дар моликияти ҳокимиятҳои маҳал қарордоштаро барои истифодаи дарозмуддат ба ТҒТ ва меъёрҳои интихоби ташкилотҳое, ки ба

бино ниёз доранд, инчунин номгӯи маҳдудиятҳоро ҷиҳати истифодаи мақсадноки бино дар бар мегирад. Дар ин маврид қайд кардан зарур аст, ки моликияти давлатие, ки зимни дастгирии моддӣ ба ТҒТ пешниҳод карда мешавад, ба моликияти ТҒТ дохил нашуда, бештар ба иҷора дода мешаванд, ки аз нуқтаи назари мо, яке аз маҳдудиятҳои пурраи иҷро накардани вазифаҳои ТҒТ мегардад. Дар қонунгузории кишвар чунин амвол (биноҳо) метавонад ройгон ё бо нархҳои имтиёзнок дар ҳаҷми 50%-и арзиши бозории иҷора муайян карда шавад. Лекин ба андешаи мо, бо дарназардошти фаъолияти ТҒТ дар самти кор бо қишри осебпазири ҷомеа, муносибатҳои иқтисодии иҷоравӣ байни давлат ва ТҒТ бояд аз байн бардошта шавад.

Таҳлили таҷрибаи аксар давлатҳо нишон медиҳад, ки ҳимояи фаъолияти ТҒТ бо амалӣ намудани низоми ҳамоҳанг ва бисёрсамтаи дастгирии давлатӣ имконпазир буда, барои ҳамкории чандин мақомоти давлатӣ оид ба ҳимояти лоиҳаҳо ва ташкилотҳоие, ки ба дистгирии гурӯҳи осебпазири аҳолӣ равона шудаанд, барои густариши иқтидорҳои онҳо шароити муассир фароҳам оварда, сатҳи ҳамоҳангӣ ва самаранокии сиёсати иҷтимоии давлатро тақвият мебахшад. Ҳамзамон, бояд ба меъёри интихоби ТҒТ, ки барои гирифтани субсидия (грант) дар асоси озмун кӯшиш мекунанд ва инчунин самаранокии лоиҳаҳои татбиқнамудаи онҳо муносибати системавӣ зоҳир кард. Аммо, аз нигоҳи мо, бояд низоми дақиқи меъёрҳои муайян вуҷуд дошта бошад, ки пурра ба вазъи иҷтимоии лоиҳаҳои ТҒТ нигаронида шуда, ин меъёрҳо ҳадди ақал як қисми хизматрасониҳои муассисаҳои буҷетиро самарабахш иваз карда тавонанд.

Зимни таҳлилҳои дар диссертатсияи мазкур овардашуда муайян гардид, ки хизматрасониҳои ТҒТ пурра бедаромад набуда, балки аксаран фаъолияти тиҷоратие мебошад, ки тавассути таъсиси ТҒТ ба расмият даровarда мешаванд. Ин фаъолиятро дар адабиёти иқтисодӣ «сармоягузории таъсири иҷтимоӣ» ё бо истилоҳ «вомбаргҳои таъсири иҷтимоӣ» ном мебаранд [168, 34].

Дар робита ба ин, дар доираи низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисоди миллӣ бояд, пеш аз ҳама, воситаҳои

дастгирие мавриди амал қарор гиранд, ки ба рушди бозорҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона шуда бошанд. Дар ин замина, низоми иҷозатдиҳии фаъолияти ТҒТ барои хизматрасонӣ ба аҳолӣ бояд бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва дар асоси қонунҳои иқтисодӣ фаъол гардонида шавад.

Дар ин маврид, бояд дар назар дошт, ки низоми фармоишдиҳандаи иҷтимоиро набояд ба самти сармояталаб, аз ҷумла тандурустӣ ва таҳсилоти умумӣ равона кард, балки фаъолияти ТҒТ-ро ба самти кумак ба аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир равона кардан лозим аст. Тавре ки дар кори диссертатсионӣ қайд шудааст, ин имкони дастгирӣ намудани қисми муайяни хизматрасониҳои ТҒТ-ро дар доираи низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир фароҳам оварда, ба фаъолияти умумии иҷтимоии онҳо чиҳати таъмини амнияти иқтисодӣ даромад меорад.

Чунончи дар боби аввали рисола зикр шудааст, дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, пеш аз ҳама, барои маориф, хизматрасонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши оммавӣ воситаҳои молиявӣ ҷудо карда мешаванд, ки ба талаботи ҷомеа мувофиқ мебошад. Дар соҳаи тандурустӣ бошад, ин ҳолат камтар ба назар мерасад, сабабаш дар он аст, ки дар байни ТҒТ ташкилотҳои ба хизматрасонии тиббӣ машғул камтаранд. Бинобар ин, пешниҳод кардан мумкин аст, ки ҷиҳати тақвият бахшидани фаъолияти ТҒТ дар самти хизматрасониҳои тиббӣ истифодаи воситаҳои дастгирии молиявӣ, буҷетӣ ва андозию моддӣ вусъат дода шуда, дар минтақаҳои дурдасти кишвар бештар татбиқ карда шавад.

Дар хориҷа фаъолияти ТҒТ бештар дар самти барномаҳо барои муҳоҷирон, наврасони душвортарбия, бекорон ва соҳаи экология зоҳир мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, фаъолияти ТҒТ ба самти лоиҳаҳои машваратию таълимӣ, ки ба тайёрии касбӣ ва бозомӯзӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон ва умуман, табақаи осебпазири иҷтимоии аҳолӣ ба онҳо ниёз доранд, талаботи бештар пайдо мекунад.

Самти дигари муҳим ин дастгирии институтсионалии ТҒТ бо мақсади ташкили соҳибкории иҷтимоӣ дар кишвар мебошад. Оид ба ин масъала қайд

кардан зарур аст, ки ҷанбаҳои институтсионалии дастгирии ТҒТ бояд ба заминаи мукаммали меъёрию ҳуқуқӣ асос ёбанд. Бо ин мақсад зарур аст, ки мутобиқ ба қонунгузории амалкунандаи кишвар санадҳои нави меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолгардонии ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар фазои иҷтимоию иқтисодии кишвар вусъат ёбад. Тавре ки дар боло қайд кардем, 2 январи соли 2025 таҳти №2119 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» қабул гардид. Дар қонуни мазкур моҳияти «соҳибкории иҷтимоӣ» инъикос ёфта, самтҳо, вазифаҳо ва принсипҳои ин шакли соҳибкорӣ муайян шудаанд. Лекин роҳҳои пайвасти шакли соҳибкории мазкур дар намуди ТҒТ ба муҳити соҳибкории кишвар ҳамчун субъекти иқтисодӣ то ҳол инъикос наёфтааст.

Сарфи назар аз он ки дастгирии ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар қонуни нав оид ба соҳибкории иҷтимоӣ муайян карда шудааст, таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои рушди минбаъдаи ин шакли фаъолият такмил додани асосҳои институтсионалӣ заруранд. Бо ин мақсад пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» низ тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд, ки дар он соҳибкори иҷтимоӣ ҳамчун субъекти мустақили иқтисоди бозорӣ эътироф гардад. Чунин раванд заминаи ҳуқуқии фаъолияти чунин ташкилотҳоро мустаҳкам намуда, барои тавсеаи фаъолияти онҳо дар ҳаллу фасли масоили иҷтимоии аҳолӣ ва таҳкими амнияти иқтисодии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад.

Пешниҳоди мазкур бар он асос меёбад, ки ҷудо намудани грантҳо барои таъсиси ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, пешниҳоди субсидияҳо ва имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла барои кормандони зимни рақамикунонӣ бекормонда, ҳамчунин дастгирии марказҳои инноватсионӣ, бизнес-инкубаторҳо ва ғайра метавонанд ҳамчун механизмҳои иқтисоди бозорӣ дар фаъолияти ТҒТ ҷорӣ карда шаванд. Татбиқи чунин воситаҳо ба такмили муҳити институтсионалӣ ва таҳкими нақши ТҒТ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Инчунин ҷиҳати мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир  пешниҳод карда мешавад, ки баъзе ҷанбаҳои дастгирии институтсионалӣ, ки асоси рушди ТҒТ-ро ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳанд, дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015, №645 оид ба Қоидаҳои ҷудо кардани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021, №5 оид ба Қоидаҳои ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025 тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Ин пешниҳод бар он асос меёбад, ки рушди ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ҳам устувории молиявии ин субъектҳоро таъмин менамояд, ҳамзамон вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишрҳои осебпазири аҳолиро низ беҳтар мегардонад.

Дар доираи соҳибкории иҷтимоӣ намояндагони ТҒТ дар Тоҷикистон аксаран масъулияти иҷтимоии бизнес ва ё фаъолияти хайриявиро дарк мекунанд, ки ин маънои институти соҳибкории иҷтимоиро ҳамчун падидаи нав дар муносибатҳои иқтисодии бозорӣ дар кишвар ифода мекунад.

То имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, асоси ин комёбиҳо динамикаи мусбати ММД мебошад. Бо вуҷуди ин, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ барои табақаи осебпазири аҳолӣ то кунун масъалаи мубрами таҳкими амнияти иқтисодӣ боқӣ мемонад. Бинобар ин, ҷанбаи муҳим дар рушди ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иродаи сиёсии Сарвари давлат аст, ки тавассути Паёмҳои Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифода меёбанд.

Бояд ёдовар шуд, ки 22-юми декабри соли 2017 дар Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон ва ҳунармандон ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнокро тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монад. Инчунин бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шавад» [13].

Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ 26 декабри соли 2019 бори дигар таъкид намуданд, ки дар Тоҷикистон ба масъалаҳои таъсиси ҳарчи бештари ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳунарҳои мардумӣ ва кори хонагӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир мегардад.

Дар СМР барои то давраи соли 2030 ҷалби нокифояи ҷавонон, занон, хусусан занони деҳот, ашхоси дорои имконияти маҳдуд ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ қайд гардидааст. Соҳибкории иҷтимоиро дар СМР барои давраи то соли 2030 ҳамчун роҳи «институтсионализатсияи низоми истеҳсолӣ ва фаъолияти тамоюли иҷтимоидошта» ҳисобидан мумкин аст. Ҳукумати кишвар ҷиҳати мутобиқ кардани низоми ҳифзи иҷтимоӣ ба шароити тағйирёбандаи кишвар ва имкониятҳои молиявӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Новобаста аз ин, масъалаи ташаккули низоми мукаммали муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҳамаи қишрҳои осебпазир, аз ҷумла ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд, пиронсолон, кӯдакони оилаҳои ниёзманд, модарони дорои кӯдаки маъюб, нафақахӯрон, оилаҳои камбизоат ва ғайраро дар бар гирад, то кунун бо мушкилот рӯ ба рӯ мебошад.

Аз ин лиҳоз, рушди ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят муҳим буда, яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти таъсиси ҷойҳои корӣ ва мушкилоти мухталифи иҷтимоӣ дар кишвар метавонад рушди ин шакли соҳибкорӣ бошад. Дар қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои

барномавии ҷумҳурӣ унсурҳои алоҳидаи фаъолияти ТҒТ мавҷуд аст, вале дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷумҳурӣ дар маҷмуъ пайвасти мафҳуми ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, низом ва механизмҳои фаъолияти он пурра дида намешавад.

Тавре ки дар боло қайд гардид, фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бояд дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва ғайра сурат гирад.

Дар чунин замина ин шакли соҳибкорӣ миёни ТҒТ густариш ёфта, ба фаъолияти онҳо ҷиҳати ба даст овардани мустақилияти молиявӣ мусоидат намуда, вобастагии онҳоро аз кумаки донорҳо кам менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дастгирии институтсионалии ТҒТ бо мақсади ташкили соҳибкории иҷтимоӣ дар кишвар зарур аст. Маблағҳое, ки ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ба ташкилотҳо ҷудо карда мешаванд, барои ҳалли мушкилоти гуногун ва паст кардани раванди шиддатнокии пайдоиши қишри осебпазири ҷомеа мусоидат мекунанд.

Барои мисол, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» барои татбиқи як қатор лоиҳаҳои иҷтимоии самтҳои гуногун, ки ТҒТ амалӣ менамоянд ва ба шарофати ҳамоҳанг шудани низоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишвар шумораи ашхоси осебпазири иҷтимоии ба дастгирӣ ниёздошта кам мегарданд.

Ба андешаи мо, фаъолияти ТҒТ дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ бояд ҳамчун роҳи дарозмуддати ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ дар кишвар интихоб карда шавад. Тавре ки таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ нишон медиҳад, рушди соҳибкороии иҷтимоӣ бояд таъсиси ҷойҳои корӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон имконияти худтаъминкуниро ба худ муттаҳид созад [87].

Дар шароити кунунӣ ҷиҳати таъмини хизмати маишии муътадил ба ҷомеаи мо фаъолгардонии ТҒТ дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ тақозои замон аст. Аз ин лиҳоз, шароити мусоид фароҳам овардан баҳри ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ тавассути расонидани дастгириҳои мухталиф муҳим мебошад. Бо вуҷуди ин, дастгирии институтсионалии ТҒТ барои ташкили соҳибкории иҷтимоӣ дар кишвар зарурати таҳияи тавсияҳои методиро барои вусъати ислоҳоти қонунгузорӣ дар ин соҳа ба миён меорад.

Дар қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «корхонаи иҷтимоӣ» ташкилотеро дар бар мегирад, ки ба истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасонӣ машғул буда, дорои ҳадафҳои иҷтимоии баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ тавассути хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои корӣ барои қишрҳои осебпазири аҳолӣ ва ҳамзамон аз расмиёти сертификатсия гузашта бошад.

Ҳамзамон, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» дар моддаи 16 «Хусусиятҳои амалисозии соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» омадааст, ки: «Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ба қайд гирифта шудаанд, метавонанд фаъолияти соҳибкории иҷтимоиро амалӣ созанд ва мақоми корхонаи иҷтимоиро ба даст оранд» [7]. Бинобар ин, ҳадафи асосии ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ин ба фазои иқтисодӣ ҷалб намудани ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир мебошад ва дар фаъолияти онҳо ҳиссаи ашхоси осебпазири бо кор таъминшуда дар байни кормандони ташкилот на бояд аз 50/100 кам бошад. Дар ин маврид бояд гуфт, ки дар кишварҳои гуногун, аз қабили Кореяи Ҷанубӣ ин таносуб зимни давраи аввали фаъолияти ТҒТ 30/100-ро ташкил медиҳад. Аз ин нуқтаи назар, тавсияи муҳимми методи чунин пешниҳод мегардад, ки қонунгузории мавҷуда марҳилаи таъсис ва рушдёбии ТҒТ-ро ба инобат гирифта, дар марҳилаи ибтидоии фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ меъёри 30/100 – ро ҷорӣ намояд, ки ҳадафи иҷтимоӣ доштани ташкилотро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, агар ҳадафи асосии ТҒТ ҷалби ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир бошад, пас ҳиссаи чунин ашхос бояд дар байни кормандони ташкилот марҳила ба марҳила то меъёри амалкунандаи қонунгузории кишвар на камтар аз 50/100 нафарро ташкил намояд. Яъне агар ҳадафи асосии ТҒТ бо кор таъмин намудани ашхоси осебпазири иҷтимоӣ ва дар баробари ин, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ бошад, пас зимни таснифи ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, ҳиссаи ашхоси осебпазири иҷтимоӣ дар марҳилаи аввали фаъолияти он бояд на камтар аз 30/100 нафарро аз шумораи умумии кормандони ташкилот дар бар гирад.

Инчунин дар қонуни мазкур зарур аст, ки дар баробари муайян намудани гурӯҳи ба табақаи осебпазир дохилшуда, аз ҷумла маъюбон, муҳоҷирони меҳнатӣ, занони ба соҳибкорӣ ниятдошта фаъолият дар самти ҳалли масоили экологӣ низ илова карда шавад, мувофиқи мақсад аст.

Бояд қайд кард, ки дар қонуни мазкур зимни ҷудо намудани марҳилаи аввали фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ бояд барномаҳои дастгирии ТҒТ, аз ҷумла пӯшонидани хароҷоти дусолаи музди меҳнат, субсидияҳо барои рушди тиҷорат ва машварат ба ташкилоту корхонаҳое, ки ашхоси осебпазири иҷтимоӣ фаъолият мекунанд, дақиқ муайян намояд. Ба ақидаи мо, ин боиси босуръат афзоиш ёфтани миқдори корхонаву ташкилотҳои иҷтимоӣ дар кишвар ва ҳифзи табақаҳои осебпазири аҳолӣ мегардад.

Инчунин бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонии [50,68,77] тартиби пешниҳодҳои методӣ оид ба фаъолияти ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта, ба андешаи мо, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» бояд институтҳои дастгирии ин шакли соҳибкорӣ дақиқ муайян карда шаванд, ки ин имкон медиҳад дар фаъолияти минбаъдаи онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман дастурҳои методӣ дар ин самт таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Дар сурати дар қонуни мазкур номбар намудани институтҳои дастгирии ин шакли соҳибкорӣ онҳо бояд «Нақшаи асосии рушди соҳибкории иҷтимоӣ»-

ро дар кишвар, аз ҷумла самтҳои афзалиятнок ва стратегияи рушд барои солҳои оянда, масъалаҳо ва мавзуъҳои зарурира ҷиҳати татбиқи барномаҳои дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ таҳия ва қабул намоянд. Инчунин, ин институтҳо метавонанд барои иҷрои нақшаи рушди соҳибкории иҷтимоӣ аз роҳбарони мақомоти маҳаллӣ ва мақомоти дахлдори давлатӣ, ки дар навбати худ, мувazzафанд дар ин масъала ҳамкорӣ намоянд ва маълумоти зарурӣ ба даст оваранд.

Бо дарназардошти давлати иҷтимоӣ будани Тоҷикистон ва тавсеаи ҷалби ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ба фазои иҷтимоию иқтисодии кишвар, ба андешаи мо, дар ҷумҳурӣ бояд ниҳоди (институти) махсуси дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ дар Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» таъсис дода шавад, ки он ба самти баррасии масъалаҳои зерин равона шуда бошад:

- таҳия ва тасдиқи нақшаи солонаи чорабиниҳо дар чаҳорчӯбаи Нақшаи асосии рушди соҳибкории иҷтимоӣ;
- баррасӣ ва интихоб намудани агенти боэътимод барои таъмини дастгирии муассир ба соҳибкорӣ;
- омӯзиш ва эътирофи расмии фаъолияти хизматрасониҳо ҳамчун фаъолияти «иҷтимоӣ»;
- баррасӣ ва таъмин намудани шароит ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ.

Ҳамзамон, ниҳоди мазкур вазифадор аст, ки фаъолияти худро ба тайёр намудани кадрҳои роҳбарикунандаи корхонаҳо ва ташкилотҳои иҷтимоӣ, омӯзиши кормандони ТҒТ равона намуда, онҳоро бо дониш ва малакаи зарурӣ ҷиҳати татбиқи самаранокии вазифаҳои нақшаи умумӣ таъмин намояд.

Дар ин замина, самтҳои асосии фаъолияти ниҳоди махсус оид ба дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ бояд иборат аз:

- таҳқиқ ва ҷустуҷуи моделҳои инноватсионии соҳибкории иҷтимоӣ ва дастгирии лоиҳаҳои дахлдор;

- мусоидат дар гирифтани шаҳодатнома ҷиҳати эътироф шудани корхона ҳамчун субъекти иҷтимоӣ;
- дастгирии корхонаҳои иҷтимоӣ барои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ва мусоидат ба рушди устувори ташкилот;
- таҳияи ҳисоботҳои таҳлилӣ оид ба соҳибкории иҷтимоӣ бошанд.

Татбиқи тавсияҳои методии мазкур метавонанд боиси афзоиши устувории ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад. Ба ақидаи мо, ин ба зиёд шудани ҳаҷми хариди давлатӣ аз корхонаҳои иҷтимоӣ, кумак ба ТҒТ дар азхудкунии бозорҳои нав, зиёд кардани ҳаҷми маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ ба рушди низоми дастгирӣ мебошад. Таъсиси ниҳоди (институти) махсуси дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ дар Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" имкон медиҳад, ки фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ба қонеъ гардонидани талабот ба неъматҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, танзим карда шавад, чунки натиҷаи фаъолияти онҳо хизматрасоние мебошад, ки самараи фоиданоки иҷтимоӣ меорад [98]. Инчунин натиҷаи фаъолияти ҳар як ТҒТ аз рӯи вазифаҳои он низ муайян карда мешавад. Ба андешаи мо, дар мавриди таъсиси чунин ниҳод он ваколат пайдо мекунад, ки фаъолияти ТҒТ ҳамчун субъекти соҳибкории иҷтимоӣ амалкунанда мавриди таҳлил қарор диҳад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки агар ташкилотҳо ба фаъолияти худ беэътиноӣ зоҳир кунанд, ниҳоди зикршуда фаъолияти онҳоро бесамар эътироф карда метавонад [135].

Таҳлилҳои дар бобҳои қаблӣ гузаронидашуда ба хулоса меоваранд, ки дар доираи низоми (системаи) идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир ҷиҳати таҳкими амнияти иқтисодии кишвар имконияти фаъолгардонии ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Мавриди зикр аст, ки ҳадафи асосии фаъолияти чунин ташкилотҳо, пеш аз ҳама, ҳалли масоили иҷтимоии ҷомеа буда, гирифтани фоида мақсади дуюм мебошад. Аз ин рӯ, арзёбии самаранокии онҳо, махсусан татбиқи лоиҳаҳо дар самти дастгирии қишрҳои осебпазир мушкил мебошад.

Ҳамин тариқ, рушди ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад сармояи иҷтимоӣ афзоиш ёфта, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд ва гурӯҳҳои осебпазир дар доираи фаъолияти ТҒТ ба фазои иқтисодӣ ҷалб карда шаванд.

Дар ин замина, бояд қайд намуд, ки тақвияти иқтидори институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии ТҒТ ба унвони омилҳои ҳалкунанда бар афзоиши саҳми онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодии кишвар ва рушди иҷтимоию иқтисодии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ хизмат намуда, самаранокии иҷтимоию иқтисодии соҳибкории иҷтимоиро дар шароити муосир таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, ташаккули низоми устувори идоракунии ТҒТ, ки дар заминаи ҳамкории давлат, рақамикунонӣ, стандартизатсия ва назорати ҷамъиятӣ амалӣ мегардад, имкони самаранокӣ пайдо намудани ин шакли соҳибкориро фароҳам оварда, саҳми онҳоро дар таҳкими амнияти иқтисодӣ зиёд мегардонад.

## 3.3. Равишҳои методии ислоҳоти низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ

Тавре ки дар бобҳои боло зикр шудааст, барои самаранок фаъолият намудани ТҒТ ва шаклгирии ин гуна ташкилотҳо ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ зарурати хулосабарорӣ оид ба усулҳои татбиқи мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазирро дар заминаи равиши ситематикӣ тақозо мекунад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир бояд хусусиятҳои онҳоро, аз як тараф, ҳамчун ТҒТ ва аз дигар тараф, имконияти шаклгирии соҳибкории иҷтимоиро дар бар гирад. Бинобар ин, бояд нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии фаъолияти онҳо асоснок карда шаванд. Зеро дар айни замон зарурати арзёбии фаъолияти ТҒТ бо сабаби рақобат байни ташкилотҳо

дар асоси маҳдуд будани захираҳо афзоиш меёбад ва арзёбии фаъолият ба баланд бардоштани шаффофияти ташкилот мусоидат мекунад.

Бинобар сабаби аҳаммияти бештар пайдо намудани фаъолияти ТҒТ дар шароити муосир зарурати арзёбӣ намудани фаъолияти онҳо дар таъмини ҷанбаҳои иҷтимоии амнияти иқтсодии кишвар ба вуҷуд меояд. Аз нуқтаи назари мо, се самти таҳлили ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти ТҒТ-ро дар таъмини масъалаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Аввалан, танҳо дар ҳолати арзёбии «вазни иқтисодӣ»-и бахши ғайритиҷоратӣ метавон ба эътирофу дастгирии мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон умед баст. Чунки субъектҳои иқтисодии мазкур ба чунин ташкилотҳо ҳамчун иштирокчиёни баробарҳуқуқи раванди иқтисодӣ муносибат намуда, ҳангоми интихоби қарорҳои идоракунии иқтисодӣ ба фаъолияти онҳо аҳаммият медиҳанд.

Дуюм, зарурати ташаккули механизми худбаҳодиҳии ТҒТ ҳамчун субъекти иқтисодӣ аҳаммияти бештар пайдо намуда, имкон медиҳад, ки чунин ташкилотҳо мавқеи худро ҳамчун иштирокчии баробарҳуқуқи бозор дарк ва муайян намоянд. Дар шароити муосир, аксар ТҒТ фаъолияти худро асосан аз нигоҳи иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ арзёбӣ менамоянд, дар ҳоле, ки барои баланд бардоштани устуворӣ ва самаранокии онҳо маҳсулоти дорои арзиши иҷтимоӣ ва хизматрасониҳое, ки тавлид менамоянд, ҳамчун неъматҳои рақобатпазири бозорӣ баррасӣ ва баҳогузорӣ карда шаванд, муҳим аст. Раванди мазкур на танҳо ба муайянсозии манзараи воқеии иқтидори иқтисодии ТҒТ мусоидат мекунад, балки ба таҳкими мавқеи онҳо дар низоми иқтисоди бозорӣ ва рушди минбаъдаи соҳибкории иҷтимоӣ низ таъсири мусбат мерасонад.

Сеюм, арзёбии фаъолияти ТҒТ дар самти кор бо табақаи осебпазири аҳолӣ бояд ҳамчун нишондиҳандаи ҳадди ақали таъмини амнияти иқтисодии давлат мавқеи устувор пайдо намояд. Чунки сатҳи дастрасӣ ва фарогирии ин гурӯҳ на танҳо самаранокии сиёсати иҷтимоиро нишон медиҳад, балки нишондиҳандаи устувории иқтисодӣ, мутобиқати институтсионалӣ ва

тавоноии давлат дар ҳифзи неруи инсонӣ мебошад. Раванди мазкур ба коҳиши хавфҳои ичтимоию иқтисодӣ, устувории сатҳи шуғлнокӣ, беҳтаршавии сифати зиндагӣ ва таҳкими устувории умумии низоми ичтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Роҷеъ ба муайян намудани аҳаммияти ТҒТ дар иқтисоди миллӣ метавон қайд намуд, ки модели рафтори онҳо ба се ҷузъи асосии фаъолият такя намуда, ҳар як мавқеи иқтисодии чунин ташкилотро бо тарзи илмӣ ва ченшаванда нишон медиҳад (расми 3.2).




***Расми 3.2. - Модели рафтори ТҒТ дар иқтисодиёт ҳамчун субъекти иқтисодӣ***
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Бояд қайд кард, ки зимни арзёбии аҳаммияти ТҒТ дар иқтисоди миллӣ на танҳо соҳаи фаъолияти чунин ташкилотҳо, балки натиҷаҳои ичтимоии бадастомада низ бояд ба инобат гирифта шаванд. Равиши мазкур чӣ гуна фаъолият намудани бахши ғайритиҷоратиро дар иқтисодиёт нишон медиҳад. Ҳамин тавр, дар марҳилаи муосири инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар иқтисоди миллӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ТҒТ дар таҳкими муносибатҳои бисёрҷонибаи молиявию ҷамъиятӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Мавҷудияти бахши пешрафтаи ғайритиҷоратӣ дар иқтисодиёт маънои сатҳи баланди рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими амнияти иқтисодиро ифода мекунад, зеро ташкилотҳои бахши мазкур дорои омилҳои

берунаи мусбат буда, на танҳо ба афроди муайян, балки дар маҷмуъ, ба тамоми ҷомеа нафъ меоранд.

Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули ин бахши соҳаи иқтисодиёт нисбат ба кишварҳои пешрафта бо маротиб дертар сурат гирифт, бинобар ин, мавқеи институтсионалии онҳо низ бо таъхир инкишоф ёфт.

Тавре ки дар боби дуюми кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, то ҳол фаъолияти бахши ғайритиҷоратӣ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир чандон самаранок нест. Чунки барои муайян кардани саҳми ТҒТ дар ҳалли масоили мубрами иҷтимоии кишвар бояд ҷанбаҳои иловагӣ, ба монанди арзёбии хатари иқтисодӣ ва устувории ТҒТ-ро дар ихтиёр дошт.

Якум, ин ба назар гирифтани хавфи муфлисшавии онҳо. Аз ин рӯ, дар модели рафтори ТҒТ дар иқтисодиёти кишвар, новобаста аз шумораи афзояндаи ТҒТ, ки ба фаъолияти иҷтимоӣ ва соҳибкорӣ машғул мешаванд, метавонанд ба чунин хавф дучор шаванд ва дар айни замон ҳатто муфлисшавии ТҒТ низ истисно нест. Аз ин лиҳоз, фаъолгардонии ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир, аз он ҷумла дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ метавонад ҳамчун зарбагир ҷиҳати рафъи хавф хизмат намуда, вобастагии ташкилотро аз донорҳо кам намояд ва ба устувории молиявӣ оварда расонад.

Дуюм, хавфи ноил нагаштан ба ҳадафҳои фаъолияти оинномавӣ дар самти иҷтимоии осебпазир бо сабаби ба вуҷуд омадани ҳолати ноустувории молиявӣ. Чунки вақте ки ТҒТ ба ин ҳолат дучор мешавад, доираи хизматрасониҳои онҳо маҳдуд мегардад ва бо ин сабаб сифати иҷрои лоиҳаҳо ва ё барномаҳо дар самти иҷтимоии осебпазир коҳиш меёбад ва фаъолияти он хусусияти манфӣ пайдо мекунад.

Сеюм, ба вуҷуд омадани хавф бинобар сабаби вуҷуд надоштани имтиёзҳои андозӣ мебошад. Дар ин ҳолат фаъолияти ТҒТ ғайрисамаранок буда, аз ҷумла хароҷотҳои маъмурӣ зиёд ва ҷамъоварии маблағҳои хайриявӣ эҳтимолан паст мешаванд.

Умуман, самаранокии ТҒТ-ро метавон ҳамчун самаранокии нисбии натиҷаи лоиҳа ё барномаи мақсаднок муайян кард.

Бинобар ин, нишондиҳандаҳои анъанавие, ки барои арзёбии ташкилотҳо нигаронида шудаанд, ба монанди гирифтани фоида, даромаднокӣ ва ғайра дар бисёр ҳолатҳо барои ТҒТ маъно надоранд. Чунки, агар аз як тараф, арзёбии ҳадафи оинномавии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир дар модели рафтори ТҒТ дар иқтисодиёти миллӣ аксари вақт ғайриимкон бошад, аз тарафи дигар, худи хизматрасонӣ ва неъматҳои тавассути ТҒТ истеҳсолшуда одатан нархи бозорӣ надоранд.

Умуман, арзёбии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир дар доираи модели рафтори он дар иқтисодиёти миллӣ ҳамчун субъекти ғайритиҷоратӣ нисбат ба субъекти тиҷоратӣ душвор аст, зеро ҳадафҳои онҳо хислати ғайримоддӣ дошта, аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимтар мебошанд. Чунки фаъолияти онҳо дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, беҳсозии шароити зиндагӣ, муҳити зист, ҳамчунин ба муҳити иқтисодии самаранок ҳамгиро намудани қишри осебпазири ҷомеаро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳияи низоми арзёбии самаранокии ТҒТ, ки дар амалия зарур аст, барои илм низ аҳаммияти калон пайдо мекунад.

Таҳияи модели рафтори ТҒТ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ заминаи методологиро барои такмили низоми идоракунии чунин ташкилотҳо фароҳам оварда, имкон медиҳад, ки:

- иқтидори самараноки ТҒТ дар ташаккули муҳити иҷтимоӣ истифода шавад;
- рушди устувори ТҒТ тавассути васеъ намудани дастгириҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ таъмин гардад;
- баланд бардоштани ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои пешниҳоднамудаи чунин ташкилотҳо таъмин гардад;
- аз ҳисоби намояндагони бахши ғайритиҷоратӣ захираи кадрии тайёршуда ташкил карда шавад;
- ташаккули муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ вусъат ёбад.

Дар бобҳои қаблӣ нишон дода шудааст, ки ТҒТ ҷиҳати муҷаҳҳаз сохтани ҷойҳои кории махсус ва аз байн бурдани монеаҳо дар самти фаъолияти

иҷтимоии осебпазир имконияти молиявӣ надоранд ва ин боиси коҳиш ёфтани ҷалби ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ба фаъолияти меҳнатӣ мегардад.

Вобаста ба ин, мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир бояд равиши системавӣ дошта бошад. Ин равиш модели универсалиеро фаро мегирад, ки усулҳои гуногун, аз ҷумла усулҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад (расми 3.3).




***Расми 3.3. - Усулҳои мукаммалгардонии фаъолияти ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ***
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Қайд кардан зарур аст, ки зарурати баланд бардоштани сатҳи ҳамгироии қишри осебпазири аҳолӣ ба фазои иқтисодии кишвар такмили усулҳои ҳалли масъалаи мазкурро тақозо менамояд.

Усули иқтисодӣ асосан ҷорӣ намудани имтиёзҳо, нигоҳдорӣ ва тақвияти ҳавасмандгардонии ТҒТ тавассути тадбирҳои иқтисодӣ ва молиявӣ, аз ҷумла субсидияҳо, омӯзиш ва такмили ихтисоси қишри осебпазир, мутобиқсозии ҷойҳои корӣ, ҳамчунин имтиёзҳои андозию қарзӣ ва ғайраро дар назар дорад. Дар ин раванд тадбирҳои иқтисодию молиявӣ мақоми марказиро дар дастгирию шаклгирии ТҒТ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ касб кардаанд.

Усули ҳуқуқӣ такмили қонунгузорӣ, татбиқ ва риояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва кафолатҳои иҷтимоии ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолиро ифода мекунад. Ба ин раванд бештар мониторинги риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, баланд бардоштани масъулияти корфармоён зимни ба кор ҷалб кардан ва ё дар ҷараёни фаъолият поймол нагардидани ҳуқуқи қишри осебпазири ҷомеаро фаро мегирад.

Усули ташкилӣ такмили фаъолияти мавҷуда ва таъсиси сохторҳо ва барномаҳоеро, ки ба шуғли фарогир мусоидат мекунанд, инчунин рушди шарикӣ бо ТҒТ, ки бо қишри осебпазири аҳолӣ оид ба масоили дарёфти кори мувофиқ, омӯзишӣ-машваратӣ корбарӣ мекунанд, дар бар мегирад.

Усули иҷтимоӣ муҳити мусоиди корӣ, татбиқи барномаҳои таълимӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии корфармоён дар бораи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии шуғлнокии қишри осебпазири аҳолӣ, ташаккули фарогири корпоративӣ ва рушди масъулияти иҷтимоии бизнесро фаро мегирад.

Мавриди зикр аст, ки бо татбиқи усулҳои зикршуда ҳамкории ТҒТ бо қишри осебпазири аҳолӣ бояд ба муносибати маҷмуӣ асос ёбад ва дар ин замина манфиатҳои ТҒТ ва эҳтиёҷоти махсуси қишри осебпазири аҳолиро инъикос намояд. Равиши мазкур ҳамчун мукаммалгардонии низоми идоракунии ТҒТ баромад намуда, шароитеро ба вуҷуд меорад, ки таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва фарогирии иҷтимоии ТҒТ таъмин гардида, ба таҳкими амнияти иқтисодӣ метавонад таъсири мусбат расонанд.

Ҳамзамон, тавре ки дар бобҳои боло қайд шудааст, хусусияти шаклгирии ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ зарурати таҳияи механизми рушди ин шакли фаъолиятро тақозо менамояд, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ буда тавонад. Бинобар ин, вобаста ба вазъи кунунии кишвар механизми мукаммалгардонии ТҒТ-ро ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ пешниҳод менамоем (расми 3.4).

Вижагиҳои ин шакли соҳибкорӣ дар зарурати таҳияи механизми дастгирии давлатӣ зоҳир мегардад ва рақобатпазир будани ин шакли соҳибкориро, ки ба талаботи имрӯза мувофиқ мебошад, таъмин менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки бинобар тазодҳои ҷаҳони муосир, нақши давлат ва соҳибкорӣ, бахусус фаъолияти соҳибкории ТҒТ бояд таҷдиди назар карда шавад. Бухрони ҷаҳонии иҷтимоию иқтисодӣ, ки зимни пандемияи COVID-19 ба миён омад, аҳаммияти модели рушди иҷтимоӣ-бозории иқтисодиётро нишон дод. Аз ҷониби давлат дастгирии ҳуқуқӣ ва рушди инфрасохтор ҷиҳати фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ зарур аст. Минбаъд ҳамкорӣ байни ин ду ҷанбаи ҳаёти ҷамъиятӣ, яъне давлат ва соҳибкорӣ имкон медиҳад гаронии буҷет кам карда шуда, сатҳи шуғлнокии аҳолӣ баланд ва ин шакли соҳибкорӣ рушд ёфта, дар ин замина, сифати молу хизматрасонӣ беҳтар карда шавад.




***Расми 3.4. - Механизми шаклгирии ТҒТ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ***
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Дастгирии мақсадноки давлатӣ ба ТҒТ имкон медиҳад на танҳо устувории молиявии онҳо таъмин карда шавад, ҳамзамон ба ташаккули масъулияти иҷтимоии бизнес низ дар шароити бесуботии фаъолият мусоидат намояд. Масъулияти тамоюли иҷтимоидошта ба фароҳам овардани модели фарогири иқтисодӣ, ки таъмини баробари талаботи ҷомеа ва ба таконҳои беруна тобоварро имкон медиҳад. Дар ин замина, мушаххасоти умумӣ ва самтҳои фаъолияти ТҒТ ҳамчун субъекти иқтисодӣ ва соҳибкории иҷтимоӣ бо қишри аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир нишон дода шудааст (расми 3.5).




***Расми 3.5. - Мушаххасоти фаъолияти ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир***
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи муосири тараққиёти иқтисоди миллӣ ТҒТ дар ташаккули муносибатҳои бисёрсамтаи молиявию иҷтимоии ҷомеа нақши муҳимро иҷро мекунанд. Мавҷуд будани ТҒТ дар иқтисодиёт

инъикоскунандаи сатҳи рушдёбии ҷомеа ба ҳисоб рафта, фаъолияти онҳо на танҳо ба ашхоси алоҳида, балки ба ҷомеа таъсири мусбат мерасонад.

Имрӯзҳо масъалаҳои мубрам дар низоми ТҒТ боқӣ мондан ва рушд ёфтани чунин ташкилотҳо дар шароити ноустувории иқтисодию сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи хориҷии мукаммалгардонии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир нишон медиҳад, ки рушди чунин ташкилотҳо тасодуфӣ набуда, балки дар заминаи нақша ва тадбирҳои андешидашуда тадриҷан рушд меёбанд.  Дар ин асос ва тибқи шароити мавҷудаи кишвар механизми иловагии мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ-ро пешниҳод менамоем, ки якчанд унсурҳои бо ҳам алоқамандро дар бар гирифта, татбиқи онҳо имконияти самаранок фаъолият намудани чунин ташкилотҳоро таъмин намуда, ба таҳкими амнияти иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад (расми 3.6).




***Расми 3.6. - Механизми мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ***
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Бояд қайд кард, ки дастгирии иттилоотӣ барои ТҒТ маҷмуи чорабиниҳоест, ки ба беҳтар намудани шинохт, эътимод ва самаранокии фаъолияти онҳо равона шудааст. Вобаста ба ин, бояд ҷиҳати таҳияи логотип,

ташкили сомона, омодасозии маводи муаррифиро фаро гирад. Рақамикунонии иқтисодиёт яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад ва дар ин замина, тамоми ташкилоту корхонаҳо кӯшиш менамоянд сомонаи интернетии худро дошта бошанд. Вобаста ба ин, ташкил ва паҳнкунии маълумот оид ба самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасониҳои ТҒТ тавассути сомонаҳои интернетӣ, кушодани бахши алоҳида доир ба фаъолияти ТҒТ дар сомонаҳои мақомоти дахлдори давлатӣ ва ворид намудани маълумоти муфассал ба он, ҳамкории мақомоти дахлдори давлатӣ бо ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир, феҳрасти хизматрасониҳо ва самтҳои фаъолияти ТҒТ метавонад дар инкишофи минбаъда ва ошкор шудани иқтидори фаъолияти чунин ташкилотҳо кумак расонад. Ҳамзамон, ташкил ва маблағгузории семинараҳои истеҳсолӣ, намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ва таъмини иштироки ТҒТ дар чунин чорабиниҳо ҷиҳати муаррифии онҳо ба ҷомеа, таъмини дастрасии иттилооти ба ТҒТ тавассути шабакаҳои гуногун ва захираҳои интернетӣ низ метавонад яке аз самтҳои иловагии мукаммалгардонии фаъолияти ТҒТ бошад.

Дигар самти дастгирии ТҒТ ин дастгирии машваратию методӣ буда, барои қонунӣ, касбӣ ва ба таври муассир ба роҳ мондани фаъолияти ТҒТ кумак менамояд. Ба ин шакли дастгирӣ расонидани хизматҳои ройгони машваратӣ ба ТҒТ, аз ҷумла оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, баҳисобгирӣ, идоракунӣ, андоз ва ғайра, ҳамзамон масъалаҳои ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ бо мақсади дастгирӣ аз онҳо, тавсифи таҷрибаи пешқадами ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ тавассути ТҒТ, кушодани нуқтаҳои маълумотдиҳӣ дар минтақаҳо барои соҳибкорони иҷтимоӣ ва ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта, таҳияи бизнез-нақша, ҷалби грантҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Самти дигари дастгирии ТҒТ - мусоидат ба татбиқи хизматрасониҳои соҳибкории хурд дар ТҒТ мебошад. Ин шакли дастгирӣ метавонад воситаи муҳим барои рушди устувори молиявии ТҒТ баромад намуда, ба татбиқи як қатор хизматрасониҳо дар ТҒТ, аз ҷумла рекрутинг, бизнес-инкубатсия, зерпудрат ва ғайра дар асоси аутсорсинг равона шудааст.

Самти дигари мукаммалгардонии фаъолияти ТҒТ ин рушди иқтидори кадрӣ мебошад, ки якчанд унсурҳоро дар бар мегирад. Ба ин унсурҳо ташкили чорабиниҳои таълимӣ-касбӣ ба кормандони ТҒТ, фароҳам овардани имконот барои гирифтани субсидия ҷиҳати ҷуброни хароҷоти тайёр намудани мутахассисон, беҳтар намудани шароити корӣ, дастгирии иштироки кормандони ТҒТ дар семинару конфронсҳо, сафарҳои гурӯҳӣ барои мубодилаи таҷриба ва ғайра дохил мешаванд.

Дигар самти мукаммалгардонии фаъолияти ТҒТ ин истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Ин шакли дастгирӣ ба афзоиши захираҳои молиявӣ ва таъсири иҷтимоии ТҒТ ба ҷомеа мусоидат менамояд. Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишвар метавонад ҳамчун василаи муассири таҳкими инфрасохтори иҷтимоӣ ва рушди ТҒТ, аз ҷумла дар самти дастгирии иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, маориф, тандурустӣ, варзиш, сиёсати ҷавонон ва ғайра истифода бурда шавад. Илова бар ин, ин шакли ҳамкорӣ барои таъсиси фондҳои муштарак, ҷалби сарпарастони молиявӣ, татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои иҷтимоии давлатӣ кумак намуда, ҳамзамон ба такмили қонунгузорӣ ва масъулияти иҷтимоии субъектҳои бизнес мусоидат менамояд.

Дигар самти мукаммалгардонии ТҒТ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир ин ҷорӣ намудани низоми рейтингкунонии онҳо мебошад. Ин шакли дастгирӣ воситаи муҳимми рушди рақобатпазирӣ, шаффофият ва такмили фаъолияти ТҒТ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд мақомоти ҳамоҳангсози ТҒТ-ро лозим аст ҷиҳати тартиб додани рейтинг дар минтақаҳо меъёрҳо муайян намоянд. Дар ин замина, рейтинг бояд аз рӯйи меъёрҳои мушаххас, аз ҷумла саҳми ТҒТ дар ҳалли масоили иҷтимоии осебпазир, самаранокии иҷтимоию иқтисодии лоиҳаҳо, арзёбии натиҷаҳои воқеӣ, шаффофияти фаъолият, навоварӣ ва мувофиқати вазифаҳои амалии ТҒТ таҳия ва татбиқ карда шавад. Ин раванд ба давлат имкон медиҳад, ки ташкилотҳои самарабахшро муайян намуда, таъмини минбаъдаи дастгирии молиявӣ ва ғайримолиявиро ба онҳо бештар гардонад.

Қайд кардан зарур аст, ки механизми дар боло овардашуда имкон медиҳад самаранокии низоми (системаи) фаъолияти ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир таъмин карда шавад.

**Хулосаи боби сеюм**. Қайд кардан зарур аст, ки омили муҳимми мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир ин ташкили кор дар асоси равиши системавӣ мебошад. Дар шароити муосири иқтисодию иҷтимоӣ нақши ТҒТ дар таъмини дастгирии қишрҳои осебпазири ҷомеа аҳаммияти бештар пайдо менамояд. Дар шароити «нокомии бозор» кишварҳо на ҳама вақт имконияти таъмини эҳтиёҷоти ин қишри аҳолиро доранд, бинобар ин, ТҒТ ба ҳайси шарики давлат дар ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ иштирок мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати фаъолияти самараноки чунин ташкилотҳо бояд равиши системавӣ оид ба мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир татбиқ карда шавад, ки тавонад фаъолияти ТҒТ-ро дар самти кор бо қишри осебпазир таҳким бахшида, ба талаботи ҷомеаи муосир ҷиҳати ҳалли масоили иҷтимоӣ ҷавобгӯ бошад.

Мақсади татбиқи равиши системавӣ таҳкими самаранокӣ ва устувории фаъолияти ТҒТ тавассути ҷорӣ намудани модели рафтори ТҒТ дар иқтисодиёт ҳамчун субъекти иқтисодӣ, татбиқи усулҳои мукаммалгардонии фаъолияти ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир, шаклгирии ТҒТ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ, ташаккули механизми мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ мутобиқ ба эҳтиёҷоти аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ва умуман, ҷомеаи муосир мебошад.

Дар заминаи боби мазкур равиши системавии мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ муайян шудааст, ки бояд самтҳои зеринро дар бар гирад:

- навсозии сохтор ва равандҳои идоракунӣ дар ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта;

➢ татбиқи технологияҳои навини идоракунӣ, ки самаранокӣ ва шаффофияти фаъолияти ТҒТ-ро таъмин менамоянд;

➢ тақвияти ҳамкориҳо бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва бахши хусусӣ;

➢ таъмини шаффофият дар фаъолият ва ҳисоботдиҳӣ;

➢ тақвияти малакаи идоракунӣ ва тахассусмандии кормандон.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ равиши системавӣ оид ба мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ бояд унсурҳои зеринро дар бар гиранд:

➢ ҳифзи манфиатҳои инсон, новобаста аз вазъи ҷисмонӣ, молиявӣ, миллӣ, динӣ ва дигар хусусиятҳо, яъне фаъолият бояд дар асоси эҳтиром ба шаъну шарафи инсон роҳандозӣ карда шаванд;

➢ самаранокӣ ва шаффофияти фаъолият, яъне тамоми фаъолият бояд арзёбӣ ва баҳогузорӣ карда шавад;

➢ ҳамкории байнисоҳавӣ, яъне фаъолият дар асоси ҳамкорӣ бо дигар соҳаҳо, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, хадамоти шуғл ва ғайра бояд сурат гирад;

➢ мутобикшавӣ ба вазъият, яъне зимни идоракунӣ бояд хусусиятҳои маҳаллӣ ба инобат гирифта шаванд.

Бинобар ин, равиши системавӣ оид ба мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар самти иҷтимоии осебпазир бояд ба принсипҳои зерин такя намояд:

➢ такмили сохтор ва равандҳои идоракунӣ, яъне татбиқи моделҳои идоракунии стратегӣ, вогузории масъулиятҳо ва ваколатҳо, муайян намудани рисолат ва арзишҳои ташкилот;

➢ таҳкими захираҳои инсонӣ, яъне бозомӯзии кормандон, омода кардани кадрҳои идоракунии ТҒТ ва ғайра;

➢ густариш ва васеънамоии манбаъҳои молиявӣ тавассути таъсис ва татбиқи механизмҳои устувори маблағгузорӣ, аз ҷумла грантҳо, сармоягузориҳои иҷтимоӣ ва ҷалби донорҳо ба бахши хусусӣ;

- таҳияи механизмҳои назорат ва арзёбӣ, яъне татбиқи системаҳои мониториг ва арзёбии таъсир, шаффофияти фаъолият ва ғ.

Қайд кардан зарур аст, ки зимни татбиқи унсурҳои арзёбии равиши системавӣ оид ба мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ метавон ба дастовардҳои зерин ноил гардид:

- афзоиши хизматрасониҳо барои қишри осебпазири аҳолӣ ва умуман, ҷомеа;
- афзоиши эътирофу эътимоди ҷомеа ба ТҒТ;
- пайдо шудани моделҳои устувори иқтисодию иҷтимоии дастгирӣ;
- тақвияти ҳамкориҳои байнисоҳавӣ, давлатӣ ва хусусӣ.

Мукаммалгардонии низоми (системаи) идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ яке аз самтҳои муҳим дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Мукаммалгардонии низоми мазкур дар шароити кунунии кишвар зарур буда, ба ТҒТ имкони паст намудани нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа, ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва дар маҷмуъ, ба фазои иқтисоди иҷтимоӣ ҷалб намудани қишри осебпазири аҳолиро фароҳам оварда, дар рушди устувори иқтисодӣ метавонад таъсири мусбат расонад ва ба ин васила, дар таҳкими амнияти иқтисодӣ саҳм гузорад.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар таҳқиқот консепсияи муаллифие асоснок гардидааст, ки тибқи он таҳқиқи фаъолияти ТҒТ ва такмили низоми идоракунии чунин ташкилотҳои тамоюли иҷтимоидошта ба таҳкими амнияти иқтисодӣ дар сатҳи кишвар тавассути коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷалби қишри осебпазири ҷомеа ба муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Чунин хулоса шудааст, ки роҳандозии дастгирии самараноки ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта тавассути усулҳои институтсионалӣ, буҷетӣ ва молиявию андозӣ фаъолияти онҳоро дар ҳалли мушкилоти табақаи осебпазири аҳолӣ ҷоннок карда, онҳо бо ин роҳ ба таъмини устувории иқтисодӣ ва пешгирӣ аз таҳдидҳои дохилӣ мусоидат менамоянд [ 2-М, 4-М, 6-М, 7-М].

2. Муҳтавои иқтисодии категорияҳои «корхонаи иҷтимоӣ» ва «соҳибкории иҷтимоӣ» ҳамчун шаклҳои муосири ташкилӣ-иқтисодии ТҒТ муайян карда шудааст. Исбот шудааст, ки соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун шакли фаъолияти муосири иқтисодӣ ба ташаккули муҳити инноватсионӣ, ҷалби сармоя ба соҳаҳои аҳаммияти иҷтимоидошта ва дар ин замина, ба таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат менамояд. Нақши назарраси ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таҳкими амнияти иқтисодии кишвар тавассути ҳалли масоили иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, аз ҷумла: 1) ташкили ҷойҳои корӣ дар доираи барномаи шуғли фарогир; 2) фарогирии гендерӣ; 3) коҳиши муҳоҷират ва фирори мағзҳо; 4) тавсеаи иқтисодиёти сабз; 5) муттаҳиднамоии ҳадафҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои бозорӣ нишон дода шудааст [1-М, 10-М, 14-М, 15-М].

3. Методологияи арзёбии саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ такмил дода шуда, мувофиқи мақсад будани истифодаи равишҳои системавӣ, институтсионалӣ ва усули арзёбии таъсир (impact assessment) исбот карда шудааст. Дар равиши системавӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи модели умумии дастгирии иҷтимоӣ ва дар ҳамбастагӣ бо давлат, бахши хусусӣ ва аҳолӣ арзёбӣ гардидааст. Тибқи равишҳои

институтсионалӣ ва бо усули арзёбии таъсир меъёрҳо, қоидаҳо ва амалияи фаъолияти ташкилотҳои мазкур муайян ва андозагирӣ мешаванд. Дар маҷмуъ, истифодаи равишҳои методологии мазкур дар арзёбии саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар самти иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ имкон медиҳад, ки назарияи таъмини амнияти иқтисодӣ тавассути ворид намудан ба системаи нишондиҳандаҳои ҳадди ақали макроиқтисодӣ нишондиҳандаҳои иҷтимоии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии ба соҳаи иҷтимоиёт нигаронидашуда васеъ карда шавад  [8-М, 13-М].

4. Методикаи ҳамгироии истифодабарии маҷмуи усулҳои мукаммалгардонӣ дар низоми идоракунии фаъолияти ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки фарогири усулҳои: а) иқтисодӣ (имтиёзҳо, субсидияҳо, грантҳо ва имтиёзҳои андозию қарзӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии ТҒТ дар  бахшҳои иҷтимоӣ); б) ҳуқуқэҷодкунӣ (ворид намудани тағйироти дахлдор дар санадҳои амалкунандаи соҳа); в) ташкилӣ (фароҳамсозии инфрасохтори дахлдор, тақвияти барномаҳои шуғли фарогир, роҳандозии ҳамкории давлат бо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) ва г) иҷтимоӣ (бунёди инфрасохтор ва шароити мусоиди корӣ барои табақаҳои осебпазир, баланд бардоштани сатҳи огоҳии корфармоён, ташаккули фарҳанги корпоративӣ ва густариши масъулияти иҷтимоии бизнес) мебошад. Методикаи мазкур бояд ҳамчун механизми ягона дар низоми идоракунии фаъолияти ТҒТ амалӣ карда шавад [4-М, 7-М].

5. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ҷиҳати таҳкими амнияти иқтисодии мамлакат мукаммалгардонии низоми идоракунии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ зарур мебошад. Татбиқи маҷмуи усулҳои идоракунии дар боло зикршудаи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ имкон медиҳад ки самаранокии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва кам кардани хавфҳо афзоиш ёбад. Такмили қонунгузории амалкунанда дар самти соҳибкории иҷтимоӣ барои рушди ташаббусҳои инноватсионӣ ва устувории фаъолияти ТҒТ шароити мусоиди институтсионал фароҳам меоварад. Инкишофи

ҳамкорӣ миёни мақомоти давлатӣ ва ТҒТ ба баланд бардоштани эътимод, зиёд шудани чорабиниҳои иҷтимоӣ ва ташкили инфрасохтору шароити мусоиди корӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ки ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ, таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад [8-М, 13-М].

6. Бо дарназардошти аҳаммияти иқтисодию иҷтимоӣ доштани ТҒТ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва дар ин замина таҳкими амнияти иқтисодӣ, дар диссертатсия низоми мукаммали дастгирии чунин ташкилотҳо асоснок ва пешниҳод шудааст. Тадбирҳои марбут ба дастгирии институтсионалӣ - такмили меъёрҳо ва санадҳои дахлдори соҳа, дастгирии буҷетӣ - маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ, дастгирии молиявӣ - пешниҳоди субсидияҳо ба ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта, андозӣ - додани имтиёзҳои махсус ба онҳо, дастгирии моддӣ дар шакли таъмини биноҳо ва иншооти зарурӣ барои ТҒТ, таҳия ва пешниҳод карда шудааст [8-М].

7. Дар раванди таҳқиқот зарурати ба низоми арзёбии нишондиҳандаҳои ҳадди ақали таъмини амнияти иқтисодӣ ворид кардани нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ вобаста ба фаъолияти ТҒТ асоснок карда шудааст. Бо ин мақсад блоки нишондиҳандаҳои ҳадди ақали иҷтимоии арзёбии амнияти иқтисодӣ дар заминаи фаъолияти ТҒТ таҳия гардидааст, ки аз унсурҳои зерин иборат аст: сатҳи таваррум (≤ 5% дар як сол); сатҳи бекорӣ (≤ 6% барои гурӯҳҳои осебпазир); сатҳи камбизоатӣ (≤ 15%); коэффитсиенти шуғлнокӣ (≥ 70%); индекси рушди инсонӣ (≥ 0,7); сатҳи ҷалби гурӯҳҳои осебпазир ба барномаҳои дастгирӣ (≥ 60%). Қайд шудааст, ки то имрӯз дар мамлакат танҳо «Реестри ягонаи оилаҳои камбизоат» тартиб дода шудааст ва сатҳи ҷалби табақаи осебпазир ба барнома ва дастгириҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон муайян карда нашудааст, ҳол он ки сатҳи мазкур нишондиҳандаи марказии иҷтимоии амнияти иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

8. Дар баробари институтсионаликунонии равандҳои ҳамкорӣ, яъне ворид намудани ТҒТ ба низоми расмии шарикӣ бо сохторҳои давлатӣ ҷиҳати татбиқи барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар таҳқиқот зарурати татбиқи усули

арзёбии таъсир (impact assessment) ҳамчун воситаи асосии мониторинг барои муайян намудани таъсири воқеии барномаҳои ТҒТ ба таҳкими амнияти иқтисодӣ исбот карда шудааст. Ҳамчунин нишондиҳандаҳои бевоситаи ҳадди ақали таъмини амнияти иқтисодӣ зимни фаъолияти ТҒТ бояд ба инобат гирифта шаванд, аз ҷумла: а) сатҳи ҳадди ақали шуғли маъюбон ва ҷалби онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ бояд на камтар аз 50%-и шумораи умумӣ бошад; б) сатҳи дастгирии иқтисодии муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо тавассути ТҒТ бояд на камтар аз 60%-и чунин оилаҳоро ташкил диҳад; в) ҳиссаи заноне, ки тавассути ТҒТ дастгирӣ ва маълумоти омӯзишӣ-иқтисодӣ мегиранд, бояд на камтар аз 40% аз шумораи умумӣ бошад; г) ҳиссаи афзоиши солонаи лоиҳаҳои «сабз» дар фаъолияти ТҒТ дар ҳудуди 10-15% таъмин карда шавад; д) самаранокии низоми идоракунӣ дар фаъолияти ТҒТ бояд ба 80%-и меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқат намояд [8-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Моделҳои идоракунии ТҒТ дар кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳанд, ки татбиқи барномаҳои таъмини иттилоотӣ, машваратӣ ва дастгирии методӣ ба фаъолияти онҳо яке аз самти таҳкими амнияти иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид, молиякунонии барномаҳои минтақавии дастгирии ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта дар асоси озмун аз буҷети марказӣ ба буҷетҳои сатҳҳои поёнӣ пешниҳоди субсидияҳо барои татбиқи барномаҳои маҳаллию ҷумҳуриявӣ метавонад мусоидат кунад. Чунин усули идоракунии ТҒТ бештар дар давлатҳои рӯ ба инкишоф истифода бурда шуда, аз ҷониби вазорати дахлдор ҳамоҳангсозии субсидияҳоро ба минтақаҳо бо дарназардошти фаъолияти ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта таъмин мекунад.

2. Фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта имтиёзҳои махсуси андозиро тақозо дорад. Имтиёзҳои андозӣ бояд ба ду самт равона бошанд: а) додани имтиёзҳои андозӣ ба худи ТҒТ-и тамоюли иҷтимоидошта; б) додани имтиёзҳо ба донорҳо ва сарпарастони эҳтимолӣ. Набудани имтиёзҳои андозӣ боиси фаъолияти ғайрисамараноки ТҒТ, зиёдшавии хароҷотҳои маъмурӣ, коҳиши ҷамъоварии маблағҳои хайриявӣ ва

ниҳоят, пастравии нишондиҳандаҳои иҷтимоии арзёбии амнияти иқтисодӣ мегардад.

3. Таҳқиқоти дар диссертатсияи гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» меъёрҳои ҳуқуқии эътироф шудани шакли соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун субъекти мустақили иқтисоди бозорӣ бояд ворид карда шаванд. Бо дарназардошти баъзе ҷанбаҳои дастгирии институтсионалӣ, ки асоси рушди ТҒТ-ро ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳанд, дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015, №645 «Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2025-2030» аз 28 январи соли 2021, №5 чунин меъёрҳои ҳуқуқӣ низ бояд ворид карда шаванд.

4. Дар диссертатсия пешниҳод мегардад, ки дар моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» доир ба амалисозии соҳибкории иҷтимоӣ аз тарафи ТҒТ меъёри ҳамчун корхонаи ба соҳибкории иҷтимоӣ машғулбуда ҳисобидани ташкилоти мазкур, дар фаъолияти онҳо ҳиссаи ашхоси осебпазири бо кор таъминшуда дар байни умумии кормандони ташкилот на камтар аз 50/100 ворид карда шавад. Дар марҳилаи оғози фаъолияти ташкилот меъёри мазкур ба андозаи 30/100 ҷорӣ карда шавад.

5. Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки бо мақсади баланд бардоштани мавқеи ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта дар раванди таҳкими амнияти иқтисодии мамлакат зарурати дар доираи Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” таъсиси ниҳоди (институти) махсуси дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ тақозои саривақтӣ мебошад. Фаъолияти ниҳоди мазкур ба самтҳои зерин: таҳияи нақшаи солонаи чорабиниҳо оид ба рушди соҳибкории иҷтимоӣ; интихоби агенти боэътимод ҷиҳати ҳамкорӣ дар ин самт; таъсиси корхонаҳои иҷтимоӣ

ва роҳандозии фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ, таҳияи ҳисоботҳои таҳлилӣ оид ба соҳибкории иҷтимоӣ нигаронида мешавад.

Татбиқи тавсияҳои методии мазкур метавонад боиси афзоиши устувории ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

**Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)**

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

[1]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__11_02_2025-RT_tj.pdf (санаи муроҷиат: 12.06.2025).

[2]. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). (Қонуни ҶТ аз 12.05.2007 № 247, аз 22.07.2013 № 976).

[3]. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/tj._1.pdf (санаи муроҷиат: 23.09.2022).

[4]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», ш. Душанбе 28 июни соли 2011, № 721.

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ». 12 майи соли 2007 № 258. [Манбаи электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/258_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 20.04.2023).

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ», ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2119.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» [Манбаи электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/760_tj.pdf (санаи муроҷиат: 20.04.2023).

[9]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/19839 (санаи муроҷиат: 05.01.2022).

[10]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».

[Манбаи электронӣ]. – URL: https://prezident.tj/event/missives/36370 (санаи муроҷиат: 07.02.2024).

[11]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Манбаи электронӣ]. - URL: http://president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 12.04.2023).

[12]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [Манбаи электронӣ]. – URL: https://prezident.tj/event/missives/49225 (санаи муроҷиат: 07.02.2025).

[13]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017 шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/16771 (санаи муроҷиат: 10.03.2022).

[14]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 16.12.2025 шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/54181 (санаи муроҷиат: 20.12.2025).

[15]. Правительство Российской Федерации. Распоряжение от 2 сентября 2024 г. № 2401-р «О Концепции по повышению уровня занятости инвалидов в Российской Федерации на период до 2030 года» [Электронный ресурс]. — Москва, 2024. — 18 с. — URL: http://static.government.ru/media/files/UTeSmyLYW4Y1koQrPPugkRAtLkHgcAj5.pdf. — (дата обращения: 21.05.2025).

[16]. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037. [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.wis.tj/wp-content/uploads/2024/01/2.-Green-Energy-Strategy.pdf (санаи муроҷиат: 12.09.2024).

[17]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ]. – URL:

https://medt.tj/documents/main/strategic_national_programm/strategic_national_prog__tj.pdf (санаи муроҷиат: 12.09.2022).

**Захираҳои электронӣ:**

[18]. 39% людей с ограниченными возможностями в Казахстане трудоустроены — министерство. — [Электронный ресурс]. — URL: https://qazinform.com/news/39-of-disabled-people-in-kazakhstan-are-employed-ministry-ee2c80. (дата обращения: 21.05.2025).

[19]. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.stat.tj/ (санаи муроҷиат: 17.12.2025).

[20]. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи СММ «Рио+20» оид ба рушди устувор [Манбаи электронӣ]. – URL: https://khovar.tj/2011/10/konfrons-oid-ba-masala-1203-oi-marbut-ba-1203-amkor-1251-dar-so-1203-ai-ob/. (санаи муроҷиат: 12.04.2021).

[21]. Большинство людей с ограниченными возможностями лишены возможности получить качественную работу. — 2023. — [Электронный ресурс]. — URL: https://www.edf-feph.org/majority-of-persons-with-disabilities-locked-out-of-quality-employment/. (дата обращения: 21.05.2025).

[22]. В свете послания Лидера нации. Реализация «Стратегии развития «зелёной» экономики на 2023-2037 годы» способствует развитию отрасли [Электронный ресурс]. – URL: //https://tajsohtmon.tj/ru/news_ru/16853-v-svete-poslaniya-lidera-nacii-realizaciya-strategii-razvitiya-zelenoy-ekonomiki-na-2023-2037-gody-sposobstvuet-razvitiyu-otrasli.html. (дата обращения: 12.03.2023).

[23]. В Таджикистане оказана единовременная социальная помощь более 112 тысячам малоимущих семей [Электронный ресурс]. – URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20241212/v-tadzhikistane-okazana-vremennaya-sotsialnaya-pomotsh-bolee-112-tisyacham-maloimutshih-semei. (дата обращения: 23.02.2025).

[24]. Всемирный банк. Бедность [Электронный ресурс]. – URL: https://documents1.worldbank.org/curated/en/099101424092027337/pdf/P500855154dddе0b31827a1e9377c43d15e.pdf. (дата обращения: 08.01.2025).

[25]. Годовой отчёт о результатах 2024 года: Таджикистан / UN Women [Электронный ресурс]. – URL: https://uninfo.blob.core.windows.net/uninfo-production-main/61ecf157-99c5-4dd3-9b82-ade8dd9c6f39_UN%20in%20Tajikistan%20ARR%202024%20Final%20Digital%20Version.pdf. (дата обращения: 19.07.2025).

[26]. Годовой отчёт о результатах 2024 года: Таджикистан / UNHCR. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.unhcr.org/sites/default/files/2025-06/Tajikistan%20ARR%202024.pdf (дата обращения: 19.07.2025).

[27]. Годовой отчёт о результатах 2024 года: Таджикистан / UNICEF. [Электронный ресурс]. – URL: https://open.unicef.org/download-pdf?country-name=Tajikistan&year=2024. (дата обращения: 19.07.2025).

[28]. Годовой отчёт о результатах 2024 года: Таджикистан. [Электронный ресурс]. – URL: https://minio.uninfo.org/uninfo-production-main/61ecf157-99c5-4dd3-9b82-ade8dd9c6f39_UN%20in%20Tajikistan%20ARR%202024%20Final%20Digital%20Version.pdf. (дата обращения: 19.07.2025).

[29]. Дар Турсунзода корхонаи коркарди партовҳои полиэтиленӣ ба фаъолият оғоз намуд [Манбаи электронӣ]. – URL: https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/5944-dar-tursunzoda-korhonai-korkardi-partovoi-polietilen-ba-faoliyat-ooz-namud.html. (санаи мурочиат: 03.01.2023).

[30]. За полгода в Таджикистане прекращена деятельность более 50 общественных организаций [Электронный ресурс]. – URL: https://old.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20240808/za-polgoda-v-tadzhikistane-prekratshena-deyatelnost-bolee-50-obtshestvennih-organizatsii (дата обращения: 10.08.2024).

[31]. Инвалидность, работа и инклюзивность, 2022. — 120 с. — [Электронный ресурс]. — URL: https://www.oecd.org/en/publications/disability-work-and-inclusion_1eaa5e9c-en.html. (дата обращения: 21.05.2025).

[32]. Инвалидность: виды, определение и реабилитация – [Электронный ресурс]. –

URL: https://znanierussia.ru/articles/%D0%98%D0%BD%D0%B2%D0%B0%D0%BB%D0%B8%D0%B4%D0%BD%D0%BE%D1%81%D1%82%D1%8C. (дата обращения: 10.08.2024).

[33]. Индивидуальная оценка программы страны: Таджикистан / UNDP. — 2024. [Электронный ресурс]. – URL: https://erc.undp.org/evaluation/documents/download/24282 (дата обращения: 19.07.2025).

[34]. Информационно-аналитический бюллетень о развитии гражданского общества и некоммерческого сектора в РФ. [Электронный ресурс]. – URL: https://grans.hse.ru/data/2017/02/28/1166097846/Bulleten%2010_web.pdf. (дата обращения: 23.08.2023).

[35]. Коммуникационная стратегия: кыргызская диаспора, соотечественники и мигранты за рубежом [Электронный ресурс]. — Бишкек: МОМ, 2022. [Электронный ресурс].— URL: https://kyrgyzstan.iom.int/sites/g/files/tmzbdl1321/files/documents/Communication%20Strategy%20RUS.pdf (дата обращения: 15.06.2025).

[36]. Маълумоти расмии Хадамоти федералии муҳоҷирати Россия. [Манбаи электронӣ]. - URL: http://services.fms.gov.ru/info-service.htm?sid=3000. (санаи муроҷиат: 15.08.2022).

[37]. Министерство труда, социального обеспечения и миграции Кыргызской Республики. Число лиц с инвалидностью, охваченных занятостью, выросло до 2,3 тыс. [Электронный ресурс]. – URL: https://mlsp.gov.kg/ru/2024/12/02/chislo-licz-s-invalidnostyu-ohvachennyh-zanyatostyu-vyroslo-do-23-tys/. (дата обращаения: 10.06.2025).

[38]. Молодёжный Экологический Центр Душанбе. База данных экологических НПО и инициативных групп Республики Таджикистан, включая контактную информацию и направления деятельности. [Электронный ресурс]. – URL: https://tabiat.narod.ru/bdngo.htm. (дата обращения: 15.03.2025).

[39]. Мухаммад Юнус и банк "Grameen". Справка [Электронный ресурс]. – URL: https://ria.ru/20061013/54789479.html. (дата обращения: 20.11.2021).

[40]. Мусорные горы: почему никто в Таджикистане не хочет зарабатывать на стихийных свалках [Электронный ресурс]. – URL: https://fergana.agency/articles/110375/ (дата обращения: 03.01.2023).

[41]. Окончательная оценка проекта «Укрепление семей, оставшихся без кормильца, для улучшения миграционных результатов в Хатлонской области, Таджикистан» / Э. Акджаоглу, Дж. Каллик, О. Тосун, У. Гилани. — Декабрь 2023. — 20 с. [Электронный ресурс]. – URL: https://mptf.undp.org/sites/default/files/documents/2024-08/migration_mptf_tajikistan_end_of_programme_evaluation.pdf. (дата обращения: 19.07.2025).

[42]. Отчет по результатам картирования организаций гражданского общества, занимающихся социальным предпринимательством или продвигающих социальное предпринимательство, в Республике Таджикистан. Краткий отчет. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.bhr.tj/sites/default/files/library/docs/bpch_predprinimatelstvo.pdf. (дата обращения: 24.11.2022).

[43]. Отчеты общественных организаций [Электронный ресурс]. – URL: https://adliya.tj/ru/reports-of-public-organizations?ysclid=lh22b7hlii518434502 (санаи мурочиат: 27.03.2025).

[44]. Почему в Таджикистане нет мусороперерабатывающих заводов? [Электронный ресурс]. – URL: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20220426/pochemu-v-tadzhikistane-net musoropererabativayutshih-zavodov. (дата обращения: 10.05.2022).

[45]. Пресс-релиз оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024. [Манбаи электронӣ]. – URL:

https://medt.tj/tj/news/novosti-ministerstva-ekonomiki/3223-press-reliz-oidbanati-a-oirushdii-timoiyui-tisodii-um-uriito-ikistonvafa-oliyativazoratdarsoli-2024. (санаи мурољиат: 07.04.2025).

[46]. Приток денежных переводов в Таджикистан в 2024 году вырос более чем на четверть. [Электронный ресурс]. – URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20250513/pritok-denezhnih-perevodov-v-tadzhikistan-v-2024-godu-viros-bolee-chem-na-chetvert. (дата обращения: 20.07.2025).

[47]. Рабочий документ МОТ освещает проблемы трудоустройства людей с ограниченными возможностями [Электронный ресурс]. – URL: https://www.jurist.org/news/2024/09/ilo-working-paper-highlights-employment-challenges-for-people-with-disabilities/ . (дата обращения: 25.05. 2025).

[48]. Расцвет социального предпринимателя (The Rise of the Social Entrepreneur) [Электронный ресурс]. – URL: https://www.demos.co.uk/files/theriseofthesocialentrepreneur.pdf. (дата обращения: 07.02.2022).

[49]. Реестр ОО. Открытый реестр Общественных Организаций Таджикистана. [Электронный ресурс]. - URL: https://tajikngo.tj/ru_RU/index.php/ngo-navigation/. (дата обращения: 05.02.2024).

[50]. Российский опыт социального предпринимательства // NB-FUND.RU: Информационно-аналитический портал Наше будущее. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.nb-fund.ru/. (дата обращения: 17.11.2022).

[51]. СЕТЬ ООН ПО МИГРАЦИИ. Программа «Fund in Action» в Таджикистане. — URL: https://migrationnetwork.un.org/fund-action-tajikistan. (дата обращения: 19.07.2025).

[52]. Словарь бизнес-терминов «Академик.ру». [Электронный ресурс]. – URL:

URL:https://academic.ru/searchall.php?SWord=некоммерческая+организация+&from=xx&to=ru&did=&stype. (дата обращения: 10.02.2021).

[53]. Смысл социального предпринимательства (The Meaning of Social Entrepreneurship) [Электронный ресурс]. – URL: https://habr.com/ru/companies/darudar/articles/135078/. (дата обращения: 07.02.2022)

[54]. Современный толковый словарь. М.: БСЭ, 2003. [Электронный ресурс]. – URL: https://classes.ru/all-russian/russian-dictionary-encycl-term-38697.htm. (дата обращения: 07.02.2021).

[55]. Таджикистан: Развитие человеческого потенциала [Электронный ресурс]. – URL: https://www.theglobaleconomy.com/Tajikistan/human_development/#:~:text=Human%20Development%20Index%20(0%20%2D%201)&text=The%20latest%20value%20from%202023,to%202023%20is%200.602%20points. (дата обращения: 07.04.2025).

[56]. ТОП-10 агентств по трудоустройству за границей [Электронный ресурс]. - URL: https://abroadz.com/top-10-agentstv-po-trudoustrojstvu/. (дата обращения: 23.09.2023).

[57]. Труд с ограниченными возможностями // Коммерсантъ. — 2023. — [Электронный ресурс]. - URL: https://www.kommersant.ru/doc/7232910. (дата обращения: 17.12.2024).

[58]. Трудовая миграция из Таджикистана в 2023 году сократилась на 16%. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.interfax.ru/world/945780. (дата обращения: 20.010.2024).

[59]. Центрально-азиатская программа ЕБРР «Женщины в бизнесе». Базовая оценка развития женского предпринимательства в Республике Таджикистан. Апрель 2022г. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ebrd.com/ru/home.html. (дата обращения: 08.09.2022).

[60]. Экологическая информация в Центральной Азии 2022: Опыт, накопленный при внедрении принципов Совместной системы экологической

информации. [Электронный ресурс]. - URL: https://zoinet.org/wp-content/uploads/2018/01/UNEP-SEIS-CA-ru.pdf (дата обращения: 15.06.2025).

[61]. Экологические НКО Центральной Азии: направления деятельности и примеры практик TsAKO, 2023. [Электронный ресурс]. – URL: https://tsako.capsunlock.org/ (дата обращения: 25.06.2025).

[62]. Японское агентство международного сотрудничества (JICA). - 2020. Миграция, условия жизни и навыки: панельное исследование – Таджикистан, 2019. С.25. [Электронный ресурс]- URL: URL:https://www.jica.go.jp/Resource/jica-ri/publication/booksandreports/l75nbg000019cedi-att/report_20200604.pdf. (дата обращения 20.08.2023).

[63]. Agunias D. R., Newland K. Developing a Road Map for Engaging Diasporas in Development. Washington, DC: Migration Policy Institute, 2012. 120 p. [Electronic resource]. - URL: https://www.migrationpolicy.org/pubs/engagingdiasporas.pdf (date of access:15.06.2025).

[64]. Akukwe, C. Africa's Challenges for 2013 [Electronic resource]. – URL: http://allafrica.com/stories/201301100920html?viewall=1. (date of access:17.01.2022).

[65]. Alter, S.K. Social Enterprise Typology. Virtue Ventures LLC. Nov.27,2007 (revised vers.). 133c. [Электронный ресурс]. – URL: https://isfcolombia.uniandes.edu.co/images/201519/LRD31.pdf (дата обращения: 12.02.2023).

[66]. CABAR.asia. The Role of Civil Society in Green and Just Transition in Central Asia [Electronic resource]. - URL: https://cabar.asia/ru/rol-grazhdanskogo-obshhestva-v-zelenom-i-spravedlivom-perehode-v-tsentralnoj-azii (date of access: 25.06.2025).

[67]. CAREC. Climate Network Tajikistan: Activities in Tajikistan, 2020 [Electronic resource]. - URL: https://carececo.org/en/main/news/deyatelnost-klimaticheskoy-seti-rsogo-v-tadzhikistane/ (date of access: 25.06.2025).

[68]. Comparative Nonprofit Sector Project (CNP) [Electronic resource]. - URL: http://ccss.jhu.edu/research-projects/comparative-nonprofit-sector-project. (date of access: 20.01.2022).

[69]. Corporate governance [Electronic resource]. - URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Corporate_governance. (date of access: 06.08.2025).

[70]. Governing Civil Society: The Political Logic of NGO-State Relations under Dictatorship [Electronic resource]. - URL: https://www.researchgate.net/publication/226806513_Governing_Civil_Society_The_Political_Logic_of_NGO-State_Relations_Under_Dictatorship. (date of access: 06.08.2025).

[71]. Dees G.J. The Meaning of "Social Entrepreneurship" // Duke Innovation & Entrepreneurship. Reformatted and revised: May 30, 2001. [Electronic resource]. - URL: https://entrepreneurship.duke.edu/news-item/the-meaning-of-social-entrepreneurship/ (date of access: 04.03.2023)

[72]. ILO. Return and Reintegration: Philippines Country Report. Geneva: ILO, 2020. [Electronic resource]. - URL: https://www.ilo.org/sites/default/files/wcmsp5/groups/public/@asia/@ro-bangkok/@ilo-manila/documents/publication/wcms_367738.pdf. (date of access: 15.06.2025).

[73]. IOM & UN Women. Joint project empowers abandoned women in migrant families in Tajikistan. IOM, 2020. [Electronic resource]. - URL: https://weblog.iom.int/un-women-iom-project-empowers-abandoned-women-migrant-families-tajikistan. (date of access: 15.06.2025).

[74]. IOM Tajikistan. Migrant Resource Centers. IOM, 2021. [Electronic resource]. - URL: https://publications.iom.int/system/files/pdf/mrs_40.pdf (date of access: 15.06.2025).

[75]. IOM Tajikistan. Migration and Health in Tajikistan. IOM, 2021. [Electronic resource]. - URL: https://eca.iom.int/sites/g/files/tmzbdl2626/files/documents/2024-07/mhd-seeeca-annual-report-2021-final-version-1_2.pdf ( date of access: 15.06.2025).

[76]. Janaagraha [Electronic resource]. - URL: https://en.wikipedia.org/w/index.php?fulltext=1&search=Janaagraha.&title=Special%3ASearch&ns0=1 (date of access: 06.08.2025).

[77]. MIEUX+. Labour Migration in Tajikistan: New collaborative project. Brussels, 2022. [Electronic resource]. - URL: https://www.mieux-initiative.eu/en/actions/201-tajikistan-iv?utm (date of access: 15.06.2025).

[78]. Migrants and Refugees: Kyrgyzstan Country Profile. Vatican, 2022. [Electronic resource]. - URL: https://migrants-refugees.va/country-profile/kyrgyzstan/. (date of access: 15.06.2025).

[79]. Nonprofit governance: best practices and mistakes to avoid / Nonprofit board governance guide. [Electronic resource]. - URL: https://boardable.com/blog/nonprofit-governance. (date of access: 15.03.2021).

[80]. Nonprofit organization laws by jurisdiction [Electronic resource]. - URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Nonprofit_organization_laws_by_jurisdiction. (date of access: 06.08.2025).

[81]. Reuters. Kyrgyzstan adopts law targeting foreign-funded NGOs. 02.04.2024. [Electronic resource]. - URL: https://www.icnl.org/wp-content/uploads/Eng_Law-of-the-Kyrgyz-Republic-on-Foreign-Representatives_April-2-2024.pdf (date of access: 15.06.2025).

[82]. Rodriguez R. M. Migrant Heroes: Nationalism, Citizenship and the Politics of Filipino Migrant Labor // S&F Online. Barnard College, 2010. [Electronic resource]. - URL: https://sfonline.barnard.edu/immigration/print_rrodriguez.htm. (date of access: 15.06.2025).

[83]. Tajikistan — Central Asia Biodiversity. [Electronic resource]. - URL: http://centralasia.bioversityinternational.org/tadzhikistan/. (date of access: 08.04.2025).

[84]. The Astana Times. Rights of persons with disabilities. – 2025. – [Electronic resource]. - URL: https://astanatimes.com/2025/01/rights-of-persons-with-disabilities-must-be-protected-during-climate-emergencies-in-kazakhstan. (date of access: 07.08.2024).

[85]. The cost of aids. [Electronic resource]. – URL: http://www.bbc.co.uk/scotland/education/ms/southafrica/social_economic/health/. (date of access: 27.01.2022).

[86]. The Future of Global Governance: The Role of Civil Society [Electronic resource]. - URL: https://worldcivilsociety.org/the-future-of-global-governance-the-role-of-civil-society-in-shaping-new-norms/. (date of access: 06.08.2025).

[87]. The Institutional Embeddedness of Social Enterprises in Welfare State Regime: The Case of South Korea. [Electronic resource]. – URL: http://www.welfareasia.org/5thconference/papers/Park%20C_social%20enterprises%20in%20welfare%20state%20regime.pdf. (date of access: 12.01.2023).

[88]. To make economies work for everyone, we need to put a price on social impact [Electronic resource]. - URL: https://www.reuters.com/sustainability/society-equity/make-economies-work-everyone-we-need-put-price-social-impact-2025-07-28/. (date of access: 06.08.2025).

[89]. UN Network on Migration. Philippines Voluntary GCM Review. UN, 2021. [Electronic resource]. - URL: https://migrationnetwork.un.org/system/files/docs/Philippines%20-%20Voluntary%20GCM%20Review%20%281%29.pdf (date of access: 15.06.2025).

[90]. What Is a Non-Governmental Organization (NGO)? [Electronic resource]. - URL: https://www.investopedia.com/ask/answers/13/what-is-non-government-organization.asp (date of access: 06.08.2025).

[91]. Winrock International. Kyrgyzstan: Enhancing community resilience during COVID-19. Winrock, 2021. [Electronic resource]. - URL: https://files.acquia.undp.org/public/migration/kg/4022302b641128fc8ed671a85d985272f159bfb93ad3eca0a56a634ad51b58e6.pdf (date of access: 15.06.2025).

[92]. World Bank presents data about persons with disabilities in Uzbekistan. – 2023. – [Electronic resource]. - URL:

https://documents1.worldbank.org/curated/en/099415012202114964/pdf/P156962000bace01d0acaf097d2cee632d3.pdf (date of access: 07.08.2025).

[93]. World Economic Outlook: Social Stability and Economic Risks. July 2023. Washington, D.C.: International Monetary Fund, 2023. [Electronic resource]. – URL: https://www.imf.org/-/media/files/publications/weo/2023/update/july/english/text.pdf (date of access: 08.09.2024).

[94]. World Employment and Social Outlook Trends 2023. [Electronic resource]. - URL: https://www.ilo.org/sites/default/files/wcmsp5/groups/public/%40dgreports/%40inst/documents/publication/wcms_865332.pdf (date of access: 25.05.2025).

[95]. WORLD MIGRATION REPORT 2022. Chapter 6 – 9. P. 173-223. [Electronic resource]. - URL https://publications.iom.int/system/files/pdf/WMR-2022.pdf (date of access: 08.04.2025).

[96]. Written Submission – 2023. – [Electronic resource]. - URL: https://www.edf-feph.org/content/uploads/2024/03/EDF-Written-Submission-Ahead-of-EU-Tajikistan-HRD.pdf. (date of access: 07.08.2024).

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

[97]. Анализ возможностей развития социального предпринимательства в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2018. – 39 с.

[98]. Бурменко, Т.Д. Сфера услуг: экономика [Текст]: учебник / Т.Д. Бурменко, Н.Н. Даниленко, Т.А. Туренко. - М., 2007. - 328 с.

[99]. Вечканов Г.С. Экономическая безопасность: учеб. для ВУЗов [Текс] / Г.С. Вечканов – СПб.: Питер, 2007. 184– 384 с.

[100]. Кикал, Дж., Лайонс, Т. Социальное предпринимательство: миссия – сделать мир лучше [Текст] / пер. с англ. П. Миронов. М.: Альпина Паблишер, 2014. 304 с.

[101]. Крутиков В.К., Экономическая безопасность. Учебно-методическое пособие [Текст] / В.К. Крутиков ─ Калуга: ИП Стрельцов И.А. (Изд-во «Эйдос»), –2017. ─ 196 с. ISBN 978-5-905849-53-4.

[102]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – 478 с.

[103]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – 495 с.

[104]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 414 с.

[105]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – 419 с.

[106]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 429 с.

[107]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – 442 с.

[108]. Раимдодов, У.С. и другие. Исследование путей доступа лиц с инвалидностью к рабочим местам на рынке труда Таджикистана [Текст] / У.С. Раимдодов и другие. – Душанбе, 2020. - 126 с.

[109]. Райзберг, Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь [Текст] / Райзберг, Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б.– М.: ИНФРА-М, 1996. – 496 с.

[110]. Роберт Мандел. The Changing Face of National Security: A Conceptual Analysis [Текст] / Роберт Мандел. -1-е изд. - Гринвич: Praeger, 1994. – 176 с.

[111]. Саидмуродов, Л.Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики [Текст] / Л.Х. Саидмуродов. – Душанбе: Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985—7074-0. – EDN OUINAH.

[112]. ТОҶИКИСТОН: 30 - СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ (нашри расмӣ). /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – 495 с.

[113]. Тарасенко, С.А. Некоммерческий сектор в странах Европейского союза и России в контексте трансформации государства благосостояния [Текст] / С.А. Тарасенко. - СПб.: Норма, 2015. – С.51. 224 с.

[114]. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия [Текст] / Й.А. Шумпетер; [предисл. В.С. Автономова; пер. с нем. В.С. Автономова, М.С. Любского, А.Ю. Чепуренко; пер. с англ. В.С. Автономова, Ю.В. Автономова, Л.А. Громовой, К.Б. Козловой, Е.И. Николаенко, И.М. Осадчей, И.С. Семененко, Э.Г. Соловьева]. — М.: Эксмо, 2008. — 864 с. — (Антология экономической мысли).

[115]. Тимофеева, А.А. История предпринимательства в России: [Текст] учебное пособие / А.А. Тимофеева. - М.: Флинта, 2016. – 268 с.

[116]. Ховард, М. Слабость гражданского общества в посткоммунистической Европе [Текст] / М. Ховард. - М.: Аспект Пресс, 2009. - 191 с.

[117]. Экономическая безопасность: учеб, пособие [Текст] / под ред. Н.В. Манохиной. - М.; ИНФРА-М, 2019. - 320 с. - (Высшее образование; Бакалавриат). ISBN 978-5-16-009002.

